ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

ТДУ: 343. 98:343. 16+347. 963
ТКБ: 67.99 (2) 8+67.99 (2) 91
А-36

АЗАМЗОДА АКМАЛ АЗАМ

# ХУСУСИЯТҲОИ ИСТИФОДАИ ТЕХНИКАИ КРИМИНАЛИСТИКӢ АЗ ҶОНИБИ МУФАТТИШОНИ ПРОКУРАТУРА ДАР РАВАНДИ ТАФТИШИ ҶИНОЯТ: ПРОБЛЕМАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА АМАЛӢ

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ - экспертӣ; фаъолияти оперативӣ - ҷустуҷӯӣ

РОҲБАРИ ИЛМӢ:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор Назаров А.Қ.

ДУШАНБЕ – 2025

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ....................... 3**
**САРСУХАН..........................................................................................4**
**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТЕХНИКАИ КРИМИНАЛИСТӢ ВА ИСТИФОДАИ ОН ДАР ФАЪОЛИЯТИ МУФАТТИШОНИ ПРОКУРАТУРА**
1.1. Мафҳум ва низоми техникаи криминалистикӣ дар фаъолияти муфаттишони прокуратура..........................................................................17
1.2. Масъалаҳои таъминоти техникӣ - криминалистикии фаъолияти муфаттишони прокуратура……………………………………………………45
**БОБИ 2. РОБИТАИ МУФАТТИШОНИ ПРОКУРАТУРА БО ИЛМИ КРИМИНАЛИСТИКА ВА ҲАМКОРИИ ОНҲО БО МУАССИСАҲОИ ЭКСПЕРТИЗАИ СУДӢ**
2.1.Робитаи муфаттишони мақомоти прокуратура бо илми криминалистика 60
2.2. Ҳамкории муфатишони прокуратура бо муассисаҳои экспертизаи давлатии судӣ ...............................................................................................................76
**БОБИ 3. ТАЪМИНОТИ ТЕХНИКӢ - КРИМИНАЛИСТИКИИ ФАЪОЛИЯТИ МУФАТТИШОНИ ПРОКУРАТУРА ДАР МАВРИДИ ГУЗАРОНИДАНИ АМАЛҲОИ ТАФТИШӢ**
3.1. Қоидаҳои универсалии истифодаи восситаҳои техникӣ ва технологияи муосир дар мавриди гузаронидани амалҳои тафтишӣ аз ҷониби муфаттишони прокуратура.......................................................................................................96
3.2. Воситаҳои техникӣ - криминалистикӣ ва технологияи фосилавӣ гузаронидани амалҳои тафтишӣ..................................................................111
3.3. Истифодаи нейросет ва зеҳни сунъӣ дар раванди гузаронидани амалҳои тафтишӣ...........................................................................................................135
**ХУЛОСА………………………………………………...……………… 156**
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ ...............................................................................................165**
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО) ........................................................170**
**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ............................................................................................. 191**

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

КҶ – Кодекси ҷиноятӣ

КҶ ҶТ – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

КМҶ ҶТ – Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ИДМ – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

ВКД ҶТ – Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ФОҶ – Фаъолияти опреративӣ – ҷустуҷӯӣ

ВИТК –воситаҳои илмӣ техникӣ–криминалистикӣ

ғ. – ғайра

с. – сол

с. – саҳифа

С. – саҳифа

қ. – қисм

қ.қ. – қисмҳо

б. – банд

б.б. – бандҳо

м. – модда

м.м. – моддаҳо

## САРСУХАН

**Мубрамии мазуи таҳқиқоти** диссертатсионӣ дар истифодаи воситаҳои техникӣ, дар раванди тафтиши ҷиноятҳо аз ҷониби муфаттишони прокуратура бо дарназардошти афзоиши ҷиноят ва мураккаб шудани технологияҳои содиршавии ҷиноятҳо мебошад. Бо дарназардошти рушди рақамикунонии ҷомеа мушкилотҳои гуногун дар раванди тафтиши ҷиноятҳо ба миён меояд, ки яке аз онҳо ҷамъоварӣ намудани далелҳои хусусияти информатсионӣ – комуникатсионӣ дошта ба воситаи техникаи криминалистикӣ мебошад. Такмил додани усулҳои тафтиш бо роҳи интегратсияи технология сифат, суръати кори мақоми тафтиширо беҳтар намуда, ошкор кардани ҷиноятҳо ва ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандонро беҳтар мегардонад. Инчунин, омӯхтани ҷанбаҳои ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва амалии истифодаи ин технологияҳо дар фаъолияти тафтишӣ муҳим аст. Ин таҳқиқот бо зарурати мутобиқгардонии қонунгузорӣ ба шароити нави тафтишӣ равона карда мешавад. Мақсаднок истифода намудани техникаи криминалистикӣ аз тарафи муфаттишон махсусан истифодаи техникаи криминалистикии муосир аз қабили технологияи назоратбарии видеоӣ, чархболҳои хурд (дрон), барномаҳои нави компютерӣ барои ошкор наудан ва тафтиши ҷиноятҳо мусоидат менамояд.

Мавзуи мазкур на танҳо аҳаммияти баланди илмӣ, балки аҳаммияти амалӣ низ дорад, зеро натиҷаи таҳқиқот метавонад дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ махсусан, мақомоти прокуратура татбиқ карда, ба самаранокии адолати судӣ мусоидат намояд.

Мубрамияти рисоларо тавассути якчанд ҷанбаҳои асосӣ ошкор кардан мумкин аст. Ҷиноятҳои муосир то рафт мураккаб ва гуногун шудаистодаанд, аз ҷумла киберҷинояткорӣ, ҷиноятҳои муташаккил ва фаъолиятҳои террористӣ. Дар шароити бад шудани вазъияти ҷинояткорӣ мақомоти тафтишотӣ ба воситаҳои нави ошкор кардани ҷиноятҳо ва дастгир кардани ҷинояткорон ниёз доранд. Инкишофи босуръати техника ба он оварда

мерасонад, ки ҷинояткорон барои пинҳон доштани кирдорҳои худ аз воситаҳои технологии баландсифат истифода мебаранд. Бинобар ин, мақоми тафтишӣ низ бояд бо истифода аз воситаҳои муосири техникӣ ба шароити нав мутобиқ карда шаванд. Ин метавонад барномаҳои таъминоти дронҳо барои ҷамъоварии далелҳо ё низоми назорати видеоӣ бошад. Дар амалияи тафтишӣ ҷорӣ намудани воситаҳои техникӣ танзими дақиқи ҳуқуқиро талаб менамоянд. Дар қонунгузории ҷорӣ оид ба чӣ гуна истифодаи технология ҳангоми истифодаи усулҳои муосири тафтишот меъёрҳои ҳуқуқӣ бояд эҷод карда шаванд. Истифодаи воситаҳои техникӣ метавонад боиси хатарҳои муайян, аз ҷумла эҳтимоли поймол кардани ҳуқуқи инсон ва сӯиистифода аз мақоми хидматӣ гардад. Аз ин нигоҳ зарурияти коркарди тавсияҳо оиди истифода намудани техникаи криминалистикӣ дар раванди тафтиши ҷиноят аз тарафи муфатишон ба миён омадааст.

Мақсади асосии таҳқиқоти гузаронидашуда пешниҳод намудани тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ ба мақоми тафтишӣ ба хусус ба муфаттишони мақомоти прокуратура оид ба истифода намудани технологияи муосири криминалистикӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо равона карда шудааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни вохурӣ бо кормандони мақомоти прокуратура иброз доштанд, ки «Ҳукумати мамлакат бо дарназардошти нақши муҳимми мақомоти прокуратура дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии ҷомеа барои таҳкими заминаҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, моддиву техникӣ ва кадрии он тадбирҳои зарурӣ андешида истодааст» [188]. Аз ин бармеояд, ки зарурияти истифода намудани техникаи муосир дар ошкор ва тафтиши ҷиноят дар мадди назари Ҳукумат қарор дорад.

Таҳқиқот дар ин мавзуъ барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти прокуратура ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, таъмини тартиботи ҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон дар шароити зудтағйирёбандаи технологӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Натиҷаҳои диссертатсия

метавонанд ба таҳияи стратегияҳо ва равишҳои нав марбут ба истифодаи воситаҳои техникӣ дар фаъолияти тафтишӣ мусоидат кунанд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Мавзуъи мазкур дар адабиёти илмӣ чандон таҳқиқ нашудааст. Таҳқиқотҳои гузуронидашуда асосан усулҳои тафтиши ҷиноят, ҷанбаҳои қонунгузорӣ, самаранокии технология ва нақши муфаттишон дар раванди ҷамъоварии далелҳоро дар бар мегирад. Нуқтаҳои асосии ин мавзуро олимони зерин таҳқиқ кардаанд: Т.В. Аверьянова [9], В.В. Агафонов, В.А. Газизов, А.И. Натура [10, с. 162], И.В. Александров, Н.Н. Егоров [11, с. 216], В.Ю. Агибалова [165, с. 198], А.А. Балашовой [167, с. 214], Д.В. Бахтеева [13, с. 284], В.В. Борисова [87, с. 164-167], А.С. Бутенко [189], В.Б. Вехова, С.В. Зуева [69, с. 491], В.А. Волынский [27, с. 311], В.Ю. Васюкова [89, с. 115-116], В.Б. Вехова [91, с. 12], А.Г. Волеводза [24, с. 496], Е.В. Герасенко [28, с. 284], Г.И. Грамович [29, с. 29], Н.Н. Егоров, Е.П. Ищенко [35, с. 190], Л.Л. Козляев [118, с. 59-62], А.А. Леви [171, с. 35], Н.А. Селиванов [175, с. 5], П.Г. Скорченко [65, с. 272], А.А. Эксархопуло [71, с. 259].

Баъзе паҳлуҳои ин мавзуъ дар асарҳои олимони ватанӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд: К.Д. Давлатзода [31, с. 248], [32, с. 150], Ҷ.М. Зоир [111, с. 26-37], Р.Ҳ. Раҳимзода [173, с. 581], У.А. Меликова [57, с. 244] А.К. Назаров [134, с. 104-109] ва Б.А. Салимава [174, с. 197].

Омӯзиши усулҳои нави криминалистӣ, аз қабили истифодаи зеҳни сунъӣ барои таҳлили маълумотҳо ва шинохти намуна, таҳлили қонунгузории танзимкунандаи истифодаи усулҳои криминалистӣ, аз ҷумла масъалаҳои дахлнопазирӣ ва ҳифзи маълумотҳо, ҳамкорӣ бо дигар соҳаҳо ба монанди технологияҳои иттилоотӣ барои такмил додани усулҳои тафтишот аҳаммияти хеле калон доранд..

Ин соҳаҳо метавонанд ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти муфаттишони прокуратура ва баланд бардоштани сифати таҳқиқоти судӣ мусоидат намоянд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи «Барномаи давлатии муқовимат бо ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

барои солҳои 2021-2030» ва корҳои илмӣ – таҳқиқотии кафедраи криминалистика ва фаъолияти экпертизаи судии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода карда шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқот таҳлили истифодаи воситаҳои техникии криминалистӣ аз ҷониби муфаттишони прокуратура барои баланд бардоштани самаранокии тафтиши ҷиноятҳо мебошад. Омӯзиши воситаҳои техникии ҷамъоварӣ, таҳлил ва таҳқиқи далелҳо ва таъсири онҳо ба раванди тафтиши ҷиноят бо мақсади истифодаи воситаҳо ва усулҳои муосири техникӣ– криминалистӣ, ҳамкории мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо коршиносон дар раванди тафтиши ҷиноят мебошад.

Таҳлили истифодаи технологияҳои нав, аз қабили криминалистикаи рақамӣ, экспертиза ва таҳлили маълумотҳо барои беҳтар кардани сифати тафтишот равона карда мешавад. Ин ҷанбаҳо ба ташаккули истифодаи воситаҳои техникии криминалистӣ дар амалияи тафтишӣ мусоидат намуда, дар навбати худ бояд ба боз ҳам самараноктар ошкор ва тафтиш кардани ҷиноятҳо кӯмак расонад.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

– таҳлили мафҳуми истифодаи техникаи криминалистикӣ дар фаъолияти муфаттишони прокуратура;

– таҳлили низоми техникаи криминалистикӣ дар фаъолияти муфаттишони прокуратура;

– таҳқиқи масъалаҳои таъминоти техникӣ – криминалистикии фаъолияти муфаттишони прокуратура;

– муайян намудани робитаи муфаттишони мақомоти прокуратура бо илми криминалистика;

– муқаррар намудани ҳамкории муфатишони прокуратура бо муассисаҳои экспертизаи давлатии судӣ;

– ошкор намудани қоидаҳои универсалии истифодаи воситаҳои техникӣ ва технологияи муосир дар мавриди гузаронидани амалҳои тафтишӣ аз ҷониби муфаттишони прокуратура;

–муқаррар намудани воситаҳои техникӣ-криминалистикӣ ва технологияи фосилавӣ гузаронидани амалҳои тафтишӣ;

– таҳқиқ ва пешниҳод намудани истифодаи нейросет ва тафаккури сунъӣ дар раванди гузаронидани амалҳои тафтишӣ.

**Объекти** таҳқиқот фаъолияти муфаттишони прокуратура дар гузаронидани амалҳои тафтишотӣ, истифодаи воситаҳои техникӣ – криминалистӣ дар тафтиши намудҳои гуногуни ҷиноятҳо мебошад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот** асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва методӣ, таҳияи тавсияҳо оид ба истифодаи воситаҳои техникӣ – криминалистӣ ҳангоми гузаронидани амалҳои тафтишӣ ва дигар ҳаракатҳои мурофиавӣ мебошад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Таҳқиқоти диссертатсионӣ давраҳои тасдиқ ва омодасозии кор, инчунин муҳокимаи онро дар кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар бар мегирад. Фосилаи вақти таҳқиқот солҳои 2019-2024 фаро мегирад ва макони татбиқи он Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Дар рисола аз монографияҳо, таҳқиқоти диссертатсионӣ ва корҳои илмии олимони шинохтаи ватанӣ, Русия ва хориҷӣ истифода шудааст, ки дар онҳо паҳлуҳои гуногуни масъалаи баррасишавандаро фаро мегиранд. Баъзе паҳлуҳои масъалаи баррасишаванда дар асарҳои олимони зерин мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд: В.В. Агафонова, В.А. Газизова, А.И. Натура, И.В. Александрова, Н.Н. Егорова, В.Б. Веховой, С.В. Зуевой, Н.Н. Егорова, Е.П. Ищенко, В.А. Волынского, Е.В. Герасенко, Г.И. Грамовича, Л.Л. Козляева, А.А. Леви, Н.А. Селиванова, П.Г. Скорченко, А.А. Эксархопуло, В.Ю. Агибаловой, А.А. Балашовой, Д.В. Бахтеева, В.В. Борисовой, А.С. Бутенко, В.Ю. Васюковой, А.Г. Волеводза.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асоси методологии рисоларо маҷмуи усулҳои умумии илмӣ ва махсус ташкил медиҳанд. Дар рафти таҳқиқи мавзуъ усулҳои зерин истифода шудаанд: мантиқӣ (барои пешниҳоди мавод ва таҳияи хулосаву

тавсияҳо); таҳлили системавӣ (ҳангоми омӯзиши таъминоти техникӣ ва криминалистии амалҳои тафтишӣ бо иштироки муфаттиш); статистикӣ (ҳангоми таҳлили ҷиноят ва истифодаи воситаҳои техникӣ ва экспертизаи судӣ аз ҷониби муфаттишон); моделсозӣ (ҳангоми таҳияи тавсияҳо оид ба истифодаи воситаҳои техникӣ ва криминалистӣ); муқоисаи ҳуқуқӣ (барои таҳлили танзими ҳуқуқии истифодаи ин воситаҳо дар ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо); иттилоотию таҳлилӣ (ҳангоми ҷамъбасти маводи таҳқиқоти илмӣ ва нашрияҳои даврӣ); таҳлили мундариҷа (ҳангоми интихоби маълумоти оморӣ ва муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ), инчунин дигар усулҳои таҳқиқот.

**Заминаҳои эмпирикии** таҳқиқоти диссертатсионӣ: маълумоти омории Прокуратураи Генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҷиноятҳое, ки аз тарафи муфаттишони мақомоти мазкур дар давраи аз соли 2014 то соли 2025 тафтиш карда шудаанд; маводи 130 парвандаи ҷиноятие, ки аз ҷониби муфаттишони прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон тафтиш карда шудаанд ва дар доираи онҳо аз воситаҳои илмӣ-техникӣ истифода шудаанд; пурсиши муфаттишони мақомоти прокуратура, ки дар ҷараёни тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ аз воситаҳои техникӣ истифода намудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот**. Нававарии илмии рисола дар таҳияи ҳамаҷонибаи пешниҳодҳои назариявӣ ва амалии таъминоти техникӣ – криминалистии амалҳои тафтишӣ аз ҷониби муфаттишони прокуратура газаронидашуда, дар асоси маводи васеи меъёрӣ, илмӣ, назариявӣ ва амалӣ мебошад. Дар диссертатсия моҳият, мақсад ва хусусиятҳои таъминоти техникӣ ва криминалистии амалҳои тафтишӣ муайян карда шуда, инчунин оид ба татбиқи технологияҳои муосири телекоммуникатсионӣ ва фаъолияти кории автоматикунонидашудаи муфаттиш оид ба беҳтар намудани бозёфт ва ҷамъоварии далелҳо тавсияҳо пешниҳод карда шудаанд. Пешниҳодҳо дар бораи тағйир додани меъёрҳои соҳавӣ низ асоснок карда шудаанд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Мақсади таъминоти воситаҳои илмӣ – техникии криминалистикӣ дар раванди тафтиши ҷиноят пешгирии хатогиҳои тафтишӣ ва хулосаҳои

нодуруст дар раванди тафтишот мебошад. Таъминоти мақсадноки воситаҳои илмӣ – техникии криминалистикӣ ба муайян кардани хатогиҳои эҳтимолӣ ва кам кардани хатари ҷалби шахсони бегуноҳ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ё ба таври нодуруст гунаҳкор кардани афроди бегуноҳ мусоидат мекунад.

Воситаҳои илмӣ – техникии криминалистикиро мумкин аст ҳамчун як қисмати илми криминалистика пазироӣ намуд, ки онҳо аз маҷмуи дастгоҳое, иборат мебошанд, ки барои тафтиш ва ошкор намудани ҷиноят мусоидат менамоянд. Ба мафҳуми ВИТ ғайр аз асбобҳо, таҷҳизотҳо, маводҳои махсус, боз усул, тарзҳои истифода ва кори онҳо дохил мешаванд.

Воситаҳои илмӣ – техникии криминалистикиро аз руйи таъиноташон ба намудҳои зерин тақсим карда мешаванд: 1) воситаҳои ошкор намудани изи ҷиноят ва ашё - далелҳои шайъӣ; 2) воситаҳои бақайдгирии изҳо ва иттилооти аз ҷиҳати судӣ аҳаммиятнок, ки дар рафти амали тафтишӣ ба даст оварда шудаанд; 3) воситаҳои таъмин намудан ва гирифтани осорҳо ва далелҳои шайъӣ; 4) воситаҳое, ки барои таҳқиқи экспертизаи объектҳои аз ҷиҳати судӣ аҳаммияти калон дошта истифода мешаванд; 5) маҷмуи воситаҳое, ки барои ҷустуҷӯи шахсони ҷиноятсодиркарда ва кофтукови молумулки тасарруфшуда; 6) воситаҳои техникӣ барои пешбурди ҳаракати муфаттишон; 7) воситаҳои таъмини амнияти шахсии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ; 8) воситаҳо барои пешгирии ҷиноят ва дастгир кардани ҷинояткор.

2. Дар раванди таҳқиқоти диссертасионӣ принсипҳои ҳамкории муфаттиш бо коршиносони муассисаҳои экспертӣ - криминалистикӣ муайян карда шуд:

1) Қонунӣ будани муносибатҳои мутақобилаи муфаттиш ва коршиносони муасссаҳои экспертӣ – криминалистикӣ принсипи бунёдие мебошанд, ки моҳияти он дар маҷмуи фаъолиятҳои мутақобила ба даст оварда шудааст, ки аз як тараф, натиҷаи мусбиро дар раванди исбот дар парвандаи тафтишшаванда таъмин менамояд ва аз тарафи дигар,

поймолкунии ҳуқуқи иштирокчиёни мушаххасро истисно мекунад. Риояи қатъии қонун на танҳо ба иҷрои меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки муносибатҳои байни муфаттиш ва коршиносони муассисаҳои экспертиро танзим мекунанд, балки инчунин, ба амалишавии санадҳои ҳуқуқии идоравӣ, ки бо қонун мувофиқанд ва танзими фаъолияти сохторҳои гуногуни мақомоти прокуратураро, ки истифодаи донишҳо, воситаҳо ва усулҳои махсусро пешбинӣ мекунанд, дахл дорад.

2) Муқаррар намудани ҳудуди салоҳияти субъектҳо дар натиҷаи ҳамкорӣ.

3) Нақши ташкилотчигии муфаттиш дар ҳамкорӣ бо коршиносони муассисаҳои экспертӣ - криминалистикӣ. Барои фаъолияти ҳамоҳангшудаи муфаттиш бо коршиносони муассисаҳои экспертӣ - криминалистикӣ ҳангоми ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо муайян кардани нақши ҳар кадоми онҳо дар сурати иштироки якҷоя дар пешбурдҳои амалҳои тафтишӣ хеле муҳим аст. Аксари масъалаҳои вобаста ба тақсимоти ташкилии уҳдадориҳо байни иштирокчиёни мурофиаро муфаттиш ҳал мекунад. Нақши муфаттиш аз он иборат аст, ки вай ба амали иштирокчиёни дигари мурофиаи ҷиноятӣ роҳнамоӣ мекунад ва худаш ҳамчун ташкилкунанда баромад мекунад. Маҳз ӯ масъул аст, ки муносибати мутақобиларо тавре ташкил кунад, ки он самараноктар бошад.

4) Дар баробари пеш рафтани тафтишот вазифаҳо ва мазмуни ҳамкорӣ равшан ва пурра карда мешаванд, чунки дар баъзе ҳолатҳо зарурати тағйир додани субъектҳои ҳамкорӣ, ҷалби қувваҳо ва воситаҳои нав ба миён ояд

3. Бо мақсади такмил додани механизми танзими ҳуқуқии истифодаи видеоконференсия дар илми криминалистика зарур аст, ки мафҳуми пурсиши фосилавӣ ва воситаҳои истифодашудаи телекомунмикатсионӣ зикр карда шаванд:

Пурсишҳои тавассути барномаҳои видеоконференсия ва веб-конференсия усулҳои муосири пешбурди мурофиаи тафтишотӣ ва судӣ бо

истифода аз технологияҳои видеокоммуникатсионӣ мебошанд. Ин усулҳо дар шароите, ки ҳамкории дурдаст зарур аст, амалӣ карда мешавад.

Веб-конфронсия як формати вохӯрии фосилавӣ буда ба иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ имкон медиҳад, ки тавассути интернет бо истифода аз сигналҳои видео ва аудио бо ҳамдигар муошират кунанд. Пурсиш дар формати веб-конфронс метавонад тавассути платформаҳои махсус (масалан, Zoom, Skype, Microcoft Teams ва ғайра), ки интиқоли аудио ва видеоро таъмин мекунанд, анҷом дода мешавад.

Видео-конфронс технологияи рақамӣ барои ҳамкории фосилавии аудиовизуалии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ дар вақти воқеӣ мебошад.

4. Имкониятҳои истифодаи зеҳни сунъӣ ва шабакаҳои нейронии сунъӣ дар раванди тафтиши ҷиноят аз тарафи муфаттишони прокуратура бо дарназардошти асосҳои зерин ба роҳ мондан мумкин аст:

– зеҳни сунъӣ дар раванди тафтиши ҷиноят аз тарафи муфаттишони прокуратура ба сифати воситаи ёрирасон ҳангоми омӯзиши механизми далелҳои идеалӣ ва реалии ҷиноятӣ метавон истифода бурд;

– асоси ҳуқуқии истифодаи зеҳни сунъӣ дар раванди тафтиши парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби муфаттишон дар марҳилаи рушди он қарор дорад. Ин технология ба соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ ворид шуда, масъалаи қобили қабул будани истифодаи онро дар амали тафтишӣ ба миён меорад;

–аз тарафи муфаттишони прокуратура истифодаи зеҳни сунъӣ дар шакли мурофиавӣ ва ғайримурофиавӣ амалӣ карда мешавад;

–истифодаи зеҳнӣ сунъӣ дар ҷараёни амали тафтишӣ ва таҳлили иттилоот як воситаи хеле муассир аст. Зеҳни сунъӣ метавонад ба таҳлил ва ҷустуҷӯи итилоот дар базаҳои маълумот, фароҳам овардани алгоритмҳои мурофиавӣ барои фаъолиятҳои муфаттиш, шиносоии нутқ ва дигар коркардҳои маълумотии муосир кӯмак кунад;

–зеҳни сунъӣ самаранокии тафтишоти ҷиноятҳоро тавассути таҳлили миқдори зиёди маълумот, муайян кардани намунаҳо ва пешгӯии амалҳои

эҳтимолии гумонбаршудагон ба таври назаррас беҳтар мекунад. Автоматикунонии вазифаҳои тафтишӣ ба муфаттишон имкон медиҳад, ки ҷанбаҳои мураккабтари парвандаро пешгӯӣ карда тавонанд. Истифодаи зеҳни сунъӣ дар раванди тафтиши ҷиноят риоя намудани масъалаҳои ахлоқӣ, махфият ва беғаразиро тақозо мекунад;

–истифодаи зеҳни сунъӣ ба самаранокии фаъолияти касбии муфаттишон дар тафтиши ҷиноятҳо таъсири мусбат мерасонад.

Имкониятҳои истифодаи шабакаҳои нейронии сунъӣро аз тарафи муфаттиш ба гурӯҳҳои зерин тақсим кардан мумкин аст:

– Баҳодиҳии маълумоти ибтидоӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ бо мақсади пешниҳод намудани вазъиятҳои содда ва мураккаби тафтишотӣ, муайян намудани самтҳои тафтиши ва вазъиятҳои тафтишӣ.

– Моделсозии ҳодисаи ҷиноятӣ ва намунаи пайгирии он дар асоси маълумоти нопурра ва “таҷрибаи” қаблӣ, ки маҷмуи зиёди парвандаҳои ҷиноятиро фаро мегирад.

– Баланд бардоштани самаранокии таҳқиқоти хатнависӣ ва габитоскопӣ: то имрӯз самти ояндадортарин дар рушди шабакаҳои нейронҳои сунъӣ шинохти намуна ба ҳисоб меравад, ки метавонад масалан, автоматикунонии аломатҳои қалбакии ҳуҷҷатҳоро муайян кунад.

– Ҷустуҷӯи файлҳои компютерие, ки дастрас нестанд.

– Арзёбии иловагии далелҳои ҷамъовардашуда барои айбнома ё пешниҳоди парвандаи ҷиноятӣ ба прокурор.

– Пешгӯии содиршавии ҷиноят дар оянда, дар асоси таҳлили аломатҳои ҷиноятҳои содиршуда аз нуқтаи назари маҳаллисозӣ, хусусиятҳои иҷтимоии шахсони иштироккунанда ва воситаҳои ахбори омма.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз** муқаррароти пешниҳодшуда иборат аст, ки ба такмили асосҳои назариявӣ ва амалии таъминоти техникӣ-криминалистии амалҳои тафтишӣ нигаронида шудаанд. Ақидаҳо ва тавсияҳои назариявӣ, ки дар рисола асоснок шудаанд, метавонанд ба таҳияи тактика ва

усулҳои тафтишоти ҷиноятҳои гуногун, аз ҷумла ба вуҷуд овардани усулҳои махсуси криминалистӣ бо назардошти технологияҳои муосир мусоидат кунанд. Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои он барои амалияи тафтишӣ муфид буда, фаъолияти онҳо дар гузаронидани амалҳои тафтишӣ ва дигар амалҳои мурофиавӣ бо назардошти захираҳои муосири техникӣ ва криминалистӣ беҳтар мегардад. Хулоса ва тавсияҳои рисоларо метавон дар раванди таълим дар соҳаи фанни криминалистика истифода бурд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсия бо истифодаи усулҳои муосир, ки ба ҳадаф ва вазифаҳои кор мувофиқанд, муайян карда мешавад. Натиҷаҳои илмӣ, тавсияҳо ва хулосаҳо дар асоси сарчашмаҳои қонунгузорӣ ва амалияи судӣ, маълумоти ҷамъоваришудаи оморӣ, ҷамъбасти таҷрибаи судӣ ва таҳлили як қатор парвандаҳои ҷиноятӣ таҳия карда шудаанд. Илова бар ин, эътимоднокии натиҷаҳоро таҳлили Конститутсия ва Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ, Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ ва қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳуҷҷатҳои дигар асоснок мекунанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот аз он иборат аст, ки натиҷаҳои илмии бадастоварда, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ ва амалӣ, тавсияҳо ва муқаррароти асосие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд, метавонанд дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва муфаттишони прокуратура, дар тафтиши ҷиноятҳо, инчунин ҳангоми таҳия ва такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар

санадҳои ҳуқуқие, ки ба истифодаи воситаҳои техникӣ-криминалистӣ ва амалияи татбиқи ҳуқуқ марбутанд, мусоидат кунанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Таҳқиқоти илмӣ дар кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ омода ва мавриди муҳокимаи илмӣ қарор гирифтааст.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмиву амалии сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, мизҳои мудаввар ва дигар чорабиниҳои илмӣ дар шакли маърӯзаи илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд:

а) **байналмилалӣ**:

– Конфронси VI байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Ҳуқуқи башар ва ҷаҳонишавӣ» (Бахшида ба Рӯзи ҳуқуқи инсон, 8 декабри 2023) – Маърӯза дар мавзуи «Проблемы защиты прав и свобод личности при применении технических средств в процессе расследования уголовных дел». –Душанбе 2023;

**б) ҷумҳуриявӣ**

– Конференсияи илмию назариявии умумидонишгоҳии омӯзгорон бахшида ба «30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Эълон гардидани соли 2024 Соли маърифати ҳуқуқӣ» ва «Бист соли омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва математика» (барои солҳои 2020 - 2040) – Маърӯза дар мавзуи «Таъмини техникӣ ва криминалистии амалҳои тафтишӣ»,– Душанбе, 2024;

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандон ва унвонҷуёну докторантони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия (2025-2030)», «700-солагии шоири ғазалсарои тоҷику форс Ҳофизи Шерозӣ» ва «115- солагии Шоири халқии Тоҷикистон Боқӣ Раҳимзода»– Маърӯза дар мавзуи «Техникаи криминалистикӣ дар фаъолияти муфатишон». –Душанбе, 2025 с.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он аз ҷониби унвонҷӯ 5 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла, 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 1 мақола дар нашрияҳои дигари илмӣ ба табъ расидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** таҳқиқоти диссертатсионӣ аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқадима, се боб, 7 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад. ҳаҷми умумии диссертатсия 192 саҳифаро ташкил медиҳад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТЕХНИКАИ КРИМИНАЛИСТӢ ВА ИСТИФОДАИ ОН ДАР ФАЪОЛИЯТИ МУФАТТИШОНИ ПРОКУРАТУРА

## 1.1. Мафҳум ва низоми техникаи криминалистикӣ дар фаъолияти муфаттишони прокуратура

Мафҳуми техникаи криминалистикӣ дар марҳилаи ибтидоии рушди илми криминалистика ҳамчун як қисмати мустақили илми криминалистика ташаккул ёфтааст. Дар марҳилаи ибтидоии рушди илми криминалистика тамоми мазмуну моҳияти он ба мафҳуми техникаи криминалистикӣ дохил карда шуда буд ва ё ин ки дар маҷмуъ илми криминалистика ҳамчун илми техникӣ-ёрирасон ба раванди тафтиши ҷиноят ба ҳисоб мерафт [37, с. 334]. Баъдтар, ин истилоҳ роҳҳои истифодаи илмҳои табиатшиносӣ, аз қабили химия, физика, биологияро дар тафтиши ҷиноятҳо ифода мекард [163, с. 27-29]. Вобаста ба гуфтаҳои боло хулоса кардан мумкин аст, ки аз аввал техникаи криминалистикӣ ҳамчун техникаи ошкор намудани ҷиноят пазируфта шуда баъдан ҳамчун як қисмати мустақили илми криминалистика эътироф карда шуд. Дар солҳои 20 асри гузашта техникаи криминалистикиро, ки як қисмати имрӯзаи илми криминалистикаи муосир ба ҳисоб меравад ҳамчун маҷмуи усулҳои омӯзиши далелҳои шайъӣ ва пайҳои ҷиноят бо мақсади ҷустуҷӯ, ошкор кардан ва муайян кардани шахсияти ҷинояткор, инчунин предмет ва объектҳои барои парвандаҳои ҷиноятӣ аҳаммиятдошта фаҳмида мешуд [55, с. 7].

Дар адабиёти илмии қарни гузашта аниқтараш солҳои сиюми асри 20 мафҳуми техникаи криминалистики ҳамчун соҳаи мустақили криминалистика ба гӯшаи фаромушӣ рафта буд. «Ин воқеа баъд аз он руй дод, ки соли 1938 яке аз олимони машҳури илми криминалистика Б.М.Шавер дар асарҳои илмии худ зикр карданд, ки тақсим кардани илми криминалистика ба техника, тактика ва методология хоси криминалистикаи буржуазист илман асоснок карда нашудааст ва аз ҳамин сабаб барои криминалисти давлати

шуравӣ қобили қабул нест» [47, с. 200]. Қабул нашудани чунин идеологияи пеш аз ҳама, аз он сабаб буд, ки илм мисли тамоми дигар соҳаҳои ҳаёти инсоният ба идеологияи давлатӣ хеле вобаста буд.

Дар адабиётҳои ҳуқуқии замони шуравии то солҳои 50 қарни гузашта техникаи криминалистикиро ҳамчун техникаи ошкор кардани ҷиноят ном мебурданд [67, с. 334]. Истифода намудани техникаи ошкор кардани ҷиноят дар замони шуровӣ ба олн оварда расонид, ки аз аввал илми криминалистикаро на ҳамчун илми ҳуқуқӣ, балки ҳамчун илми техникӣ этироф мекарданд [55, с. 156]. Ин гуфтаҳоро бо ақидаи И.Н Якимов ва В.И. Громов асоснок кардан мумкин аст. Ҳанӯз соли 1935 муаллифони мазкур зикр мекарданд, ки илми криминалистика як фанни техникӣ буда аз се қисмати мустақил иборат мебошад. Қисми якум техникаи ҷиноятӣ ном дошта ба омӯзиши истифодабарии восита ва усулҳои илмҳои дақиқи физика, химия, биология ва ғ. дар тафтиши ҷиноятҳо фаҳмида мешуд [42, с. 252]. Пасон аз ҷониби олими рус С.П. Митричев, ки намояндаи илми криминалистикаи шуравӣ ба ҳисоб мерафт назарияи худро пешниҳод кард, ки тибқи он илми криминалистика илми ҳуқуқӣ буда техникаи ошкор намудани ҷиноят ҳамчун техникаи криминалистикӣ як қисмати илми криминалистика ба ҳисоб меравад [66, с. 428].

Соли 1959 А.И. Винберг таърифи нави техникаи криминалистиро пешниҳод кардааст, ба ақидаи ӯ техникаи криминалистикӣ аз маҷмуи воситаҳое илмӣ–техникӣ ва усулҳои, ки дар раванди тафтиши ҷиноятҳо барои бозёфт, ҷамъоварӣ , таҳқиқ , истифодабарӣ ва баҳодиҳӣ ба далелҳои ҷиноят, фаҳмида мешавад [48, с. 304]. Муаллиф ақидаи А.И. Винбергро дастгирӣ намуда зикр мекунад, ки техникаи криминалистикӣ барои ҷамъоварӣ намудани далелҳои ҷиноят аҳаммияти калонро доро буда, маҳз ба туфайли онҳо тартиби бозёфт, ҷамъоварӣ ва таҳқиқи далелҳо дуруст ба роҳ монда мешаванд. Вақеан мафҳуми овардашудаии А.И Винберг муддати дароз дар қаламрави давлати шуравӣ аз тарафи олимон ва кормандони

мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба хусус муфаттишони мақомоти прокуратураи солҳои 60 қарни гузашта боиси дастгирӣ буд, онҳо дар ақидае буданд, ки техникаи криминалистикӣ пурра раванди тафтиши ҷиноятро дар бар гирифта барои бозёфт, ҷамъоварӣ ва таҳқиқи далелҳои ҷиноят аҳаммияти калон дорад [48, с. 304]. Албатта дар он замон чунин таърифи пешниҳодкардашуда ва аз нигоҳи илми асоснокардашуда боиси дастгирӣ буд, чунки дар мафҳуми овардашуда тамоми унсурҳои истифодабарии техникаи криминалистикӣ дар амалияи тафтиши пешбинӣ карда шуда буд.

Албатта вобаста ба пешрафти илму техника ва бо дарназардошти рушди илми криминалистика минбаъд низ аз тарафи олимони соҳаи криминалистика атрофи техникаи криминалистикӣ фикру ақидаҳои худро иброз карда буданд, махсусан аз тарафи Н.А. Селиванов таклиф карда шуд, ки ба таъриф пешниҳодкардашудаи А.И. Винберг, Б.М. Шавер ва В.П. Колмаков нишонаҳои нави техникаи криминалистикӣ аниқтараш ибораи «низоми воситаҳои техники криминалимстикӣ» ворид карда шавад [151, с. 30-31].

Мафҳуми техникаи криминалистикӣ, аз ҷониби Н.А. Селиванов соли 1965 бо дарназардошти асосҳои ҳуқуқӣ, методологӣ, ҳолат ва дурнамои рушди воситаҳои илмию техникии тафтишоти ҷиноятҳо, низоми воситаҳои техникӣ–криминалистикӣ дар асарҳои илмии ӯ ва махсусан китоби дарсии криминалистика чунин оварда шуда буд: «Техникаи криминалистикӣ – низоми аз ҷиҳати илмӣ коркардшудаи воситаҳои техникӣ ва усулҳои истифода намудани воситаҳои техникӣ, ки дар асоси таҷрибаи амалияи тафтишӣ, экспертӣ ва судӣ, инчунин татбиқи фаъолонаи дастовардҳои илмҳои табиатшиносӣ ва техникӣ ба роҳ монда шудааст ки бо мақсади амалӣ намудани чораҳои пешгирӣ ва ошкор намудани ҷиноят, ҳангоми бақайдгирии вазъи ҳодисаи содиршуда, инчунин бозёфт, ҷамъоварӣ, таҳқиқ, баҳодиҳӣ ва истифодабарии далелҳои ҷиноят, дар раванди бақайдгирии ҷиноятӣ, кофтуков ва боздошти ҷинояткорон, инчунин ҳангоми

гузаронидани экспертизаи судӣ; бароии пешгирӣ, тафтиши ҷиноятҳо ва дуруст тафтиш намудани парвандаҳои ҷиноятӣ фаҳмида мешавад» [175, с. 5].

Ба андешаи аксари олимони илми криминалистика, ҷанбаҳои мусбии ин мафҳум дар он аст, ки воситаҳо ва усулҳои техникӣ – криминалистикӣ ҳамчун низоми илми криминалистика аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст [34, с. 174]. Р.С. Белкин ақидаи Н.А. Селивановро дастгирӣ намуда ба таърифи пешниҳодкарда ӯ илова ворид намуда таърифи техникаи криминалистиро васеътар пешниҳод карда, зикр кардааст, ки таъриф хеле васеъ буда, аз ҳама муҳимтараш он аст, ки мазмуни воситаю усулҳои техникӣ– криминалистикиро дар бар мегирад [16, с. 274]. Аз ин ақида бармеояд, ки низоми ин воситаю усулҳоро криминалистика аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда, техникаи криминалистикиро ба амалия тафтишӣ ва ба муқаррароти илмҳои дигар асоснок кардааст. Аммо бояд зикр кард, ки техникаи криминалистикӣ ҳамчун як қисми мустақили илми криминалистика ба ҳисоб рафта, пеш аз ҳама, низоми муқаррароти илмӣ, унсурҳои назариявӣро дар бар мегирад ва танҳо пас аз он натиҷаи татбиқи ин муқаррарот асосҳои амалии воситаҳо ва усулҳои техникӣ ва криминалистикӣ мебошад. Пеш аз ҳама, муқаррароти илми криминалистикӣ, ҳамчунон маълумотҳои илмҳои дигари аз ҷониби илми криминалистикӣ истифодашавандаро ифода мекунанд, дар бар мегирад. Ниҳоят, техникаи криминалистикӣ худро танҳо ҳамчун низоми илмие, ки танҳо аз воситаҳо ва усулҳои аллакай мавҷуда иборат аст, муаррифӣ карда наметавонад, зеро он мисли ҳама гуна илм дар рушди доимӣ, дар ҷустуҷӯи доимӣ қарор дорад.

Ақидаҳои дар боло зикршуда, инчунин мавқеъ ва аҳаммияти назарияи умумии криминалистикаро барои соҳаҳои дигари илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба назар гирифта, соли 1970 Р.С. Белкин чунин таърифи техникаи криминалистикаро пешниҳод кардааст: «Техникаи криминалистикӣ низоми принсипҳои илмӣ ва техникӣ буда, ки дар асоси онҳо (ба маънои васеъ) тарзу, воситаҳо ва усулҳое, ки барои бозёфт, ҷамъоварӣ, таҳқиқи, истифодабарӣ ва

баҳодиҳии далелҳо инчунин чораҳои ошкор ва пешгирии ҷиноят пешбинӣ шудаанд, таҳия карда пешниҳод мекунад» [16, с. 274]. Ҳамин тавр, дар рафти такмили минбаъдаи мафҳуми техникаи криминалистикӣ «низоми принсипҳои илмӣ» низ ба таъриф дохил карда шуд.

Дар баробари мафҳуми овардашуда аз соли 1960 шурӯъ то ин дам як чанд намудҳои мафҳуми техникаи криминалистикӣ аз ҷониби олимони соҳаи илми криминалистика пешниҳод карда шудааст. Алахусус, В.Л. Колдин бо дарназардошти мафҳумҳои болозикршуда мафҳуми зерини техникаи криминалистиро пешниҳод кардааст: «Техникаи криминалистикӣ як соҳаи илми криминалистика мебошад, ки воситаҳои илмӣ–техникӣ ва усулҳои тафтиш ва пешгирии ҷиноятҳоро таҳия менамояд» [44, с. 464]. Дар хусуси мафҳуми зикршуда нуқтаи назари Р.С. Белкинро дастгирӣ намуда қайд кардан мумкин аст, ки мафҳуми овардашудаи В.Л. Колдин танҳо ба таҳияи воситаю усулҳо дахл дорад, бинобар ин асосҳои назариявии воситаю усулҳои мавҷуда аз мазмуни техникаи криминалистӣ хориҷ кардааст.

Бо назардошти хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар адабиёти криминалистикӣ мавҷуда, ки ба саҳеҳии ин мафҳум марбутанд В.Я. Колдин таърифи худро дар бораи техникаи криминалистикӣ тағйир дода, онро дар шакли зерин баъдтар пешниҳод кардааст: «Техникаи криминалистикӣ ҳамчун як бахши илми криминалистикӣ – маҷмуи муқаррарот ва принсипҳои назариявии таҳия ва татбиқи воситаҳои илмӣ-техникӣ ва усулҳои ошкор, бозёфт, ҷамъоварӣ таҳқиқ ва баҳодиҳӣ ба ҳодисаи тафтишшаванда буда дар баробари он маҷмуи воситаҳои техникӣ ва усулҳои пешгирии ҷинояткорӣ мебошад...» [51, с. 708]. Бояд зикр кард, ки дар таърифи овардашуда на ҳамаи унсурҳои техникаи криминалистикӣ пешбинӣ карда шудааст, дар мафҳуми пешниҳодшуда аслан сухан атрофи истифодаи воситаҳои техникӣ меравад. Аз нигоҳи илми криминалистика дар инҷо бояд, ки масалаҳои намудҳои мушахаси воситаҳои техникии криминалистикӣ ва усулҳои истифодабарии онҳо суханронӣ карда шавад.

Р.С. Белкин пешниҳод менамояд, ки ба мафҳуми техникаи криминалистикӣ ибораи «низоми муқаррароти илмӣ», ворид карда шавад, чунки барои коркарди усулҳои техникаи криминалистикӣ базаи илмӣ зарур мебошад. Маҳз барои ҳамин ақидаи Р.С. Белкин дар адабиёти ҳуқуқӣ ҷонибдорони худро ёфта минбаъд дар мафҳумҳои овардаи дигар олимон нақши худро ёфтааст [14, с. 240].

Албатта солҳои баъди низ мафҳуми техникаи криминалистикӣ аз ҷониби олимони зиёд пешниҳод карда шудааст, ки мафҳумҳои пешовардашударо боз ҳам аз нигоҳи илмӣ дақиқтар мегардонад. Яке аз олимони муосири соҳаи криминалистика Е.П. Ишенко ақидаи А. Винбергро ҷонибдорӣ намуда бо дарназардошти рушди техникаи криминалистикӣ ақидаҳои тозаи худро пешбарӣ мекунад: «Воситаҳои техникӣ ва криминалистӣ чунин асбобу материалҳои техникӣ, усулҳои илмӣ мебошанд, ки барои ҳалли проблемаҳои ошкор, тафтиш ва пешгирии ҷиноятҳо истифода мешаванд» [38, с. 53]. Албатта мафҳуми овардашудаи Е.П. Ишенко ба назари аввал бисёр содда менамояд, аммо бояд тазакур дод, ки дар он унсурҳои асосӣ ва мақсади истифодабарии техникаи криминалистикӣ пешбинӣ карда шудааст.

Олими дигари соҳаи криминалистика Л.Я. Драпкин ақидаҳои болозикрро қисман дастгирӣ намуда мафҳуми хешро оид ба техникаи криминалистикӣ пешниҳод намудааст. Муаллиф ибрози ақида намуда зикр мекунад, ки ба сифати техникаи криминалистикӣ маҷмуи олотҳо, предметҳо инчунин дастгоҳҳое баромад мекунанд, ки дар ёфтан ва ҷамъовари намудани далелҳо кумак мерасонанд [50, с. 89]. Бояд тазаккур дод, ки мафҳуми пешниҳод кардашудаии Л.Я. Драпкин аз нигоҳи илмӣ комил нест, чунки ба сифати техникаи криминалистикӣ танҳо асбобҳоро бар назар дорад, имрӯз вобаста ба рушди технологияи иттилооти барномаҳои криминалистикӣ, ки барои тафтиши ҷиноят ва экспертизаҳои далелҳои шайъӣ истифода мешаванд ба асбобҳои техникӣ шомил карда намешавад.

В.И. Гончаренко нуқтаи назари болозикрро дастгирӣ намуда, аз руйи он дар таҳқиқоти илмӣ ва дар амал татбиқ намудани мафҳуми техникаи криминалистӣ, воситаҳои илмию техникӣ, воситаҳои криминалистии техникӣ дар баъзе мавридҳо дар маънои таҷҳизот, аппаратҳо, асбобу анҷом, масолеҳ ва ғайра инчунин усулҳои истифода бурдани онҳоро зикр кардааст [46, с. 128]».

А.А. Леви дар асрҳои худ зикр мекунад, ки воситаҳои илмию техникие, ки мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ аз қабили прокуратура, мақомоти корҳои дохила дар раванди тафтиши ҷиноят истифода мебаранд, дастгоҳҳо, асбобҳо ва воситаҳое мебошанд, ки дар асоси усулҳои махсус таҳияшуда барои бозёфти далелҳо инчунин зикр намудани онҳо бо мақсади ошкор намудани ҷиноят ва пешгирӣ намудани онҳо мебошанд. [171, с. 7]. Бо чунин тафсири мафҳуми воситаҳои илмӣ техники криминалистикӣ, доираи татбиқи онҳо ба таври назаррас васеъ мешавад. Муаллиф бевосита истифода намудани воситаҳои техникаи криминалистикиро дар мавриди гузаронидани амалҳои тафтишӣ ва мурофиаи судӣ пешбинӣ мекунад, ки ин ба пурра гардонидани мафҳуми техникаи криминалистикӣ кӯмак мерасонад.

Ба андешаи Г.И. Грамович, «воситаҳои илмию техникӣ бояд ҳамчун асбобҳо, воситаҳо, дастгоҳҳо, маводҳо ва усулҳои истифодаи онҳо, ки махсус тарҳрезӣ шуда, мутобиқ карда шудаанд ё бидуни тағйирот аз дигар соҳаҳои илм гирифта шудаанд ва барои бозёфт, ҷамъоварӣ ва таҳқиқи далелҳо, инчунин анҷом додани дигар амалҳо оид ба ошкор, тафтиш ва пешгирии ҷиноятҳо истифода мешаванд, фаҳмида мешаванд» [29, с. 29]. Мафҳуми воситаҳои илмию техникиро А.В. Макаров ба таври дигар шарҳ медиҳад. Ба ақидаи ӯ воситаҳои техникӣ-криминалистикӣ ва умумии техникӣ воситаҳо ва асбобҳоеро дар бар мегиранд, ки мувофиқи қонунгузории соҳавӣ истифодаи онҳо барои ғун кардани далелҳо равона карда мешавад, ки бо мақсади баланд бардоштани қобилияти мубориза алайҳи ҷинояткорӣ, инчунин фароҳам овардани шароити ҳалли самараноки мушкилоти мурофиаи

ҷиноятӣ равона карда шудааст [56, с. 80]. Ин таърифи овардашуда ҳадафи истифодабарии воситаҳои техникаи криминалистиро инъикос мекунад ва боз ҳам мафҳуми техникаи криминалистикаро васеътар мегардонад.

Воситаҳои техникие, ки кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бахусус муфаттишони прокуратура дар амалҳои тафтишӣ ва дигар амалҳои мурофиавӣ истифода мешаванд, гуногунранг буда, дар асоси омилҳои зиёд тасниф карда мешаванд.

Дар адабиёти ҳуқуқии равияи илми криминалистика техникаи криминалистикӣ бо ибораҳои зиёд солҳои охир номгузорӣ карда мешаванд, масалан «таъминоти техникии судӣ» [28, с. 284], «таъминоти илмӣ-техникии [189] «фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба «таъминоти техникӣ ва судӣ» ва ғайра. Зиёд номгузорӣ шудани техникаи криминалистикӣ дар адабиётҳои ҳуқуқӣ аз тавaҷҷуҳи бештари олимон дар соҳаи истифодабарии техникаи криминалистикӣ дар раванди тафтиши ҷиноят дарак медиҳад.

Олими рус В.Л. Лохов мазмун ва моҳияти низоми воситаҳои илмӣ техникӣ - криминалистикиро тавассути субъектони мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ба хусус муфаттишон ва намудҳои мушахаси воситаҳои техникии муайян мекунад. Ба ақидаи В.Л. Лохов шахсони мутасаддие, ки истифодабарии воситаҳои техникӣ-криминалистикӣ тибқи санадҳои ҳуқуқӣ ба уҳдаи онҳо вогузор карда шудааст мафаттишон, муҳандисон, матахассисон ва дигар шахсони махсус мебошанд. [172, с. 29-40].

Албатта, пешниҳод намудани мафҳуми техникаи криминалистикӣ дар адабиётҳои ҳуқуқӣ аз тарафи олимони зиёд амалӣ карда шудааст, махсусан аз ҷониби баъзе муаллифони адабиётҳои криминалистикӣ техникаи криминалистиро ҳамчун фаъолияти ҳаррӯзаи кормандони бахшҳои криминалистикӣ, баъзеи дигар - низом ва сохтори ташкилии онҳо ва дигарон – таъминоти техникӣ ва криминалистии амалҳои тафтишӣ инфиродии муфаттишон арзёбӣ мекунанд [139, с. 9-19], [118, с. 3].

Е.И. Зуев бидуни овардани мафҳуми техникаи криминалистикӣ нишонаҳои зерини онро пешниҳод менамояд: «низоми воситаҳое, ки бо истифода аз онҳо раванди тафтиш ва ошкор кардани ҷиноят осон мешавад». Ба ақидаи муаллиф низоми воситаҳои техникӣ - криминалистикӣ бояд дар адабиётҳои методӣ, оморӣ ворид карда шуда ба кормандони мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ махсусан муфаттишон барои ошкор ва пешгирӣ намудани ҷиноят, гузаронидани амалҳои тафтишӣ ва экспертизаи судӣ имконият фароҳам оваранд [36, с. 144].

Аз тарафи муаллиф дар бораи намудҳои мушахасси техникаи криминалистикӣ ва асосҳои истифодабарии онҳо ягон ақидаи муфид пеш оварда нашудааст. Дар ин таърифи техникаи криминалистикӣ, самтҳои муҳимми он дар ошкор кардани ҷиноятҳо, масалан, пешбурди баҳисобгирии экспертизаи криминалистӣ, истифодаи воситаю усулҳои экспертизаи криминалистӣ бевосита аз ҷониби муфаттишону кормандони мақомоти тафтишот зикр нашудааст.

Низоми муқаррароти илмӣ дар мазмуни худ як унсури назарияи дахлдори криминалистии хусусиро ифода мекунад ва аз ин рӯ, қисми назарияи умумии илми криминалистӣ мегардад. Воситаҳо ва усулҳои техникаи криминалистикӣ, ки дар асоси принсипҳои илмӣ таҳия шудаанд, дар мазмуни худ дастовардҳои илмҳои табиатшиносӣ ва техникиро ифода мекунанд, ки аз ҷониби илми криминалистика барои мубориза бо ҷинояткорӣ махсус истифода мешаванд. Ба ғайр аз ин воситаҳо ва усулҳои техникии экспертизаи криминалистӣ дар асоси амалияи тафтишӣ, экспертӣ, судӣ ва оперативӣ сохта ва такмил дода мешаванд. Мақсадҳои бевоситаи истифодаи онҳо аз ҳадафҳои зерин иборат мебошанд: мушаххас муқарар намудани мавқеи ҷои ҷинояти содиршуда; дарҷ намудани амали муфаттишон ҳангоми пешбурди тафтишот; зикр намудани далелҳои ҷинояти содиршуда; ҷустуҷӯ ва дастгир намудани шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд; ҳифзи

объектҳои гуногун аз ҳамлаҳои ҷиноятӣ; сари вақт ошкор намудани ҷиноятҳо.

Г.И. Грамович дар рушди илми криминалистика ва махсусан назарияҳо атрофи техникаи криминалистикӣ саҳми калон дорад, муаллиф зикр мекунад, ки [29, с. 7]. «Техникаи криминалистӣ, қисми ҷудонашавандаи илми криминалистика буда, тавассути воситаҳои техникии гуногун предметҳои ҷиноятро таҳқиқ намуда атрофи он хулосаҳои зарурӣ бароварда мешавад [49, с. 87].

О.Я. Баев вобаста ба низоми техникаи криминалистӣ ақидаҳои худро баён намуда зикр мекунад, ки техникаи криминалистикиро вобаста ба субъектони истифодабарӣ мумкин аст ба намудҳои мушаххас тақсим кард: воситаҳои техникие, ки аз тарафи муфаттишон, мутахассисон, коршиносон, ва дигар шахсони мутасаддие, ки қонунгузорӣ муқаррар мекунад [12, с. 156].

Дар адабиёти таълимию методии охири солҳои 80-ум ва ибтидои солҳои 90-уми асри XX, баъзе олимон оид ба техникаи криминалистӣ ҳамчун воситаи таъмини техникӣ-криминалистии раванди тафтиш ва ошкор намудани ҷиноятҳо андешаҳои худро баён намудаанд. Зери мафҳуми таъмини техникӣ-криминалистӣ раванди тафтиши ҷиноятҳо намуди фаъолияте фаҳмида мешавад, ки аз як тараф, ба муҳайё кардани шароити омодагии доимии субъектон оид ба истифодабарии восита ва усулҳои техникаи криминалистӣ нигаронида шудааст ва аз тарафи дигар, дар баамалбарории услуби ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо дар ҳар як ҳолати мушаххас дар назар дошта мешавад [26, с. 23].

Ҳамчун мафҳуми бунёди техникаи криминалистика, маҷмуи воситаҳои техникӣ ва криминалистиро ифода мекунад, ки барои бозёфт, ҷамъоварӣ, таҳқиқӣ, истифодабарӣ ва баҳодиҳии далелҳо бо мақсади тафтиш ва пешгирӣ намудани ҷинояткорӣ мебошад.

Мафҳуми воситаҳои техникӣ ва криминалистикӣ яке аз мафҳумҳои асосии техникаи криминалистикӣ мебошад. Ба онҳо дохил мешаванд: таҷҳизотҳо, дастгоҳҳо, асбобҳо ва маводҳое, ки бо мақсадҳои криминалистӣ -

тафтишӣ истифода мешаванд. Якҷоя бо мафҳуми воситаҳои техникӣ - криминалистикӣ истилоҳот ба монанди усулҳо, тарзу восита, технологияи криминалистикӣ фаъолона истифода мешаванд. «Ба маънои васеъ усул, восита, тарз, техникӣ-криминалистикӣ ин таърифҳо барои дарк намудани ҳодисаи ҷиноятӣ тафтишшаванда мебошад, ки дар амалӣ намудани амалҳои тафтишӣ аз ҷониби муфаттишон бо истифодаи воситаҳои техникӣ - криминалиистикӣ ифода меёбад» [63, с. 57].

Олимони тоҷик низ дар пешниҳод намудани мафҳуми техникаи криминалистикӣ нақши бориз гузоштаанд. Ҳ.С. Салимов чунин мафҳуми техникаи криминалистикиро дуруст этироф карда дар асарҳои худ пешниҳод кардааст: «Техникаи криминалистӣ ҳамчун ҷузъи илми криминалистика аз силсилаи қоидаҳои назариявӣ иборат буда, тавассути қонуниятҳои истифодаи воситаҳои илмию-техникӣ ва усулу тарзҳои ҷории онҳо бо мақсади бозёфт, зикр, чамъ кардан, аз нав кор кардани ахбороти таҷассумшударо дар бораи ҷинояти содиршуда дар мавриди тафтиш, инчунин, воситаҳои илмию-техникии пешгирии ҷиноятҳо омӯхта мешавад ва дар асоси дарки ин қонуниятҳо воситаҳои илмию-техникии мавҷударо инкишоф дода, воситаҳои нави илмию-техникӣ ва усулу тарзҳои нави истифодаи онҳоро кор карда ва тавсия карда мешавад” [174, с. 107].

Мавзуи ин қисми илм, чи тавре, ки дар таъриф қайд шудааст, қонуниятҳои истифода бурдани на танҳо воситаҳои илмию-техникӣ, балки бештар усулу тарзҳои кории онҳо ба мақсадҳои ёфтан, зикр кардан, гирифтан, тадқиқ, зам намудан, истифода бурдани он ахбори таҷассумшуда оид ба воқеаи тафтишшудаистода эътироф шудааст. Ғайр аз ин ба силсилаи мавзуи ин фасли криминалистика муайян намудани қонуниятҳои истифодаи воситаҳои илмию-техникӣ дар пешгирии ҷинояткорӣ ва дар ҷараёни таълими криминалистӣ дар мактабҳои миёнаю махсус ва олии ҳуқуқшиносӣ дохил мешавад.

Омезиши ҷараёни истифодаи воистаҳои илмию-техникӣ дар пешгирии ҷинояткорӣ ва ҷории онҳо дар ҷараёни таълими криминалистика қисми таркибии мавзуи техникаи криминалистӣ мебошад. Ғайр аз ин ба силсилаи мавзуи техникаи криминалистӣ омехтани худи воситаҳои илмӣ-техникӣ ва коркарди онҳо ҳам тааллуқ доранд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло воситаҳои техникии криминалистикиро мумкин аст ҳамчун як қисмати илми криминалистика пазирои намуд, ки онҳо аз маҷмуи дастгоҳое, иборат мебошанд, ки барои тафтиш ва ошкор намудани ҷиноят мусоидат менамоянд. Ба мафҳуми воситаҳои илмӣ техникӣ–криминалистикӣ (минбаъд-ВИТК) ғайр аз асбобҳо, таҷҳизотҳо, маводҳои махсус, боз усул, тарзҳои истифода ва кори онҳо дохил мешаванд.

Техникаи криминалистикӣ яке аз қисматҳои мустақили илми криминалистика мебошад, ки аз маҷмуи ҳолатҳои назариявӣ ва тавсияҳо барои коркард ва истифодаи воситаҳои техникӣ бо мақсади муайян кардани қонунияти механизми содир шудани ҷиноят, пайдоиши маълумот оид ба ҷиноят ва иштирокчиёни он, ҳамчунин бо максади бозёфт, ҷамъоварӣ, таҳқиқот ва истифодаи далелҳо инчунин тарз ва воситаҳои техникии пешгирии ҷиноят иборат мебошад.

Усулҳои илмҳои кимиё, физика, тиб, биология, ва дигар соҳаҳо марбут ба пайгирии нишонаҳо, таҳлил ва шарҳи онҳо барои ҳалли масъалаҳои тафтишоти ҷиноятӣ дар соҳаҳои мухталиф, махсусан дар криминалистика, эътибор дода мешавад. Тавассути онҳо восита ва тарзҳои криминалистикӣ коркард карда мешуданд. Дар ин асос гуфтан мумкин аст, ки дар илми криминалистика як қисмати махсусе бо номи техникаи криминалистикӣ ташкил карда шуд, ки мақсади он тафтиш ва ошкор намудани ҷиноят мебошад [41, с. 58].

Мафҳумҳои номбаршуда дар адабиёти криминалистикӣ низ ба маънои маҳдуд истифода мешаванд. Дар ин ҳолат ба усул маънои ҷузъи ҷудонашавандаи ҳама гуна усулҳои амалӣ дода мешавад.

Ба маънои маҳдуд, усулҳои техникӣ амали ҷудогонаест, ки унсури ҷудонашаванда, яъне қисми усулҳои криминалистикӣ мебошад.

Техника дар маънои маҳдуд як маҷмуи усулҳои илмии гуногун барои иҷрои вазифаи илми мушаххасро ба вуҷуд меорад.

Тавре қаблан зикр карда шуд, хусусиятҳои илми криминалистика ва вазифаҳои он робитаи илми кримналистикаро бо бархе аз илмҳои ҳуқуқшиносӣ ва дигар илмҳои дақиқу гуманитарӣ муайян мекунанд.

Техникаи криминалистикӣ ҳамчун як соҳаи мустақили илми криминалистика бо дигар соҳаҳои илм робитаи зич дорад. Субъекти воқеии истифодабарандагони техникаи криминалистикӣ мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба ҳисоб рафта, механизми истифодабарии онҳо дар асоси илмҳои гуногуни ҳуқуқшиносӣ ва илмҳои дигар бо дарназардошти функсияҳо ва вазифаҳои онҳо ба роҳ монад мешавад.

Робитаи илми криминалистика тавре зикр карда шуд, бо як қатор илмҳои ҳуқуқӣ ва ғайри ҳуқуқӣ мавҷуд аст, ки усулҳои онҳо дар раванди тафтиши ҷиноят дар баробари илми криминалистика истифода бурда мешаванд. Ногуфта намонад, ки илми криминалистика ҳамчунон бо илмҳои ҷомеашиносӣ низ дар раванди тафтиши ҷиноят робитаи зич дорад. Махсусан ин робита бо илмҳои равоншиносӣ, мантиқ, фалсафа ва ғайра ба роҳ монда шудааст [170, с. 12].

Яке аз чунин алоқамандиҳо байни илмҳои ҳуқуқшиносӣ, бо ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Дар воқеъ илми мурофиаи ҷиноятӣ барои рушди илми криминалистика заминаҳои ҳуқуқиро фароҳам меоварад. Аммо ин робитаи маънои маҳдуднамудани илми криминалистикаро ҳамчун илми мустақил надорад, баракс дар доираи илми мурофиаи ҷиноятӣ арзу усулҳои ва тактикаи гузаронидани амалҳои тафтиши инкишоф меёбанд.

Чунин робита боис мегардад, ки тарзу усул ва воситаҳои коркардшудаи илми криминалистика дар ошкор намудан, пешгири кардан ва тафтиши ҷиноятҳо ба роҳ монда шаванд.

Дар асоси назарияи илми криминалистика ва ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ робитаи онҳо дар шаклҳои зерин ифода меёбад: илми ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ маҳдудият, шартҳо ва тавсияҳоро оид ба истифодабарии техникаи криминалистикӣ дар раванди тафтиши ҷиноят аз тарафи муфаттишон ба хусус муфаттишони мақомоти прокуратура дар самти бозёфт, ҷамъоварӣ, таҳқиқ, истифодабарӣ ва баҳодиҳӣ ба далелҳои ҷиноят, муайян кардани салоҳияти субъектони истифодабарандагони техникаи криминалистикиро муқаррар намуда, усулҳои экспертизаи криминалистиро дар раванди таҳқиқотҳои экспертӣ бо дарназардошти усулҳои он муайян мекунад.

Алоқамандии криминалистика ва ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ дутарафа буда, тавсифи доимӣ ва ҷудонашаванда дорад. Агар ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ чун маҷмуи меъёрҳо шакли мурофиавии гузаронидани амалҳои алоҳидаи тафтиширо танзим карда, қонуниятҳои ҷории ин меъёрҳоро омӯзад, илми криминалистика қонуниятҳои истифодаи воситаҳои илмию техникӣ, тарзҳои тактикӣ ва усулҳои дарккунӣ дар ҷараёни гузаронидани ин амалҳои тафтиширо меомӯзад. Дар ин асно олими машҳури илми криминалистика Е.И. Кайрҷанов қайд мекунад, ки алоқамандии тамоми ҳодисаҳо боиси инкишофи олами объективӣ мегардад [40, с. 155].

Криминалистика дар асоси маълумот, ақидаву назарияҳои илмӣ, ҳамчун илми мустақил ба қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ бисёр намудҳо ва амалҳои тафтишӣ аз нуқтаи назари ҳам назариявӣ ва ҳам амалиявӣ кор карда, тавсия кардааст. Масалан, дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1935 меъёрҳои танзимкунандаи эксперименти тафтишӣ, санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса, нишон додан барои шинохтан ҷой надоштанд. Сарфи назар аз ин, амалҳои тафтишии номбаршуда дар ҷараёни тафтиши ҷиноятҳои алоҳида гузаронида мешуд. Криминалистон

бошанд, зимни омӯзиши амалияи тафтиши қонуниятҳои онҳоро муайян намуда, меъёрҳои танзимкунандаи онҳоро кор карда, тавсия кардаанд.

Криминалистика бо ҳуқуқи ҷиноятӣ бевосита алоқаманд аст. Мисли дигар соҳаҳои ҳуқуқ, ҳуқуқи ҷиноятӣ вазифаҳои худро танҳо бо роҳи ба танзим даровардани муносибатҳои ҷамъиятии мувофиқ иҷро карда метавонад. Дар ин ҷараён қонуниятҳои таркиби ҷиноят ва банду басти ҷиноятҳои алоҳидаро меомӯзад ва дар асоси дарки ин қонуниятҳо усулҳои маънидод намудани қонунҳои ҷиноятӣ, таҳлили таркиби ҷиноятҳо, бандубасти онҳо ва таъин кардани ҷазоҳои ҷиноятиро кор карда, тавсия менамояд. Криминалистика дар асоси донишҳо оид ба таркиби ҷиноятҳои алоҳида усулҳои тафтиши онҳоро кор карда, тавсия мекунад. Маълум аст, ки яке аз омилҳои ташкили дурусти тафтиши ҷиноятҳои алоҳида тавсифи криминалистикии онҳо мебошад. Аз тарафи дигар, маҳз дар раванди таҳлили криминалистикии ҷиноят аломатҳои таркиби ҷиноят муқаррар карда мешаванд.

Криминалистика бо ҳуқуқи маъмурӣ низ алоқамандӣ дорад, хусусан, дар қисми ҷамъ намудан, тадқиқ кардан, баҳо додан ва истифода бурдани далелҳо оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ. Дар баробари алоқамандии илми криминаслитика бо дигар соҳаҳои илми ҳуқуқшиносӣ он бо як қатор мақомотҳои қудратӣ ва ҷузъу сохторҳои онҳо равобит дорад. Махсусан илми криминалистика дар фаъолияти кории мақомоти корҳои дохилӣ, прокуратура, дар раванди тафтиш ва ошкор намудани ҷиноят истифода бурда мешавад.

Байни криминалистика ва фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ низ алоқамандӣ ҷой дорад. Ҳангоми амалӣ кардани фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва ё ин ки чорабиниҳои он аз усул ва воситаҳои илмию техникии криминалистикӣ ба тариқи васеъ истифода бурда мешавад ва ё ин ки баръакс, ҳангоми муайян намудани тарзи содир кардани ҷиноят ва муайян

кардани шахсияти ҷабрдида ва ҷинояткор аз чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ истифода бурда мешавад.

Тавре қаблан дар боло зикр карда шуд, илми криминалистика бо илмҳои гуманитарӣ робитаи наздик дорад, махсусан робитаи ин илм бо илмҳое, ки ахлоқ ва сиришти инсониятро меомӯзанд. Воқеан дар раванди тафтиш ва ошкор намудани ҷиноят, махсусан ҳангоми пешбурди амалҳои тафтишӣ меъёрҳои умумипазироишудаи этика ва эстетика зиёд истифода бурда мешаванд. Қонунияти истифодаи тавсияҳои криминалистикӣ набояд бар хилофи талаботи ахлоқ бошад.

Маълумотҳои равоншиносии (психологӣ)-и ҳуқуқиро криминалистика дар навбати аввал ҳангоми коркарди роҳҳои тактикӣ истифода мекунад. Усулҳои илми равоншиносӣ дар мавриди гузаронидани як қатор амалҳои тафтишӣ бисёр васеъ истифода мешаванд. Бахусус дар раванди гузаронидани пурсиш, рӯбарӯкунӣ, муайян намдани механизми содиршудани ҷиноят, таҳқиқи шахсияти ҷиноятсодирнамуда ва ҷабрдида. Масалан, дар бораи аҳаммияти маълумотҳои равоншиносӣ барои шинохтани ҳусни хат, ташаккули ақидаи эксперт-криминалист ё барои усули тафтиши ҷиноятҳои гуногун қайд кардан зарур аст.

Дар замони муосир криминалистика бо илмҳои таббӣ дар раванди тафтиш ва ошкор намудани ҷиноят бисёр робитаи ногусастанӣ доранд. Ин робита боиси шуд ки тарзу усулҳои ошкор намудани ҷиноятҳо муқобили шахсият рушд ёбад. Ин робита аслан дар асоси истифода намудани донишҳои махсус дар раванди гаузаронидани амалҳои тафтишӣ ба роҳ монда мешавад.

Алоқамандии сершохаро криминалистика бо илмҳои табиатшиносиву техникӣ дорад ва онҳо пайваста зери таъсири тараққиёти илмию техникӣ васеъ мегарданд. Дар раванди тафтиши ҷиноят ва ҷамъоварӣ намудани далелҳо ҳолатҳое ба миён меоянд, ки истифодаи усулҳои илмҳои номбурда зарурияти кориро талаб мекунад, ва аз тарафи илми криминалистика онҳо

истифода карда мешаванд. Валекин дар баъзе ҳолатҳо, воситаҳо ва усулҳои ин илмҳо дар криминалистика бевосита, яъне бидуни даровардани ягон тағйирот истифода карда мешаванд.

Ба доираи робитаи мутақобилаи илмҳо торафт бештар донишҳои нав ба илми криминалистика дохил мешаванд, вале дар баробари ин усулҳои алоҳидаи илми криминалистика ба миён омаданашон аз эҳтимол дур нест.

Бояд зикр кард, ки дар базе мавридҳо робитаи илми криминалистикаро бо дигар илмҳо дар аксуламал дидан мумкин аст, яъне дар баъзе мавридҳои усулҳои илми криминалистика баракс аз тарафи илмҳои дигар истифода карда мешаванд. Масалан дар илми адабиётшиносӣ барои муқаррар намудани асардуздӣ  [45, с. 23].

Масъалаи низоми техникаи криминалистикӣ миёни намояндагони мактабҳои гуногуни илмии криминалистика баҳсҳои амиқ ва таҳлили ҷиддӣ ба вуҷуд намеорад [130, с. 161-166]. Ба таври умум, қабул шудааст, ки фасли «Техникаи криминалистикӣ» дар асоси ду омили асосӣ сохта шудааст: Мундариҷаи қисми аввал муқаррароти умумӣ ва тавсифи намудҳои гуногуни воситаҳои техникӣ, воситаҳо ва усулҳоро дар бар мегирад. Мундариҷаи қисми дуюм, муқаррарот ва тавсияҳои марбут ба хусусиятҳои воситаҳои техникӣ ва истифодаи онҳо дар раванди экспертизаҳои криминалистикӣ ва судӣ мебошад.

Дар адабиётҳои навини криминалистика низоми техникаи криминалистикӣ ба таври зерин иншо карда шудааст:

1. Назарияи техникаи криминалистика;
2. Истифодаи ТИК дари илми криминалистика;
3. Банаворгирии криминалистикӣ;
4. Аксбардории криминалистикӣ;
5. Симошиносии криминалистикӣ;
6. Таҳқиқоти пайҳои ҷиноят;
7. Силоҳшиносии криминалистикӣ;

8. Бӯйшиносии криминалистикӣ;

9. Садошиносии криминалистикӣ;

10.Бақайдгирии криминалистикӣ;

11. Таҳқиқоти техникиву криминалистикии ҳуҷҷатҳоро дар бар мегирад [41, с. 21].

Албатта, вобаста ба низоми соҳаҳои техникаи криминалистикӣ назарияҳо ва ақидаҳои зиёд дар адабиётҳои ҳуқуқӣ мавҷуд мебошанд. Яке аз олимони намоёни криминалистика дар замони муосир чунин мешуморад, ки санҷиши силоҳи сард ба яке аз мавзуҳои силоҳшиносии криминалистикӣ шомил мешавад. Чунки силоҳи сард низ як намуди силоҳе ба ҳисоб меравад, ки ба сифати объекти таҳқиқоти силоҳшиносии криминалистикӣ баромад мекунад. Аз ин рӯ новобаста аз таъиноти силоҳи сард, омӯзиши он ҳамчун қисмати мустақили техникаи криминалистикӣ баромад намекунад [43, с. 324-343].

Албатта дар адабиётҳои илми криминалистика воситаҳои техникии криминалистикӣ вобаста ба омилҳои гуногун тасниф карда шудаанд.

Воситахои техникӣ - криминалистиро аз руйи таъиноташон ба намудҳои зерин тақсим карда мешавад: 1) воситаҳои ошкор намудани изи ҷиноят ва ашё - далелхои шайъӣ; 2) воситаи бақайдгирии изҳо ва иттилооти аз ҷиҳати судӣ аҳаммиятнок, ки дар рафти амали тафтишӣ ба даст оварда шудаанд; 3) воситаҳои таъмин намудан ва гирифтани осорҳо ва далелҳои шайъӣ; 4) воситаҳое, ки барои таҳқиқи экспертизаи объектҳои аз ҷиҳати судӣ аҳаммияти калон истифода мешаванд; 5) маҷмуи воситаҳое, ки барои ҷустуҷӯи шахсони ҷиноятсодиркарда ва кофтукови молумулки тасарруфшуда; 6) воситаҳои техникӣ барои пешбурда ҳаракати муфаттишон; 7) воситаҳои таъмини амнияти шахсии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ; 8) воситаҳое, ки барои пешгирии ҳамлаҳои ҷиноятӣ ва дастгир кардани ҷинояткор дар ҷои ҷиноят истифода мешаванд. Таснифоти овардашуда танҳо хусусиятҳои истифодабарии воситаҳои техникӣ - криминалистикиро

муқаррар мекунад, аммо вобаста ба намудҳои мушахаси техникаи криминалистикӣ чизе гуфта нашудааст, ки ин ба номукамалии воситаҳои техникӣ оварда мерасонад.

Дар адабиётҳои илми криминалистика зикр карда шудааст, ки таснифоти воситаҳои техники криминалистикӣ вобаста ба омилҳои гуногун тасниф карда мешаванд, масалан вобаста ба нуқтаи назари Е.Н. Шульга чунин таснифот қобили қабул аст: 1) таснифоти воситаҳои техники криминалистикӣ вобаста ба омилҳои ташакули техникаи криминалистика; 2) таснифоти воситаҳои техники криминалистикӣ вобаста шахсони масъули истифодабаранда; 3) мақсад. Аз рӯи пайдоиши худ техникаи криминалистикӣ ба мутобиқшуда, яъне аз дигар соҳаҳои технология гирифташуда ва махсус барои мақсадҳои криминалистикӣ (асбобҳои изи ангуштҳоро гиранда, лабораторияҳои криминалистии сайёр ва ғайра) истеҳсолкардашуда ҷудо мешавад. Вобаста ба субъектони истифодабарӣ онҳо ба воситаҳое, ки барои истифода аз ҷониби муфаттиш пешбинӣ шудаанд (ҷомадони тафтишотӣ, камера, дастгоҳҳои ҷустуҷӯ ва ғ.) ва ба воситаҳои техникие, ки аз ҷониби мутахассис ва коршиносони судӣ истифода мешаванд (таҷҳизоти гуногуни таҳқиқотӣ) тақсим мешаванд. Аз рӯи мақсадҳои истифодабарӣ онҳо ба намудҳои зерин тақсим карда мешаванд: 1) воситаҳои кофтуковӣ ва ҷустӯҷӯӣ; воситаҳои техникии механикӣ ва магнитӣ, асбобҳо, ки барои ошкор кардани ашёи гуногун, пайҳо, микрозаррачаҳо, моддаҳо, инчунин ҷасад ва одамони зинда истифода мешаванд.

Воситаҳои болозикр дар амалияи тафтишӣ аз тарафи муфаттишон барои бозёфт, ҷамъоварӣ ва таҳқиқи далелҳои ҷиноят истифода бурда мешаванд. Яке аз намудҳои махсуси техникаи криминалистикӣ воситаҳои кофтуковӣ - ҷӯстуҷӯӣ ба ҳисоб мераванд, ки онҳоро мумкин аст ба намудҳои зерин тасниф кард: а) воситаҳои кофтуковӣ - ҷӯстуҷуи механикӣ; б) воситаҳои магнитии кофтуковӣ - ҷӯстуҷуӣ; в) воситаҳои кофтуковӣ - ҷӯстуҷуй химиявӣ;

г) воситаҳои кофтуковӣ - ҷӯстуҷуӣ барқӣ; д) воситаҳои кофтуковӣ - ҷӯстуҷуӣ индуктивӣ; е) воситаҳои кофтуковӣ - ҷӯстуҷуӣ радиатсионӣ [70, с. 72].

Истифодаи воситаҳои техникаи криминалистикӣ аз тарафи иштирокчиёни махсуси мурофиаи ҷиноятӣ дар доираи салоҳияти онҳо ба роҳ монда мешавад. Истифодаи усулҳои номбурда бодарназардошти ваколат ва салоҳияти онҳо амали карда мешаванд. Қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ваколати иштирокчиёно мурофиаи ҷиноятиро оид ба истифодабарии воситаҳои техникаи криминалистикӣ қисман муайян кардааст [2].

Вобаста ба таъинот воситаҳои техникии криминалистикиро мумкин аст ба намудҳои зерин тақсим кард: воситаҳое, ки дар раванди тафтиши пешакӣ истифода мешаванд; воситаҳои техникие, ки дар раванди истеҳсоли экспертизаҳо истифода мешаванд; воситаҳои техникие, ки дар раванди амалӣ намудани фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ истифода бурда мешаванд; воситаҳои техникие, ки дар раванди тафтишоти судӣ истифода бурда мешаванд.

Техникаи криминалистикӣ ба ду категория тақсим мешавад: аввал, техникаи мутобиқшуда ба тафтишоти ҷиноят ва раванди экспертизаи судӣ, ки аз дигар соҳаҳои илмҳои дақиқ гирифта шуда ва махсус барои мақсадҳои криминалистикӣ сохта шудаанд; ва дуюм, техникаи махсус, ки барои истифодаи муфаттишон ва коршиносон истеҳсол ё таҳия мешавад. Воситаҳо вобаста ба истифодабарандагони онҳо, ба воситаҳое, ки барои истифодаи муфаттишон пешбинӣ шудаанд (ба монанди ҷомадонҳои тафтишотӣ, камераҳо, дастгоҳҳои ҷустуҷӯ ва ғайра), ва ба воситаҳое, ки барои коршиносони судӣ ва мутахассисон таъриф ёфтаанд (масалан, таҷҳизоти таҳқиқотӣ), тақсим мешаванд. Аз рӯи мақсадҳои истифодабарӣ, онҳо ба гурӯҳҳои гуногун, ба монанди воситаҳои кофтуковӣ ва ҷустуҷӯӣ, техникаи механикӣ ва магнитӣ, асбобҳо барои ошкор кардани ашёи гуногун, пайҳо, микрозарраҳо, моддаҳо, инчунин ҷасад ва одамони зинда, ҷудо мешаванд.

Техникаи криминалистикӣ ва воситаҳои онро танҳо дар ҳолате метавон ба кор бурд, ки асосҳои қонунӣ барои истифодаи онҳо мавҷуд бошад. Истифодаи воситаҳо ва усулҳои техникӣ метавонад қонунан эътироф шавад, агар он дар қонун муқаррар карда шуда бошад, ё агар қонун тавсия дода бошад, ё агар ба мухтавои худ ва мақсади истифодаи онҳо хилофи қонун наояд. Бинобар ин, гарчанде ки феҳристи воситаҳо ва усулҳои техникӣ - криминалистикӣ, ки барои расидан ба мақсадҳои илми криминалистикӣ истифода мешаванд, хеле фарох аст, вале санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои онҳо маҳдудиятҳои муайян мегузоранд. Ин маҳдудиятҳо, аввало ба имкониятҳои илм ва техникаи муосир вобаста мебошанд. Дуюм, онҳо бо талаботҳои махсуси марбут ба воситаҳо ва усулҳо алоқаманданд, ки истифодаи онҳоро дар чаҳорчӯбаи қонун ва бо миқдори муайян муқаррар мекунанд. Фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки ба ошкор ва таҳқиқи ҷиноятҳо равона шудааст, бе истифодаи воситаҳои техникӣ - криминалистикӣ номумкин аст. Дар баъзе меъёрҳои Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ зарурати истифодаи воситаҳои техникӣ-криминалистикӣ ҳангоми бозёфт, ҷамъоварӣ ва таҳқиқи далелҳо пешбинӣ шудааст.

Мутобики моддаи 171. «Қоидаҳои умумии пешбурди амали тафтишӣ» «Ҳангоми пешбурди амали тафтиши мумкин аст воситаҳои техникӣ, усулҳои илман асосноки ошкоркунӣ, бақайдгирию сабт ва ёфта гирифтани изҳои ҷиноят ва далелҳои шайъӣ истифода шаванд» [2]. Дар моддаи мазкур муқарраротӣ умумии истифодаи техникаи криминалистикиро пешбинӣ шудааст. Вале номи воситаҳои техникӣ ва тартиби истифодабарии онҳо пешбинӣ карда нашудааст. Баъзе олимон дар он ақидаанд, ки қонун ва на низомнома рӯйхати мукаммали он воситаҳои техникӣ-криминалистикиро, ки барои ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо истифода мешаванд, пешбинӣ карда наметавонанд» [15, с. 110].

Бинобар ин, принсипҳои умумии роҳ додан ба истифодаи воситаҳои техникӣ ҳангоми тафтиши ҷиноят аҳаммияти калон пайдо мекунанд. Инҳо,

ба андешаи мо, принсипҳои қонуният, асоснокии илмӣ, самаранокӣ, бехатарӣ ва ахлоқ мебошанд.

Яке аз принсипҳои асосии истифода намудани техникаи криминалистикӣ принсипҳои умумии роҳ додан ба истифодаи воситаҳои техникӣ-криминалистикӣ мебошад, ки бо ёрии он раванди тафтиши ҷиноят мавқеи муайянро пайдо мекунанд.

Принсипи қонуни будани истифодабарии воситаҳои техникаи криминалистикӣ маънои онро дорад, ки усулҳои истифодабарии воситаҳои техникӣ бояд, ки дар асоси меъёрҳои қонунгузории амалкунанда ба роҳ монда шавад, яъне ҳангоми ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо, инчунин ҳангоми баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ фаҳмида мешавад.

Принсипи илман асоснок, яъне дуруст истифода будани воситаҳои техникӣ-кримналистикиро дар назар дорад, ки онҳо бояд асоси илмӣ дошта бошанд. Яъне ҳамаи он воситаҳо ва усулҳое қобили қабуланд, ки натиҷаҳои боэътимод дода истифода ва самаранокии инҳо илман асоснок шуда бошанд.

Самаранокӣ шарти истифодаи воситаҳои техникиро дар назар дорад, ки ноил шудан ба ҳадафи гузошташуда ва дурустии зарурии натиҷаҳоро таъмин мекунад.

Бехатарӣ риояи ин принсип мавҷуд набудани омилҳои таҳдид ба ҳаёт ва саломатии ҳарду иштирокчии раванди тафтиши ҷиноят дар назар дорад.

Меъёри ахлоқро яке аз принсипҳое ба ҳисоб мераванд, ки аз тарафи олимони зиёд пазируфта нашудааст. Сабаби этироф накардани ин принсип дар он аст, ки татбиқи меъёрҳои ахлоқӣ ҳангоми истифодаи техникаи криминалистӣ аз тарафи муфаттишон дар раванди тафтиши ҷиноят аз тарафи қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ пешбинӣ карда нашудааст. Дар воқеъ бе риоя намудани меъёрҳои фарҳангию ахлоқи истифода намудани техникаи криминалистикӣ ғайри имкон аст, чунки дар раванди тафтиши ҷиноят бо истифода намудани воситаҳои муосири техникии криминалистикӣ бояд ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд эҳтиром карда шавад.

Мавқеи принсипи қонуният дар раванди истифода намудани воситаҳои техникӣ - криминалистикӣ назаррас мебошад. Дар ҳама гуна парвандаи ҷиноятӣ, истифодаи воситаҳои техникӣ бояд мувофиқи қонун ва санадҳои зерқонунӣ, гузаронида шавад. Ин ба маънои риояи ҳуқуқҳои инсон ва эҳтимолияти истифодаи беш аз миқдори лозимии ё усулҳои ғайриқонуниву таҳқиромез мебошад. Усулҳои техникии истифодашаванда, ҳамеша бо нигоҳ доштани принсипҳои қонунии таҳқиқот ва ҷамъоварии далелҳои исботӣ муайян мешаванд. Барои ин, мавҷудияти як низом ва принсипи дақиқи қонунӣ зарур аст, ки ба муфаттиш ва дигар иштирокчиёни муаммо роҳнамоӣ мекунад, ки чӣ гуна истифодаи воситаҳои техникӣ дар дохили хати муқарраршудаи қонунӣ ва адолатӣ ба назар гирифта мешавад.

Воситаҳои техникӣ ба монанди микрофонҳо, камераҳо, барномаҳо ва дигар технологиҳои сабт ва таҳлили маълумот, бояд тибқи қонунҳои соҳавӣ истифода шаванд. Мақсад аз истифодаи воситаҳои техникӣ ва усулҳои он асосан ба даст овардани далелҳои дақиқ дар раванди таҳқиқот ва мурофиаи ҷиноятӣ нигаронида мешавад. Аммо, зарурати истифодаи чунин воситаҳо бояд бо эҳтиёт ва мувофиқи қонун ва талаботҳои ҳуқуқии муқаррарӣ сурат гирад, ки маъзарат аз ҳуқуқи шаҳрвандон ва дигар шахсони манфиатдорро пешгирӣ мекунад. Ин дурустӣ ва равиши ҳуқуқии воситаҳо ва усулҳои техникии истифодаи онҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ барои таъмини адолат ва тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ муҳиму нигаронӣ аст [15, с. 110].

Истифодаи воситаҳои техникии криминалистикӣ бо дарназардошти риоя намудани принсипҳои асоснокии илмӣ, самаранокӣ, қонуният, бехатарӣ ва риояи меъёрҳои фарҳангию ахлоқӣ сурат бояд гирад. Албата новобаста аз оне, ки дигар принсипҳо мавқеъи назаррассро дар тафтиши ҷиноят ишғол менамоянд, бояд тазакур дод, ки байни ҳамаи ин принсипҳо принсипи қонуният нисбатан бартари дорад. махсусан дар асоси принсипи қонуният чунин шартҳо барои истифодабарии техникаи криминалисткӣ пешбинӣ карда шудааст:

а) зарур аст, ки дар раванди истифода намудани техникаи криминалистики меъёрҳои умумиэтирофшудаи қонунгузори риоя крада шуда бошанд;

б) дар доираи муқаррароти қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ бояд, ки истифодаи техникаи криминалистикӣ сурат гирад.

Дар ҳақиқат, Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузории амалкунанда, ки тартиби амалҳои тафтишотиро танзим мекунанд, ба муайян кардани заминаи ҳуқуқии истифодаи техникаи криминалистикӣ кӯмак мерасонанд. Меъёрҳои қонунгузории амалкунанда, ки раванди гузаронидани амали тафтишотиро танзим мекунанд, ба масъулон ва мақомоти тафтишотӣ имконият медиҳанд, ки воситаҳои техникӣ, аз ҷумла асбобҳои гуногуни криминалистикӣ, дар доираи муқаррароти қонунгузории амалкунанда истифода шаванд.

Аз ин рӯ, истифодаи воситаҳои техникӣ барои ҷустуҷӯ, тафтиши ҷиноят, таҳлил ва исботи далелҳо, ба шарти риояи қонун ва талаботҳои ахлоқӣ, хеле муҳим аст. Он бояд танҳо дар ҳолатҳое анҷом дода шавад, ки мувофиқати онҳо бо қонун ва эҳтироми ҳуқуқи шаҳрвандон таъмин гардад. Ҳадафи асосии истифодаи воситаҳои техникӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ, бенуқсон ва бехатарии истифодаи онҳо мебошад, ки қонуният ва шаффофиятро таъмин мекунад.

Меъёрҳои Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита тартиб ва зарурати истифодаи воситаҳои техникӣ ва экспертизаи судиро дар бар намегиранд. Танҳо ба таври умумӣ истифодабарии воситаҳои техникаи криминалистикӣ дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ оварда шудаасту халос, ки ин  ба татбиқи принсипи қонуният мамоният мекунад.

Агар дар қонунгузорӣ барои истифодаи воситаҳои техникӣ, чун масалан, роҳҳои гӯш кардани гуфтугӯҳо, таъқиб ва ё дигар таҳқиқотҳои марбут, иҷозати махсус пешбинӣ нашуда бошад, ин маъно надорад, ки муфаттиш дигар ҳақ надорад, ки воситаҳои техникӣ барои ёфтани далелҳо истифода

кунад. Вақте ки муфаттиш ё мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба ҷустуҷӯ, таҳқиқот ва ҷамъоварии далелҳо мепардозанд, қонунҳои ҳамзамон талаб мекунанд, ки онҳо тартиб, шева ва эҳтироми ҳуқуқи риоя намоянд. Агар қонун барои истифодаи воситаҳои техникӣ мушаххас накунад, амалиётҳо бояд дар доираи меъёрҳои умумии ҳуқуқӣ ва бо эҳтиром ба ҳуқуқи инсон ва маҳдудиятҳо сурат гиранд. Дар баъзе ҳолатҳо, истифодаи воситаҳои техникӣ барои таҳқиқот ҳатман бояд бо иҷозати додгоҳӣ ё раванди қонунӣ сурат гирад.

Мутобиқи моддаҳои 81 ва 172 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар протокол бояд ҳамаи маълумоти марбут ба истифодаи воситаҳои илмӣ - техникӣ ба таври муфассал ва дуруст қайд карда шаванд. Воситаҳои илмӣ - техникӣ, ки дар амали тафтишӣ истифода шудаанд метавонад яккатар технологиҳои махсус, аз ҷумла дастгоҳҳои таъқиб, асбобҳои аудио ва видео, таҷҳизоти таҳқиқи манзил ва ғайра бошад. Бояд ба таври дақиқ ва муфассал нишон дода шавад, ки кӣ ва чи гуна ин воситаҳоро истифода кардааст, инчунин ҳуҷҷатҳои марбут, ки нишон медиҳанд, ки ҳамаи қадамҳо дар доираи қонун иҷро шудаанд. Объектҳое, ки воситаҳо нисбат ба онҳо татбиқ шудаанд ба он ишора мекунад, ки кадом ашё ё субектҳои муайян тавассути воситаҳои техникӣ таҳқиқ карда шудаанд, ба монанди манзилҳо, чизҳои шахсӣ, ё субтитрҳо. Ҳар натиҷаи ба даст омада бояд маълумоти дақиқ дошта бошад, ки ин далелҳо ва шоҳидон дар мурофиаҳои судӣ ё тафтишот чӣ гуна истифода мешаванд. Яке аз омилҳои муҳим ин аст, ки шахсони иштироккунандаи амали тафтишӣ огоҳ карда шаванд, ки воситаҳои техникӣ истифода хоҳанд шуд. Агар онҳо ба таври шифоҳӣ ё хаттӣ мувофиқа накунанд, ин бояд дар протокол нишон дода шавад.

Истифодаи дуруст ва қонунӣ аз воситаҳои техникӣ-криминалистӣ на танҳо амали тафтиширо самараноктар мекунад, балки барои хатарҳои эҳтимолии поймол шудани ҳуқуқи инсон ё камбудиҳои қонунӣ низ монеъ мегардад.

Ба таври дуруст, истифодаи воситаҳои техникӣ ва усулҳои гузаронидани экспертизаи судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи боби 24 Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи судӣ» (аз 25 июли соли 2005) танзим карда мешавад. Ҳадафи ин муқаррарот ин аст, ки ҳамаи раванди гузаронидани экспертизаи судӣ ва истифодаи воситаҳои техникӣ дар асоси қонун ва стандартҳои таълимӣ ба назар гирифта шавад, то шаффофият ва эътибори натиҷаҳои экспертиза таъмин карда шавад.

Воситаҳои махсуси техникии, ки дар раванди экспертиза истифода шудаанд, ба монанди дастгоҳҳо, камераҳо, асбобҳои санҷишӣ ва дигар таҷҳизот, бояд бо нақл кардани номи дастгоҳ, намуд ва хусусиятҳои он ба таври саҳеҳ дар хулосаи экспертиза баён шаванд.

В.А. Волинский дуруст зикр мекунад, ки «истифодаи воситаҳои техникӣ на танҳо вобастагии ҳуқуқиро тақозо мекунд, балки риояи талаботҳои қонун омили ҳатмии истифодаи техникаи криминалистикӣ аз тарафи муфатишон мебошад» [27, с. 268]. Дар адабиётҳои ҳуқуқи зикр карда шудааст, ки ба сифати танзими ҳуқуқии истифодаи техникаи криминалистикӣ маҷмуи принсипҳо бояд дар назар дошта шавад, ки ҳадафи истифодабарии воситаҳои болозикрро муайян мекунад  [19, с. 218]. Дар масъалаи танзими ҳуқуқии низоми таъминоти техникӣ ва судӣ андешаи П.Т. Скорченко қобили қабул аст. Ба ақидаи ӯ, ҳангоми таъмини асосҳои ҳуқуқӣ ҳамчун унсури истифодаи воситаҳои техникӣ - криминалистикии тафтишот бояд танзими ҳуқуқии дар фаъолияти тафтишӣ дар назар дошта шавад [65, с. 272].

Доираи меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятии, ки тартиб ва натиҷаҳои истифодаи воситаҳои техникиро пешбинӣ мекунанд, бояд васеъ карда шавад. Р.С Белкин дуруст қайд мекунад, ки мавҷудияти ин гуна носаҳеҳӣ ва ихтилофот дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ моро водор мекунад, ки аз талаботи муайяни қонун, ки ҳудуди истифодаи воситаҳои техникиро дар амали тафтишӣ муқаррар бояд кунад, дур шавем, ки дар амал

аксар чунин дур шудан аз қонун, аз ҳар чизи дигар кам хавфнок нест [85, с. 102-103].

Аз таҳқиқоти адабиётҳои илмӣ ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, мумкин аст на танҳо ба масъалаҳои қоидаҳои ҳатмии рафтор барои субъектҳои истифодаи техникаи криминалистикӣ ҷавоб пайдо карда шавад, балки ин қоидаҳоро ба низом дароварда онҳоро ба якчанд гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст:

1. Ба гурӯҳи якум қоидаҳое дохил шуда метавонанд, ки истифодаи ҳатмии воситаҳои махсуси техникии бозёфт, ҷамъоварӣ, бақайдгирӣ, истифодабарӣ ва баҳодии далелҳоро барои таъмини эътимоднокии натиҷаҳои дар рафти тафтишот ё мурофиаи судӣ ба даст овардашуда пешбинӣ менамоянд;

2. Гурӯҳи дуюм аз қоидаҳое иборат хоҳад буд, ки уҳдадории истифодаи воситаҳои илмию техникиро бо мақсади таъмини ҳуқуқҳои шаҳрвандон дар мурофиаи ҷиноятӣ муқаррар менамояд. Аз ҷумла, такрори ҳатмии фонограммаҳо, сабти видеоии филмҳо ва ғайра мебошад.

3. Ба гурӯҳи сеюми қоидаҳо меъёрие дохил шуда метавонанд, ки тартиби қатъиян муқарраршудаи истифодаи воситаҳои техникиро пешбинӣ намуда, вайрон кардани онҳо натиҷаҳои бадастомадаро аз арзиши далелӣ маҳрум месозад. Аз ҷумла, банди 4 моддаи 201-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ мекунад, ки тибқи он «баъди ба охир расидани пурсиш сабти овоз ва видео ба пурсишшаванда пурра шунавонида ва нишон дода мешавад. Баъди ба охир расидани намоиш ё шунидани сабт аз пурсишшаванда пурсида мешавад, ки оё ӯ гуфтаҳои худро пурра ё аниқ карда метавонад ва оё ӯ дурустии сабтро тасдиқ мекунад. Иловаҳои пурсишшаванда ба нишондодҳои сабти овоз ва видео, ҳамчунин ба фонограмма ва видеограммаҳо дохил карда мешаванд. Сабти овоз ва видео бо изҳороти пурсишшаванда, ки дурустии онро тасдиқ мекунад, ба охир мерасад» [2].

4. Гурӯҳи чоруми қоидаҳо муайян кардани тартиби муқарраршудаи мурофиавии фаъолияти шахсони мансабдорро вобаста ба қабули истифодаи воситаҳои техникиро муайян мекунанд. Қоидаи шабеҳ, масалан дар м. 201 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мутобиқи он аз «бо қарори муфаттиш ҳангоми пурсиши гумонбаршуда, айбдоршаванда, шоҳид ё ҷабрдида сабти овоз ва видео истифода шуда метавонад. Сабти овоз ва видео метавонад ҳамчунин бо хоҳиши гумонбаршуда, айбдоршаванда, шоҳид ё ҷабрдида истифода гардад. Муфаттиш дар бораи сабти овоз ва видео қарор қабул мекунад ва дар ин бобат ба пурсишшаванда то оғози пурсиш хабар медиҳад. Сабти овоз ва видео маълумотеро, ки дар қисмҳои 3 ва 4 моддаи 172 Кодекси мазкур зикр шудаанд, бояд тамоми ҷараёни пурсишро инъикос намояд. Сабти овоз ва видеои як қисми пурсиш, ҳамчунин такрори маълумоте, ки дар ҷараёни ҳамон пурсиш дода шудаанд, махсус барои сабти нишондод мумкин нест. Баъди ба охир расидани пурсиш сабти овоз ва видео ба пурсишшаванда пурра шунавонида ва нишон дода мешавад. Баъди ба охир расидани намоиш ё шунидани сабт аз пурсишшаванда пурсида мешавад, ки оё ӯ гуфтаҳои худро пурра ё аниқ карда метавонад ва оё ӯ дурустии сабтро тасдиқ мекунад. Иловаҳои пурсишшаванда ба нишондодҳои сабти овоз ва видео, ҳамчунин ба фонограмма ва видеограммаҳо дохил карда мешаванд. Сабти овоз ва видео бо изҳороти пурсишшаванда, ки дурустии онро тасдиқ мекунад, ба охир мерасад. Нишондоди дар ҷараёни пурсиш бо истифодаи сабти овоз ва видео гирифташуда мутобиқи қоидаҳои Кодекси мазкур ба протокол дохил карда мешаванд. Дар протоколи пурсиш ҳамчунин инҳо зикр мегардад:

— қайди татбиқи сабти овоз ва видео ва огоҳ кардани пурсишшаванда дар ин бобат;

— маълумот оид ба воситаҳои техникӣ ва шароити сабти овоз ва видео;

— изҳори пурсишшаванда доир ба тадбиқи сабти овоз ва видео нисбати ӯ;

— тасдиқи дурустии протокол, сабти овоз ва видео аз тарафи пурсишшаванда ва муфаттиш» [2].

5. Ва ниҳоят, ба гурӯҳи панҷум қоидаҳое дохил шуда метавонанд, ки онҳо уҳдадории ба таври бояду шояд мустаҳкам намудани тартиб ва натиҷаҳои истифодаи воситаҳои техникиро ба миён мегузоранд. Риоя кардани онҳо инчунин шарти эътирофи арзиши далелии натиҷаҳои истифодаи техникаи криминалистикӣ мебошад. Мисоли чунин қоида метавонад ҳамчун меъёри истифодаи воситаҳои

Субъектҳои истифодаи техникаи криминалистикӣ дар раванди ошкор ва тафтиши ҷиноят, шахсони ба ин ваколатдоршуда мебошанд: муфаттишҳо, прокурорҳо, прокурорҳои ҷиноятӣ (дар амалиёти тафтишотӣ), мутахассисон - кормандони муассисаҳои экспертизаи давлатии судӣ (дар амалиёти тафтишотӣ, фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, таҳқиқоти пешакӣ), экспертҳо (ҳангоми гузаронидани экспертиза), кормандони оперативӣ (ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ).

Воситаҳо ва усулҳои техникӣ - криминалистикӣ ҳангоми бозёфт ва ҷамъоварӣ, таҳқиқӣ, бақайдгирӣ ва истифодабарии далелҳои шайъӣ истифода мешаванд.

Раванди ҷамъоварии далелҳо, ҳифз кардан (қайд кардан), бозёфт, андешидани чораҳои нигоҳдорӣ ва таҳқиқи пешакиро дар бар мегирад.

Воситаҳои техникӣ - криминалистикӣ, ки барои ошкор кардани пайҳо истифода мешаванд хеле гуногунанд. Аз ҳама маъмултарини онҳоро метавон ба якчанд гурӯҳ тақсим кард.

Воситаҳои техникӣ ва криминалистикӣ, ки барои ошкор, сабт ва гирифтани далелҳои шайъӣ пешбинӣ шудаанд, одатан дар шакли маҷмуаҳои махсус: халтаҳои оперативӣ, портфелҳои тафтишотӣ, ҷомадонҳои оперативӣ ва тафтишотӣ муҷаҳҳаз карда мешаванд. Инҳо метавонанд маҷмуҳои универсалӣ бошанд, ки барои тафтиши ҷои ҷиноят ё кофтуков пешбинӣ

шудаанд ё маҷмуаҳои махсусгардонидашуда, масалан, барои кор бо изи дастҳо, барои ташхис дар ҳолатҳои сӯхтор, таркишҳо ва ғайра.

## 1.2. Масъалаҳои таъминоти техникӣ - криминалистикии фаъолияти муфаттишони прокуратура

Таъминоти техникӣ - криминалистикии муфаттишони прокуратура мувофиқи вазифаҳо ва дараҷаи рушди технологияи криминалистикӣ мунтазам тавассути иртиботи прокуратура бо фаъолияти ҷузъу томҳои муассисаҳои экспертизаи давлатии судӣ, муассисаҳои криминалистикӣ, тафтишотӣ, оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, макомоти адлия дар доираи конунгузории мурофиавӣ ҷиноятӣ– амалӣ карда мешавад.

Аз ибтидои солҳои 80-ум дар адабиёти махсус ва санадҳои меъёрии идоравӣ мафҳумҳои зерин пайдо шуданд: «таъминоти илмӣ-техникӣ» [117, с. 33], «таъминоти техникӣ ва криминалистии фаъолияти муфаттишони прокуратура» [128, с. 25], [108, с. 5], «таъминоти техникӣ ва криминалистии ошкоркардани ҷиноятҳои вазнин», «корҳои техникӣ-криминалистӣ» [138, с. 6].

Бо инкишофи соҳаҳои илмҳои техникӣ, ки бо рушди таъминоти ташкилӣ, илмию техникӣ ва методӣ алоқаманд аст, тамоюли баланд бардоштани сатҳи бозёфт, ҷамъоварӣ таҳқиқи бақайдгирӣ ва истифодаи иттилоотро дар ҷараёни ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо муқаррар кардан мумкин аст. Афзоиши фаъолияти ҷинояткорон, васеъ истифода кардани онҳо аз силоҳҳои оташфишон ва лавозимоти ҷангии замонавӣ, пайдоиши шаклҳои нави ҷинояткории аз ҷумла киберҷиноятҳо, ҷиноятҳо ба муқобили муносибатҳои иқтисодӣ зарурати ба таври оммавӣ истифода бурдани технологияҳои навтарини илмии воситаю усулҳои техникии мубориза ба муқобили ин ҳуқуқвайронкуниҳо аз тарафи мақомоти прокуратура тақозо мекунад. Вобаста ба ин, ҳаҷм ва мураккабии истифода намудани воситаҳои

техникӣ-криминалистӣ, ки дар рафти тафтиш ва ошкор кардани ҷиноятҳо аз тарафи муфаттишони прокуратура хеле меафзояд.

Ҷалби воситаҳои автоматикунонӣ барои ташкил ва нигоҳдории далелҳо имкон медиҳад, ки иттилооти аз ҷиҳати судӣ ва тафтишӣ муҳимро зуд коркард ва истифода бурда ва дар ниҳоят ба мушкилоти марбут ба истифодаи техналогияи нави криминалистикӣ ба роҳ монда шавад [18, с. 117].

Таъминоти техникӣ - криминалистикӣ мунтазам ба истифодаи дастовардҳои муосири илму техника, инчунин илмҳои тиб, техникӣ ва дигар соҳаҳои илм дар ошкор, тафтиш ва пешгирии ҷиноятҳо асос ёфтааст. Вазифаҳои дараҷаи ташкилию маъмурии техникаи криминалистикӣ бо мақсади истифодаи оқилона ва самарабахши воситаҳои техникию криминалистӣ ва донишҳои махсус дар соҳаи экспертизаи криминалистӣ тавсиф карда мешаванд [23, с. 3].

Истифодаи дурусти воситаҳои техникии криминалистикӣ ҳамчун сифати асосии низом барои фароҳам овардани шароит барои ноил шудан ба нигоҳдорӣ ва омодагии доимии кормандони дахлдори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои ҳалли масъалаҳои истифодаи воситаҳои техникӣ - криминалистикӣ дар тафтиши ҷиноятҳо пешбинӣ шудааст. Эътимоднокии низоми воситаҳои илми техникӣ - криминалистикӣ ҳамчун яке аз принсипҳои фаъолияти субъектҳои ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо ҳамчун қобилияти таъмини иҷрои самаранок ва босифати вазифаҳои худ дар давраи муайян инъикос мегардад. Баррасии фаъолияти муфаттишони прокуратура бо иштироки криминалистҳо аз нуқтаи назари муқовимат бо ҷинояткорӣ имконпазир аст. Ба мақсад мувофиқ аст, ки тартиби истифодабарии воситаҳои техникӣ-криминалистикӣ аз тарафи субъектҳои ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо дар шакли дастурамалҳои амалӣ пешниҳод карда шавад.

Барои нишон додани сатҳи истифодаи техникаи криминалистӣ, лозим аст, ки тарафи баҳодиҳии он бояд аз дараҷаи татбиқи воситаҳо ва усулҳои дар рафти фаъолияти амалии ошкор намудан, тафтиши ҷиноятҳо ва чораҳои

пешгирикунанда бо истифодаи фаъолонаи аз технологияи нави криминалистикӣ истифодабарӣ иборат бошад.

В.А Волинский дуруст кайд мекунад, ки «фаъолияти амалии ҳаррӯза муфаттишони прокуратура ҳамчун субъекти асосии ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо дар шароити муосир ба таври фаврӣ ҷорӣ намудани воситаҳои автоматикунонӣ, техникаи ҳисоббарорӣ ва технологияҳои муосири информатсионӣ дар самти ташкил ва таъмини фаъолияти тафтишии муфаттишон зарур аст, аз ҷумла, дар доираи баҳисобгирии буғгалтерияи судӣ» [25, с. 15].

Худи фаъолият ҳамчун омили асосии муттаҳидкунандаи зинаи якум, ташкилию идоравии техники криминалистикии муфаттишон оиди ташкил намудани шароити омодагии доимии истифодаи технологияи криминалистӣ мебошад. Муносибати мутақобила, ки ба ҳадафу вазифаҳои мушаххаси техникаи криминалистикӣ асос ёфтааст, дар асоси дастовардҳои илмҳои муосир ташкил шуда, дар раванди рушд қарор дорад. Усулҳои илмии имрӯза ба гирифтани маълумот аз нишонаҳои марбут ба ҷинояти тафтишшаванда нигаронида шудаанд ва бо ин роҳ ин самтро, ки бисёре аз мутахассисони илми криминалистика ҳамчун самти асосӣ баррасӣ мекунанд [84, с. 5-11]. Дар сатҳи ташкилию идоракунӣ, ташаккули шартҳои зарурӣ барои муҳайё кардани шароит барои тайёрии доимии истифодабарии самарабахши техникаи криминалистӣ хеле муҳим аст. Ин раванде мебошад, ки бо мақсади таъмини самаранокии техникаи криминалистӣ ва истифодаи дуруст ва муассири он дар раванди таҳқиқот ва пешгирии ҷиноятҳо амалӣ мегардад. Ба ин мақсад, якчанд шарт ва ҷанбаҳои асосӣ бояд ба назар гирифта шаванд. Барои таҳкими қобилияти истифодаи техникаи криминалистӣ, зарур аст, ки кормандони мақомоти интизомӣ ва таҳқиқотӣ доимӣ омӯзишҳои таълимӣ ва амалӣ гузаронанд, ки равандҳои нав ва дастовардҳои охирини криминалистикаи техникиро дар бар гирад.

Дастрасӣ ба таҷҳизоти муосир: Муҳайё кардани шароити зарурӣ барои таъмин кардани техникаи нави криминалистӣ ва нигоҳдории он яке аз масъалаҳои муҳим аст. Инчунин, мутахассисон бояд бо имконоти навтарин ва беҳтарин таҷҳизоти таҳқиқотӣ ва таҳлилии криминалистӣ ошноӣ дошта бошанд. Татбиқи мақсад ва усулҳои истифодаи техникаи криминалистикӣ дар ҷараёни пешбурди амали тафтишӣ дар ҳар як ҳолати мушаххаси ошкор намудани ҷиноятҳо самти муайяне муқарар карда мешавад, ки барои омодагии доимии истифодаи донишҳои махсус ва воситаҳои илмию техникӣ шароит фароҳам оварда шуда саривақт омӯхтан, таҳлил ва қарор қабул карданро талаб мекунад [169, с. 37-38].

Муфаттишони прокуратура дар назди худ мақсади оқилона истифода бурдани воситаю усулҳои илмию техникӣ, тасниф ва ба низом даровардани маълумотҳои воқеӣ, предметҳо, ҳодисаҳоро дар асоси муносибатҳои сабабӣ гузоштаанд. Дар чунин шароит аз самтҳои таъминоти ташкилӣ, методӣ, илмию техникӣ ва бақайдгирии экспертизаи судӣ, ки самаранокии системаи воситаҳои илмии техникӣ-криминалистикиро ба таври кофӣ муайян мекунанд, ҳадди аксар ба муҳайё намудани шароити зарурй барои доимо тайёр будани субъектҳои ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо ба истифодаи техникаи криминалистӣ мусоидат мекунад истифода бурдан лозим аст.

Бо тамоми гуногунии муносибатҳои мутақобилаи субъектҳои истифодабарии воситаҳои криминалистӣ ва прокуратура ҷалби коршиносон ба сифати барандагони донишҳои махсус дар робита ба муқаррар намудани робитаи сабабӣ, бидуни дахл кардан ба масъалаҳои ҳуқуқӣ шарти хеле муҳимми тактикӣ ва мурофиавӣ мебошад.

Воҳидҳои криминалистии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз нигоҳи ташкилӣ давра ба давра ба тағйироту ислоҳ ниёз доранд, зеро раванди ҳамкории воҳидҳои тафтишотӣ дар ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо муносибати якрангиро таҳаммул намекунад. Дар сатҳи ташкилию идоракунӣ, чунон ки А.Ф. Волинский зикр мекунад, ки «истифодаи воситаҳои техники криминалистикӣ

аз ҷониби прокуратура, инчунин мақомоти тафтишотӣ, оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва мақомоти судӣ дар доираи муқаррарнамудаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва санадҳои меъёрии идоравӣ амалӣ карда мешавад. Қариб дар ҳама сохторҳои қудратӣ чунин низомро метавон аз боло то поён мушоҳида кард. Ба он марказҳои идоравӣ, институтҳо ва звеноҳои идоракунӣ роҳбарӣ мекунанд» [26, с. 28-29].

Бо омӯзиши имкониятҳо, таҳлили сатҳи методологии татбиқи воситаҳои техникӣ-криминалистикӣ дар ҷараёни тайёр кардан ва гузаронидани амалҳои тафтишӣ метавон гуфт, ки мушкилоти самти методологии ташкилию ахлоқӣ мавҷуд аст. Ҳангоми санҷиши ташкили корҳои омодагӣ аз ҷониби мо барои кормандони Раёсати тафтишотии мақомоти прокуратура ва муфаттишони прокуратураи баъзе ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба истифодаи воситаҳои техникии криминалистикӣ, ки бевосита бо ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо алоқаманданд, дар байни 75 нафар муфаттишон пурсишнома гузаронида шуд, ки дар натиҷа 50 фоиз маълумотҳои пешниҳодкардаи муфаттишон мувофиқи тавсиф ва имкониятҳои тактикию техникии истифода намудани воситаҳои техники криминалистикиро зарур ва мувофиқи мақсад донистанд.

Воқеан, барои муфаттишони мақомоти прокуратура барои ба ҳаҷми зарурӣ омӯхтан ва аз худ намудани малакаҳои истифодабарии воситаҳои техникӣ-криминалистикӣ ягон монеа нест. Ҷанбаи амалии фаъолияти прокурорҳо ба хусус муфаттишони он вобаста ба истифодабарии техникаи криминалистикӣ дар раванди тафтиши дар санадҳои меъёри ҳуқуқӣ аниқ муқаррар карда нашудааст. Яке аз самтҳои бавосита истифода намудани воситаҳои техникӣ-криминалистикӣ аз тарафи муфаттишони прокуратура истифода намудани донишҳои махсус мебошад. Таъин намудани экспертизаҳо дар раванди тафтиши ҷиноятҳо аз тарафи муфаттишон мақомоти прокуратура барои таҳқиқи намудани далелҳо аҳаммияти калон дорад. Дар экспертизаи судӣ ҷорӣ намудани технологияҳои компютерӣ

имкон медиҳад, ки масъалаҳои ҷамъоварӣ ва коркарди маълумоти таҷрибавӣ ҳал карда шаванд. Вобаста ба ин, вақт тафтишоти пешакӣ дар ин раванд кӯтоҳ карда шуда дақиқии таҳлилҳо афзоиш меёбад [62, с. 40].

Профессор В. Снетков кайд мекунад, ки самараи истифодаи техникаи криминалистикӣ ҳангоми ба раванди ҷамоварӣ ва таҳқиқоти далелҳо ҷалб намудани якҷоя бо истифодаи техникаи мавҷуда баромад мекунад. [155, с. 20], [39, с. 19].

Муносибати дифференсиалӣ оид ба ташкили тафтиши ҷиноятҳо бо истифода аз воситаҳои техникӣ - криминалистикӣ аз тарафи муфаттишони прокуратура дар асарҳои олимон Р. Белкин, А.Ф. Волинский, В. Волинский, Л. Карнеева, В.И. Ключанский, Ю.Г. Корухов, А.М. Ларин, И.П. Пампушко, Э.Р. Российская, Н. Сура Гиной, А. Шаталов, баррасии карда шуда пешниҳод карда шудааст. Фикру ақидаҳои олимони болозикрро вобаста ба истифодабарии воситаҳои техникӣ-криминалистикӣ таҳлил намуда, онҳоро ба гурӯҳҳои зерин тақсим кардан мумкин аст:

1) маҷмуи тадбирҳо оид ба таъмини фаъолияти самараноки муфаттишҳо дар самти ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо дар марҳилаҳои гуногуни мурофиаи ҷиноятӣ;

2) низоми тадбирҳо оид ба самаранокии фаъолияти муфаттишон вобаста ба истифодабарии техникаи криминалистикӣ;

3) асосҳои ташкилию тактикӣ барои истифодабарии техникаи криминалистикӣ дар раванди гузаронидани амалҳои тафтишӣ;

4) фаъолияти муфаттишон дар самти таъмини илмию методи истифодаи воситаҳои техникӣ-криминалистикӣ бо мақсади ташкили тафтиши ҷиноятҳои мушаххас ва фароҳам овардани шароити оптималии муқаррар намудани дараҷаи самаранокии истифодаи воситаҳои техникӣ-криминалистикӣ.

Таҳияи тавсияҳо оид ба истифодаи самараноки технологияҳои криминалистикӣ, ба фикри мо, имкониятҳои беҳтар намудани истифодаи

техникаи криминалистиро дар шароити муайян зиёд мекунад. Яъне истифодаи мақсадноки техникаи криминалистикӣ имкон медихад, ки барои саривақт тафтиш кардани ҳодисаи ҷиноят ва кам кардани муҳлати тафтишот интихоб карда, хосилнокии мехнатро баланд бардорад, назоратро аниқ нигоҳ дорад.

Асоси ташкилии истифодаи техникаи криминалистикиро метавон ҳамчун низоми меъёрии танзимшавандаи чораҳо баррасӣ кард, ки ба баланд бардоштани самаранокии истифодаи техникаи криминалистикӣ дар ошкор кардани ҷиноятҳо нигаронида шудааст. Самаранокӣ ифодаи берунии дар фаъолияти амалии муфаттишон дар сатҳи функсионалӣ истифодаи воситаҳои техникӣ-криминалистикӣ инъикос меёбад. Ба фикри мо, ҳангоми баҳо додан ба механизми ҷиноят, бо роҳи истифодабарии воситаҳои техникаи криминалистикӣ дар заминаи чи омилҳои субъективӣ ва ҳам объективӣ натиҷаҳои тафтишотро ба назар гирифтан ба мақсад мувофиқ аст.

Аз ҷиҳати тактикӣ равиши татбиқи усулҳо ва комбинатсияҳо дар истеҳсолоти амали тафтишӣ бевосита ба низоми техникаи криминалистикӣ вобаста аст, зеро тартиби тайёрӣ ба пешбурди амали тафтиши бо сабти воқеӣ ва гирифтани маълумоти ибтидоӣ аз объекти моддӣ вобастагӣ дорад. Низоми усулҳо дар асоси ҷанбаҳои назариявии мавзуи таҳқиқоти криминалистикӣ, ноил шудан ба ҳадаф тавассути ҳалли масъалаҳои самти криминалистии техникӣ ташаккул меёбад.

Фаъолияти муфаттиш аз банақшагирӣ оғоз ёфта, дар айни замон раванди муттаҳид намудани мақомоти таҳқиқ ва кормандони муассисаҳои экспертизаи давлатии судӣ ба амал меояд, ки мунтазам ба ҷамъоварии далелҳои шайъӣ ва пурра ва ҳаматарафа омода намудани чораи тафтишотӣ нигаронида шудааст [27, с. 178].

Дар низоми ба амал баровардани шаклҳои тактикӣ, усулҳои истифодабарии техникаи криминалистикӣ бо иштироки фаъолонаи мутахассисон аз тарафи субъектҳои тафтишот, муфаттишон ҳамчун

ташкилотчии амалҳои тафтишӣ аксар вақт бо масъалаи ба истифода намудани воситаҳои техникӣ-криминалистикӣ ба роҳ монда намешавад. Банақшагирӣ, таҳлил ва координатсияи фаъолияти мақомҳои тафтишот вобаста ба истифодаи техникаи криминалистикӣ баъзан аз муфаттиш дур мемонанд, ки ин ба сифати ҳодисаи тафтишшаванда ва минбаъд умуман ба рафти тафтиши пешакӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Хусусиятҳои бозёфт, ҷамъоварӣ, таҳқиқ, истифодабарӣ ва баҳодиҳии далелҳо имрӯз на танҳо ба истифодаи воситаҳои техникӣ, балки ба ҷиҳати тактикӣ ҳам зич алоқаманданд, ки он муносибати байни унсурҳои асосии техника ва тактикаи криминалистикиро дар бар мегиранд [144, с. 48-49]. Тактикаи истифода намудани техника ҳамчун усули оптималии амал дар мазмуни худ ягонагии органикии имкониятҳои зеҳнӣ ва техникии муфаттиш тавсиф мешавад, ки дар навбати худ ӯро ба интихоби методологияи тафтишот мувофиқи вазъият водор мекунад. Самаранокии истифодаи тактикаи истифода намудани техника дар якҷоягӣ бо воситаҳои илмию техникӣ имкон медиҳад, ки натиҷаҳои он таҳлил карда шуда, минбаъд воситаҳо ва усулҳои техникаи криминалистикӣ дар фаъолияти амалии мақомоти прокуратура таҳия ва татбиқ карда шаванд.

Таъминоти техникӣ ва экспертизаи судӣ бояд ҳамчун ҷузъи муҳимми фаъолияти прокуратура баррасӣ шавад, ки ҳадафи ниҳоии он ошкор кардани ҷиноятҳо мебошад. Нисбат ба ҷиноятҳо ҳаҷми маълумоти ибтидоии барои ошкор кардани он бевосита аз маҳалли ҳодиса ҳангоми пеш аз азназаргузаронии ҷои ҳодиса осори ҷои ҳодиса гирифтан мумкин аст. Мақоми прокуратура ҷиноятҳоро бо ошкор намудани шахсоне, ки ин ҷиноятҳоро содир кардаанд, мекушояд:

– муайян намудани шахс (гурӯҳи шахсон) дар 10% ҳолатҳо дар давоми 24 соат сурат мегирад;

— то 12 фоизи ҳодисаҳо дар давоми 3 рӯз, аз он ҷумла бо истифодаи сабти изи ангуштон.

Натиҷаҳои амалҳои тафтишӣ, ба монанди азназаргузаронии ҷои ҳодиса, кофтуков, санҷиши нишондод дар ҷои ҳодиса ва эксперименти тафтишӣ, воқеан метавонанд далелҳои шайъӣ ҳисобида шаванд. Ин далелҳо дар маҷмуъ бо дигар далелҳо ва маълумотҳои ҷамъоваришударо якҷоя карда, ба тафтишкунандагон кӯмак мекунанд, ки механизми ҷиноятро аниқтар фаҳманд ва таҳлил кунанд. [16, с. 152].

Муқаррар намудани ҳақиқат дар парванда, бо омӯзиши ҳамаҷонибаи объектҳои моддӣ тавассути татбиқи амалии шартҳои истифодабарии воситаҳои техникӣ - криминалистӣ алоқаманд аст, зеро танҳо бо ҳамин роҳ асоси ҳодисаи тафтишшавандаро таҳқиқ кардан мумкин аст.

Нигоҳ доштани вазъияти аслии ҷои ҳодиса дар шакли аввалааш барои банақшагирӣ, ташкил ва истеҳсоли амали тафтишӣ, таҳқиқоти минбаъдаи далелҳои ҷиноят, аз ҷумла ҷалб намудани мутахассис зарур аст. Дар сурати гузаронидани азназаргузаронии тафтишӣ оид ба парвандаи ҷиноятии аз нав оғозшуда бо мақсади ба даст овардани далелҳои нав бо истифодаи техникаи нави криминалистикӣ ташкил кардан мумкин аст. Ҳангоми азназаргузаронии аввала дар сурати муқаррар намудани ҷои ҷиноят, ҷасад, қисмҳои ҷасад, дигар осори моддӣ, ашё, ҳуҷҷатҳо ва ғ. фаъолияти субъектҳои тафтиши ҷиноят бояд ба ҳамаҷониба, мукаммалӣ амали тафтиши равона карда шавад. Хатоҳое, ки ҳангоми азназаргузаронии ҷои ҳодиса рох дода мешаванд, сабаби асосии нокомиҳои тафтишот мегарданд. Мақсади истифодаи воситаҳои техникаи криминалистикӣ дар раванди амалҳои тафтишӣ аз он иборат аст, ки ҳангоми ҷамъоварии далелҳо камбудиҳои ҷиддӣ ҷойдошта бартараф карда шаванд. Истифодаи техникаи криминалистикӣ, ҳамчун маҷмуи вазифаҳои амалии мушаххаси тафтишӣ, ки бо мақсади ошкор кардани ҷиноятҳо аз ҷониби муфаттишони ва кормандони дигари мақомоти прокуратура бо воситаҳои махсуси техникӣ иҷро мешаванд. А.Ф. Волинский дуруст кайд мекунад, ки дар базе мавридҳо мутахассисони соҳибихтисосе, ки барои гузаронидани амалҳои тафтишӣ даъват карда мешаванд ба талаботҳои

зарурӣ, ҷавоб дода наметавонанд. Дар беҳтарин ҳолат, онҳо ҳамчун аксбардор ё нафаре, ки барои ҷамъоварӣ кардани далелҳо муваззаф шудааст баромад мекунанд [92, с. 28-38].

Танзими фаъолияти ҳар як иштирокчӣ дар ҷои ҳодиса, хусусан ҳангоми азназаргузаронии ҷои ҳодиса, барои таъмини дурустии таҳқиқот ва баррасиҳои минбаъда зарур аст. Вақте ки вазъият дар ҷойи ҳодиса тағйир меёбад, сабабҳои он метавонанд объективӣ ё субъективӣ бошанд. Масалан, омилҳои муҳити зист, иқлим, ё ҳаракати одамон ва техникҳо метавонанд ба ҳолати ҷои ҳодиса таъсир расонанд. Агар ин омилҳо дуруст танзим нашаванд, имкон дорад ки таҳқиқот дуруст ва боварибахш бошад.

Вобаста ба ин, барои ба даст овардани натиҷаҳои дуруст, муҳим аст, ки ҳамаи иштирокчиёни марбут ба раванди таҳқиқот, аз ҷумла муфаттишон, ва дигар иштирокчиёни амали тафтишӣ, ҳатман вазифаҳои худро бо эҳтиёт ва мувофиқи қоидаҳои муайян иҷро кунанд. Ин на танҳо барои иҷрои дуруст ва мувофиқ бо муқаррароти ҳуқуқӣ кӯмак мекунад, балки ба эътибори раванди таҳқиқот ва эътимоди ҷамъият низ мусоидат мекунад.

Дар робита бо ба даст овардани маълумот дар бораи ҳодисаи ҷиноят, раванди дарки бевоситаи вазъи моддӣ муҳим аст. Муносибати баҳодиҳӣ ба далелҳо бо ёрии воситаҳои техникӣ - криминалистикӣ мувофиқи нақша бояд ба роҳ монда шавад:

– ба қайд гирифтани вазъияти ҷойи ҳодиса инчунин осори моддии ҷинояти ошкоршуда;

–муайян намудани мувофиқ будани пайҳои ҷиноят бо мақсади муайян кардан ва пешгирӣ намудани дигар ҷиноятҳо;

– истихроҷи маълумоти имконпазири криминалистикӣ барои муайян кардани объекти моддӣ, ки осор гузоштааст;

– муайян кардани андозаҳои хаттӣ сайри шахсони ҷиноят содиркарда;

– муқаррар намудани инҳирофоти шаклу андозаҳои пайҳои ҷиноят ва механизми пайдоиши пайҳои ҷиноят.

Самаранокии фаъолияти мақомоти тафтишотӣ дар ҷои ҳодиса аз ҳамбастагии қувваҳо ва тақсими вазифаҳо барои ҳамкории ҳайати субъектҳои ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо, ҳам дар марҳилаи ибтидоии тафтиши ҷиноят ва дар марҳалаи минбаъда вобаста аст.

Ба ақидаи Р.С. Белкин, мутахассиси криминалистикӣ наметавонад ҳамеша вобастагии мушаххаси робитаҳоро дар вазъияти моддӣ бубинад, аз ин ру зарур аст, ки ба ин самт муфаттиш роли муайянкунандаро мебозад. [14, с. 240].

Муносибати техника ва тактикаро танҳо дар робитаи ногусастанӣ ҳангоми фаъолияти амалии субъектҳои ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо, махсусан муфаттишони прокуратура дар раванди амалӣ намудани амалҳои тафтишӣ, мушоҳида кардан мумкин аст. Чунин ягонагӣ ба муқаррароти умумии ибтидоии методологӣ асос ёфтааст, ки мазмуни назарияи умумии криминалистикаро ташкил медиҳанд. Тактикаи амали мушаххаси тафтишӣ вобаста ба хусусияти техникаи криминалистии барои истифода дар истеҳсоли он тавсияшаванда интихоб карда мешавад.

Истифодаи маълумот дар раванди тафтиши ҷиноят бо истифода аз воситаҳои техникаи криминалистикӣ барои ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо қисми ҷудонашавандаи самти ташкилӣ ва маъмурии фаъолияти муфаттишон, дар баъзе ҳолатҳо бо ҷалби мутахассисони фаҳмида мешавад.

Доктринаи таъминоти техникӣ - криминалистикии фаъолияти муфаттишон ҳамчун ҷараёни мутақобилаи инкишофёбанда ба назар гирифта, бояд робитаи ояндадор ва ғанисозии онҳоро дар ин самт қайд кард:

– ҷустуҷӯи объектҳои маълум;

– ҷустуҷӯи объектҳои номаълум;

– муайян намудани ашёи ошкоршуда, ки масъалаи ҷустуҷӯи ҷинояткорон ва дигар объектҳоро ҳал мекунад, зеро самаранокии ниҳоят, аз такмили доимии воситаҳои техникӣ- криминалистикӣ вобаста аст.

Таъминояти техникӣ - криминалистикии фаъолияти муфаттишон прокуратура бо мақсадҳои зерин ба роҳ монда мешаванд:

1. Кори муфаттишон дар доираи тафтиши ҷиноятҳо ва ҷамъоварии далелҳои муайянкунанда бояд ба инкишофи ҷабҳаи илмӣ ва истифодаи усулҳои муосир асос ёбад. Ин усулҳо имконият медиҳанд, ки тафтиши ҷиноятҳо мукаммал ва дуруст ба анҷом расонида шавад.

2. Воситаҳои техникӣ барои сабт ва таҳлили далелҳо, дастгоҳҳои пешрафта барои таҳлили маводҳои марбут ба ҷиноят (масалан, тасвирҳо, овозҳо, видеоҳо ва ғайра) истифода мешаванд.

3. Таъмини равандҳои таҳқиқи ҷиноятҳо, аз ҷумла мутобиқ кардани усулҳои техникии криминалистикӣ барои мутобиқ кардани қонунгузорӣ ва таҷрибаҳо.

4. Мақсади таъминоти техникӣ - криминалистикӣ дар пешгирии хатоҳо ва қазоватҳои нодуруст дар таҳқиқот мебошад. Ин раванд ба муайян кардани хатоҳои эҳтимолӣ ва кам кардани хатари ҷалби шахсони бегуноҳ ё ба таври нодуруст гунаҳкор кардани афрод мусоидат мекунад.

Прокуратураи ҷумҳурӣ масъалаи бо воситахои техникӣ - криминалистикӣ таъмин намудани муфаттишон бо мақсади ошкор кардан ва тафтиши ҷиноятҳо қисман ҳал карда шудааст, ки ин барои пурра омӯхтан, санҷидан ва минбаъд дар фаъолияти амалӣ ҷорӣ намудани натиҷаҳои таҳқиқот имконият медихад. Аммо зарурати таълими касбии истифодабарандагони техникаи криминалистӣ муфаттишон пурра ба назар гирифта намешавад.

Тағйиротҳое, ки дар техникаи криминалистикӣ ба амал меоянд, бояд бо ислоҳот ва тағйироти оянда дар барномаҳо ва усулҳои таълимӣ ҳамроҳ шаванд. Ҷорӣ намудани технологияҳои компютерӣ дар раванди таълим барои ташкили омӯзиши интегралии фанҳои таълимӣ дар раванди таълими кормандони мақомоти прокуратура раванди қабули қарорҳоро дар асоси

ҳолатҳои тафтишотӣ оптимизатсия намуда, фаъолияти идоракуниро оид ба ошкор кардани ҷиноятҳо оқилона ташкил менамояд.

Таъминоти техникӣ криминалистикии фаъолияти муфаттишони прокуратура маҷмуи донишҳо дар бораи воситаҳои техникӣ, усулҳо ва воситаҳое мебошад, ки истифодаи дониши махсусро дар тафтишот, ошкор ва пешгирии ҷинояткорӣ дар бар мегиранд. Ҷанбаи дуюми таъминоти техникӣ криминалистикии фаъолияти муфаттишон аҳаммияти амалӣ дорад, ки танҳо ба воситаҳои техникӣ ва усулҳои мубориза бо ҷинояткорӣ маҳдуд намешавад. Он инчунин тавсияҳо ва роҳнамоиҳои махсусро дар бар мегирад, ки барои ошкор, тафтиш ва пешгирии намудҳо ва гурӯҳҳои алоҳидаи ҷиноятҳо зарур мебошанд.

Дар натиҷаи таҳқиқотҳои гузуронидашуда мафҳумҳои зерин пешниҳод карда мешавад: таъминоти техникии криминалистикии фаъолияти муфаттишони прокуратура, аз як тараф, категорияи назариявӣ мебошад, ки аз маҷмуи донишҳо дар бораи воситаҳои техникӣ, усулҳои криминалистикӣ, ки дар тафтиши ҷиноятҳо ва пешгирии онҳо истифода мешаванд, бояд бо истифодаи воситаҳои техникӣ ва амалҳои илмӣ сурат гиранд. Ин усулҳо вобаста ба намуди ҷиноят ва хусусияти далелҳо метавонанд мураккаб бошанд. Ба даст овардани маълумоти муҳим аз шоҳидон, сабт кардани аломатҳои ҷиноят ва истифодаи технологияи муосир (масалан, генетика, биометрика, таҳлили видео ва аудио) қисми муҳимми таъминоти техникӣ-криминалистикӣ аст. Ин категорияи криминалистикӣ асоси фаъолияти муфаттиш ва дигар субъектҳои тафтишот дар самти ошкор ва пешгирии ҷиноятҳо мебошад.

Мақомоти прокуратура бояд тибқи қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ фаъолият кунанд, ки дар он истифодаи воситаҳои техникӣ ва усулҳои криминалистикӣ, инчунин ҳуқуқи шаҳрвандон дар марҳилаҳои тафтиш, ошкор ва пешгирии ҷиноятҳо, ба таври дақиқ муайян шудаанд. Бо мақсади пешгирӣ аз хароҷоти ғайриқонунӣ ва истифодаи нодурусти

воситаҳои техникӣ ва усулҳои криминалистикӣ, бояд низоми назорат ва таъмини масъулият дар сохторҳои прокуратура ва дигар мақомоти марбута ташкил карда

Муайян намудани таъминоти техникӣ ва криминалистикии ошкор ва тафтиши ҷинояткорӣ ҳамчун системаи маҷмуии чорабиниҳо, ки ба ҳалли масъалаҳои ба ҳам алоқаманди ташкилӣ, ҳуқуқӣ, илмию техникӣ ва тарбиявӣ нигаронида шудаанд, бо мақсади фароҳам овардани шароит барои омодагии доимии мақомоти прокуратура дар амалияи ҳаррӯзаи муборизаи зидди ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон усулу воситаҳои техникӣ ва криминалистиро истифода баранд.

Пешниҳодҳо барои такмили ин раванд метавонанд ба чанд самтҳо равона шаванд:

1. Таҳкими гурӯҳҳои муштараки тафтишотию оперативӣ, ки дар онҳо ҳам муфаттишон ва ҳам мутахассисони криминалистӣ қарор доранд. Ин гурӯҳҳо метавонанд бо истифода аз таҷриба ва донишҳои хос дар ҳама марҳилаҳои тафтиши ҷиноят фаъолият кунанд.

2. Ташкили тренингҳои доимӣ ва омодасозии муфаттишон ва мутахассисони криминалистӣ барои истифодаи беҳтарин усулҳои техникӣ ва криминалистӣ, аз ҷумла истифодаи технологияҳои муосир барои таҳқиқи ҷойи ҷиноят ва ҷамъоварии далелҳои миқёсӣ.

3. Истифодаи таҷҳизоти пешрафта, ки барои тафтиши ҷиноятҳо зарур мебошанд (масалан, технологиҳои электронӣ, системаҳои видеомониторинг, барномавии махсус барои таҳқиқи далелҳо ва равандҳои ҷинояткорӣ).

4. Ворид намудани дастгоҳҳо ва асбобҳои нави криминалистӣ барои таҳқиқи маконҳои ҷиноят, таҳлили ҷисмҳо ва дастрасии муосир ба маълумоти электронӣ ва ахбори шахсӣ.

## БОБИ 2. РОБИТАИ МУФАТТИШОНИ ПРОКУРАТУРА БО ИЛМИ КРИМИНАЛИСТИКА ВА ҲАМКОРИИ ОНҲО БО МУАССИСАҲОИ ЭКСПЕРТИЗАИ СУДӢ

### 2.1. Робитаи муфаттишони мақомоти прокуратура бо илми криминалистика

Вобаста ба пешрафти илму техника ва шомилшавии он ба раванди амалия як қаттор муаммоҳо пеш меоянд, ки зарурати ҳали онҳо дар назарияи илм бояд таҳқиқ карда шаванд. Яке аз чунин муаммоҳо чунин аст, ки “оё прокурор субъекти фаъолияти криминалистикӣ мебошад?”. Яке аз асосгузорони илми криминалистика Ганс Гросс дар асари худ зикр кардааст, робитаи илми криминалистика фаъолияти муқомоти тафтишӣ ба хусус фаъолияти муфаттишони прокуратура бо мақсади муқовимат бо ҷинояткорӣ ба роҳ монда мешавад [30, с. 5]. Шахсияти прокурор дар тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ ва нақши ӯ дар ин раванд дар тӯли таърих мутобиқ ба талабот ва рушди системаҳои ҳуқуқии мухталиф тағйир ёфтааст. Прокурор ҳамчун мансабдори давлатӣ барои назорат ва рафтори дурусти тафтишот, инчунин таъмини ҳуқуқи одамон дар ҳудуди таъмини адолат масъул аст. Аммо, муносиботи байни прокурор ва муфаттишон, ки барои ҷамъоварии далелҳо ва тафтиши ҷиноятҳо кор мекунанд, вобаста ба ҳар як сохтори ҳуқуқии кишвар, ҳолати ҳуқуқӣ ва шароити замон метавонад такмил ё иваз шавад [104, с. 150-154].

Такмили фаъолияти муфаттишон, кормандони оперативӣ, мутахасис - криминалист ва умуман тамоми фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба сатҳи илмии ташкилии он вобаста аст. Яке аз шартҳои ҳатмии пешгирӣ, ошкор ва тафтиши бомуваффақияти ҷиноятҳо таъмини воситаҳои илмӣ техникии криминалистикӣ, моҳирона ва самаранок истифода бурдани дастовардҳои илми криминалистӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ мебошад, ки истифодаи онҳо натиҷаҳои мусбат медиҳад. Дар ин росто, саҳми прокурор - криминалист ҳам дар кӯмаки воқеӣ дар ошкор кардани парвандаҳои мураккабтарин ва

вазнини ҷиноятӣ, ҷорӣ намудани тавсияҳои методӣ ва илмӣ дар тафтиши парвандаҳои ҷиноятии мушаххас ва ҳам дар кори баланд бардоштани сатҳи касбии муфаттишони прокуратура меафзояд.

Муфаттишон прокуратура асосан аз ҳисоби хатмкунандагони факултаҳои ҳуқуқшиносии донишгоҳҳои кишвар таъин карда мешаванд. Ба туфайли ҷидду ҷаҳди онҳо бисёр ҷиноятҳои мураккаб кушода шуданд. Мавқеи онҳо аз сабаби хеле ҷавон шудани дастгоҳи муфаттишон махсусан калон аст. Дар навбати худ аз муфаттишон талаб карда мешавад, ки дорои омодагии гуногунҷанбаи ҳуқуқӣ буд, фарҳанги баланди ҳуқуқӣ дошта, донишмандӣ ва қобилияти истифодаи усулҳои криминалистӣ дошта дар маҷмуъ барои тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ ва дар тайёрии касбии худ донишҳои ҳуқуқӣ бахусус криминалистикии худро сайқал диҳанд.

Мутаассифона, пештар низоми криминалистии прокуратура чӣ аз мақомҳои болоӣ ва чӣ дар низоми муфаттишон бе эътибор монда буд. Мавқеи онҳо дар низоми прокуратура чӣ аз ҷиҳати сохторӣ ва чӣ аз ҷиҳати функсионалӣ аниқ муайян карда нашуда буд. Дар низоми ҳуқуқии муосир, прокурор - криминалист як шахсияти муҳимми мансабдор мебошад, ки дар марҳалаҳои гуногуни тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ нақши муҳим мебозад. Ҳамчунин, таҳаввулот дар сохтори прокуратура ва тафтиши ҷиноятҳо, прокурор - криминалистҳо барои иҷрои вазифаҳои махсус, аз ҷумла тафтиши корҳои махсусан муҳим, ҷалб кардда мешаванд. Дар ин бобат вазифаҳои онхо норавшан буда, ба кори онҳо роҳбарии дурусти методӣ набуд. Ҳамаи ин ба фаъолияти шуъбаҳои криминалистии прокуратура таъсири манфӣ расонд. Имрӯз вазифаҳои прокурор - криминалист самтҳои:

– расонидани ёрии амали ба муфаттишони прокуратура дар бобати тафтиш - ошкор ва пешгирӣ намудани ҷиноятҳои махсусан вазнини муқобили шахсият (одамкушӣ, таҷовуз ба номус, одамрабоӣ);

–ворид намудани навовариҳо ба таҷрибаи тафтишотии тавсияномаю дастурамалҳо вобаста ба пешбарии кор дар ин самт;

– баланд кардани сатҳи дониш ва таҷрибаи тафтишотӣ, инчунин ташкили иштироки мутахассисон дар ошкорсозии ҷиноятҳо, гузаронидани тафтишоти пешакии онҳо ва таъмин кардани истифодаи самараноки воситаҳои муосири техникаи криминалистӣ дар раванди амалиёти мурофиавии тафтишотӣ.

Прокурорҳои криминалист дар асоси Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» [4], кодексҳои ҷиноятӣ, мурофиавӣ - ҷиноятӣ [4], дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Фармону дастурҳои Прокурори генералӣ, фаъолият мекунанд.

Кормандони соҳаи тафтишоти мақомоти прокуратура, ки маълумоти олии ҳуқуқии ва на камтар аз се сол таҷрибаи муфаттишӣ доранд, ба вазифаи прокурор–криминалист таъмин карда мешаванд. Прокурор - криминалист, бо розигии муовини аввали Прокурори генералии Ҷумхурии Тоҷикистон ба шуъба криминалистика ба кор таъин, аз кор озод ва ба кори дигар гузаронида мешаванд.

Фаъолияти прокурор - криминалистҳоро муовини аввали Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сардори шуъбаи криминалистика назорат мекунад.

Вазифаҳои прокурор - криминалист:

–ба муфаттишони макомоти прокуратура дар рафти тафтиш ва ошкоркунии ҷиноятҷои махсусан вазнин, аз қобили одамкушӣ, таҷовуз ба номус, одамрабоӣ ва гузаронидани амалиётҳои фаврӣ - тафтишотӣ вобаста ба истифодаи воситаҳои техникаи криминалистӣ бо ҷалби мутахассисон, тайёр ва таъин намудани ташхисҳои судӣ, ёрии амалӣ мерасонанд;

– истифодаи тавсияҳои илмӣ ва воситаҳои муосири техникӣ - криминалистӣ дар раванди тафтиши кушторҳои барқасдона ва дигар ҷиноятҳои зидди шахсият амалӣ карда мешавад;

– дар якҷоягӣ бо прокуророни раёсату шуъбаҳо, иҷрои фармонҳову супоришҳои Прокурори генералиро, вобаста ба тарзи ташкилии дурусти кор доир ба тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ ва истифодаи илман асосноки воситаҳои нави техникию криминалистӣ ба роҳ мемонанд;

– дар ҳамкорӣ бо прокуророни минтақавии раёсату шуъбаҳо рафти тафтишоти пешакиро бо парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба одамкушӣ, таҷовуз ба номус, одамрабоӣ (хусусан ба он корҳое, ки шахсони содиркардаи ҷиноят муайян карда нашуданд) зери назорат гирифта, тадбирҳои мушахассро барои таъмин намудани пуррагии тафтишоти пешакӣ, муқаррар кардани ашхоси ҷинояткор, инчунин парвандахои ҷиноятии дар истеҳсолоти муфаттишон бударо вобаста ба одамкушии қасдона, таҷовуз ба номус, одамрабоӣ ба ҳисоб гирифта, дар ин ҷода, ба муфаттишон баҳри ошкоркунии ин қобил ҷиноятҳо ёрии амалию техникӣ мерасонанд;

– таҷрибаи тафтишотиро оид ба анҷом додани ҳаракатҳои тафтишотӣ, аз тарафи муфаттишон ҷалб намудани мутахассисон дар ошкоркунии ҷиноят, сари ват ва дуруст таъин намудани ташхисҳои дахлдори судиро ҷамъбаст намуда. Баҳри такмил додани кори муфаттишон дар ин самт, таклифҳои мушаххас пешниҳод менамоянд;

– таҷрибаи муфаттишони прокуратураро, оид ба истифодаи воситаҳои техникаи криминалистӣ ва усулҳои асосноки илмӣ, ки дар амалияи тафтишотӣ истифода шудаанд, омӯхта ҷамъбаст намуда, баҳри такмил додани тахассуснокии муфаттишон дар ин самт, тавсияҳо пешниҳод намуда, фаъолияти босамари онҳоро ҳамчун таҷрибаи пешқадам, миёни кормандони прокуратураи ҷумҳурӣ паҳн менамоянд;

– дар якҷоягӣ бо раёсати кадрҳо ва коргузорӣ, прокуророни раёсату шуъбаҳо, дар доираи ваколатҳояшон тадбирҳои лозимаро, баҳри баландбардории малакаи касбии прокуророну муфаттишон меандешанд;

– кори ҳуҷраи криминалистикаро дуруст ташкил ва воситаҳои мавҷудаи айёни пурра карда, адабиёти лозимаро ҷамъ намоянд;

– мувофиқи мақсад истифода бурдани воситаҳои техникаи криминалистиро таъмин намуда, талаботи прокуратураҳоро ба техникаҳои криминалистӣ муқаррар намуда, ба роҳбарият барои дастрас намудани онҳо, таклифҳо пешниҳод намоянд;

–ҳолати мақсадноки истифодаи воситаҳои мавҷудаи техникаи криминалистиро аз тарафи муфаттишон зери назорат гирифта, онҳоро мунтазам ба қайд гиранд;

–адабиётҳои мавҷударо ба ҳисоб гирифта истифодаи онҳоро аз руи таъиноташ, ба роҳ монанд;

–ба муассисаҳои илмӣ тадкикотӣ, таълимӣ, маркази илмию таълимӣ дар алоқаи доимӣ бошанд.

Прокурор - криминалист ҳангоми ошкоркунӣ ва тафтишоти ҷиноятҳо дар доираи ваколаташон метавонанд ба рафти таҳқиқ ва тафтишоти пешакии парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба кушторҳо, таҷовуз ба номус, одамрабоӣ, ки дар ҳолати номуайян содир карда шудаанд назорат бурда, дар ҳолатҳои зарурии баъзе ҳаракатҳои тафтишотиро бевосита анҷом диҳанд;

–ба прокуророн ва муфаттишон барои таъмини пурраи тафтишотии пешакӣ, муайян кардани ашхоси содиркардаи ҷиноят ва ё дастгир намудани шахси аз таҳқиқ ва тафтиш пинҳоншударо супоришҳо диҳанд;

–аз мақомоти таҳқиқ ва тафтиш, парвандаҳои ҷиноятӣ ва дигар маводҳои лозимаро барои омӯзиш талаб намоянд;

–ба муфаттишон ва мақомоти таҳқиқ дар доираи ваколаташон супоришҳои хаттӣ диҳанд;

–қарорҳои бармаҳал ва ғайриқонунӣ қабулкардаи прокуророн, муфаттишон ва мақомоти таҳқиқ дар бораи аз оғози парванда ҷиноятӣ даст кашидаанд, оғоз намудаанд, қатъ кардан ва дар истеҳсолот боздоштани парвандаҳои ҷиноятиро омӯхта, онҳоро ба розигии муовини аввали Прокурори генералӣ (вилоят) мутассадии ин соҳа бекор намоянд;

–доир ба асоснокии қарорҳои қабулгардида оид ба боздоштан ё қатъ намудани тафтиши ин қабил парвандаҳои ҷиноятӣ, дар муҳлати муайяншуда хулосаҳояшонро ба муовини прокурори вилоят (муовини аввали Прокурори генералӣ) пешниҳод намоянд.

Прокурор - криминалист барои нигаҳдории таҷҳизот, техника, маводҳое, ки дар утоқи криминалистика ва лабораторияҳои сайёри криминалистикӣ маҳфузанд, ҷавобгарии пурраи моддиро ба уҳда доранд.

Прокурор криминалистро барои иҷро намудани корҳое, ки ба доираи ваколатии онҳо дахл надоранд, ҷалб кардан манъ аст.

Дар мақомоти прокуратураи бисер аз давлатҳои пешрафта мақоми прокурор криминалист мавҷуд мебошад. Ин мақом бо мақсади таъмини адолати иҷтимоӣ ва баланд бардоштани савияи касбии муфаттишон, инчунин кумак расонидан ба муфаттишон дар тафтиши ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин мебошад. Аз замони таъсиси раёсати криминалистӣ дар мақомоти прокуратура прокурор - криминалист ҳамчун мураббии муфаттиш ба ҳисоб меравад, ки ӯ бояд пеш аз ҳама таҷрибаи амалиро ба онҳо расонад. Прокурор - криминалист, ки дар фаъолияти амалии худ бояд ба беҳтар шудани сифати тафтиш фаъолона таъсир расонда, дар рафти тафтиши пешакӣ ба риояи қатъии қонун мусоидат кунанд. Дар давоми фаъолияти мақомоти прокуратура аз рӯзи ташкил ёфтани институти прокурор - криминалистӣ дар тафтиши ҷиноят ва мубориза бо ҷинояткорӣ хеле афзуд. Бо афзудан ва мураккаб шудани технологияи истифодашавандаи ошкор кардани ҷиноятҳо зарурати истифода намудани илми криминалистика ба миён омад, ки онҳо ба марказҳои ҷорӣ намудани воситаҳои илмию техникӣ ва тавсияҳои илмӣ дар амалияи ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо, инчунин такмили ихтисоси коркунони прокуратура ва тафтишот ба миён омад. Айни замон дар назди прокурор -криминалист ёрдамчиён мавҷуд аст, ки ба муфаттишон ҳангоми гузаронидани амалиёти инфиродии тафтишотӣ бо истифода аз технологияи навтарин ёрии тахассусӣ мерасонанд. Дар аввал,

барои эҷоди тасаввуроти дуруст ва боэътимод оид ба ҳодиса, муҳим аст, ки тамоми элементҳои ҷои ҳодиса бо диққат ба назар гирифта шаванд. Ҳар гуна тағйирот ё дахолат метавонад тафтишотро бо мушкилот рӯбарӯ созад. Махсусан дар самти киберҷиноятҳо тавсияҳои илми криминалистика барои муфаттишон заруранд. Тафаккури тафтишот набояд формулавӣ бошад, он бояд эҷодкор бошад, инстутсияи тафтишотӣ инкишоф ёбад. Прокурор - криминалист ҳангоми иштирок дар тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ маҳз ҳаминро таълим дода метавонад.

Ислоҳоти судӣ дар солҳои охир характери гуногунҷабҳа пайдо карда, аз муҳокима ба ислоҳоти мушаххаси институтҳои ҳуқуқӣ мегузарад. Ба ин муносибат, ба фикри мо, мавқеи прокурор - криминалистро ҳамчун субъекти мустақили мурофиаи ҷиноятӣ бо ваколатҳои муайяни мурофиави қонунӣ гардондан лозим аст. Азбаски тафтишот ба таври қатъӣ танзим карда мешавад, ҳама гуна иштирок дар амалҳои мушаххаси тафтишотӣ танзимро дар қонуни мурофиавии ҷиноятӣ тақозо мекунад. Прокурор - криминалист дар амалияи тафтиши ҷорӣ намудани воситаҳои техникӣ, техника ва усулҳои илмӣ нақши муҳим дорад. Вай на танҳо ба истифодаи дурусти воситаҳои замонавии тафтишӣ ва таҳқиқоти илмӣ ва техникӣ, балки ҳамчунин ба қонунияти амалҳои тафтишӣ ва мутобиқат бо талаботи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ ва аниксозии далелҳо таваҷҷӯҳ менамояд. Воситаҳои техникӣ ва усулҳои илмӣ, ки барои таҳқиқот истифода мешаванд, бояд ба манзури дақиқ ва объективии дарёфти маълумот ва далелҳо ба истифода дароянд. Тавсияҳои прокурор - криминалист бояд бо риояи қатъии талаботи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ бошад, то ки ҳеҷ гуна хилофкорӣ қонун тафтиши парвандаҳо ба вуҷуд наояд. Истифодаи ин воситаҳо ва усулҳо на танҳо бояд ба баланд бардоштани сатҳи муваффақияти тафтишот кӯмак кунад, балки мустаҳкам кардани далелҳо ва истифодаи онҳо дар мурофиаҳои судӣ барои эътиқоди қонунӣ ва муассир гузаронидани парвандаҳо муҳим аст.

Асоснокии истифода намудани илми криминалистикӣ аз ҷониби муфаттишони прокуратура дар дар раванди тафтиши ҷиноят бо мақсадҳои гуногун роҳандозӣ карда мешавад: ҳангоми омодагӣ ба тафтиши парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби муфаттишони прокуратура, ҳангоми омӯхтани маводи парвандаи ҷиноятӣ, дар тактикаи гузаронидани амалҳои тафтишӣ ва умуман методологияи пешбурди тафтишоти пешакӣ. Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ проблемаи истифодаи илми криминалистика аз ҷониби муфаттишони прокуратура дар раванди тафтиши ҷиноят кам таҳқиқот гузаронида шудааст. Атрофи ин масъала бархе аз олимони ватанию хориҷӣ фикру ақидаҳои худро изҳор кардаанд [159, с. 25], [141, с. 8-10], [134, с. 104-109].

Ақидаи В. Н. Исаенко дар бораи муфаттиши прокуратура ҳамчун субъекти фаъолияти криминалистӣ ҷонибдори кардан мумкин аст. Муфаттишони прокуратура ҳангоми анҷом додани тафтишоти ҷиноятӣ қарорҳои мурофиавиро на танҳо аз ҷиҳати мувофиқати онҳо бо талаботи қонунҳои мурофиавии ҷиноятӣ, балки бо инобати марҳилавии истифодаи методҳои илми криминалистика, ки барои таҳлили тафтишот кӯмак мерасонанд, таҳлил мекунанд. Муфаттиши прокуратура усулҳои илмӣ - криминалистӣ ва тактикаи криминалистиро дастгирӣ намуда, фикри айбдоркуниро омода намуда, усулҳои методӣ, тактикӣ ва техникии таҳиякардаи илми криминалистиро фаъолона истифода мебарад [113, с. 331-336].

Мутобиқи ақидаи Е.В. Писарев «исботкунӣ ва ташаккул ёфтани далелҳо як раванди муҳимест, ки дар он муфаттишон ва прокурорҳо бояд ҳангоми таҳқиқ ва тафтиши ҷиноятҳо диққати махсус диҳанд. Аз як тараф, илми криминалистика бояд воситаҳо ва усулҳои техникӣ барои муайян кардани далелҳо ва ҷамъоварии маълумотҳои қобили эътимодро таъмин кунад, аз ҷониби дигар, илми ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ бояд қоидаҳо ва меъёрҳои ҳуқуқии аз ҷиҳати қонунӣ дуруст ва адолатнок истифода шудани ин

далелҳоро танзим кунад». Дар ин замина, муҳим аст, ки муфаттиш ва прокурор дар раванди ташаккул ва дуруст баҳо додани далелҳо эътибори ҷудоии амалҳои таҳқиқотиро эҳтиром гузоранд.

Илми криминалистика дар натиҷаи рушд ва ташаккул ба муфаттишони прокуратура ба бозёфт, ҷамъоварӣ, таҳқиқӣ ва баҳодиҳии далелҳо тавсияҳои назариявӣ ва амалиро пешниҳод мекунад.

Проблемаҳои робитаи муфаттиши прокуратура ва илми криминалистика як қатор масоили ҳалталабро ба миён мегузорад:

Якум, қабули қарори ваҷҳнок аз тарафи муфаттиш дар давраи оғози парвандаи ҷиноятӣ ва ё пас аз он барои ба даст овардан, ба расмият даровардан ва пешниҳод намудани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ - ҷустуҷӯӣ кафолати риояи меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятиро медиҳад ё не? Албатта ба ақидаи мо қабули қарори муфаттиш бояд ки дар баробари риоя гаштани меъёрҳои мурофиавии ҷиноятӣ барои қабул гардидани натиҷаҳои ФОҶ ба илми криминалистика низ асос ёбад, чунки бозёфт ҷамъоварӣ ва таҳқиқи далелҳо бо дарназардошти методҳои илмӣ криминалистика ба роҳ монда мешаванд. Риояи расмӣ ба меъёрҳои қонунгузории амалкунанда танҳо ба як хулоса асос медиҳад бо эҳтимолияти баланди далелҳои бадастомада илми криминалистика асос мешавад.

Дуюм, агар илми криминалистика дар фаъолияти муфаттишони прокуратура ҷой надошта бошад, пас қонуни ҷиноятӣ ва ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ чӣ гуна ба ӯ барои муайян кардани сифати тафтиши парвандаи ҷиноятӣ кӯмак мекунанд? Дар ин маврид сухан дар бораи муқаррар намудани дараҷаи пуррагии онҳо ва имконияти ба охир расидани он меравад, яъне оё барои қабули қарори оқилонаи мурофиавӣ ҳамаи чораҳои зарурии тафтишотӣ ва дигар амалҳои мурофиавӣ дар доираи тактикаи илми криминалистика гузаронида шуда буданд? Албатта бе риоя шудани тактикаи пешбурди амалҳои тафтишӣ, ки аз тарафи илми криминалистика роҳандозӣ карда мешавад гузаронидани амалҳои тафтиши ғайримақсаднок мебошад.

Дигар он, ки бе муайян намудани аломатҳои таркиби ҷиноят муфаттиши прокуратура ҳуқуқи қабули қарор дар бораи оғози парвандаи ҷиноятиро надорад, ва маҳз ба воситаи илми криминалистика аломатҳои таркиби ҷиноят равшан карда мешаванд.

Саволи сеюм ба вазъияте, ки дар рафти тафтиши пешакӣ ба миён меояд, ки мураккабии он ба зарурати пурра ва дақиқ муқаррар намудани ҳолатҳое, ки ба предмети исбот дохил мешаванд. Муфаттиши прокуратура вазъияти тафтиши чиро бояд ба асос гирад? Дар ин замина ба ҷузъ риоя намудани меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ бояд, ки илми криминалистикаро барои муайян намудани вазъияти ҷои ҳодиса истифода бурд.

Мо итминон дорем, ки барои ҳалли масъалаҳои дар боло зикршуда дониши криминалистикӣ зарур аст. Аз ҷумла, далели такроран пурсиш шудани шахс маънои онро надорад, ки дар нишондодҳои қаблии ӯ маълумоти ба тафтишот дахлдошта мавҷуд нестанд, балки дар раванди пурсиши ибтидоӣ аз тарафи муфаттиш тамоми қоидаҳои тактикии криминалистикии пурсиш риоя карда нашудаанд, ки ин боис мегардад маълумотҳои заруриро аз шахси пурсидашаванда дар раванди гузаронидани пурсиши ибтидои ҷамъоварӣ карда нашуданд.

Дар чунин вазъият ба муфаттишони прокуратура тавсия дода мешавад, ки танҳо бо таҷрибаи касбии худ ва риоя намудани меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ маҳдуд нашаванд. Ба прокурор оид ба омӯхтани материалҳои парвандаи ҷиноятӣ оид ба ҷинояти навъи муайян (навъ) ва дар сурати набудани онҳо тавсияҳои методи илми криминалистика оид ба тафтиши ин кирдор кумаки калон расонида метавонанд.

Прокурор дар баробари таҳлил кардани протоколҳои амалҳои тафтишотӣ, ба ғайр аз мавҷудияти маълумоте, ки дар онҳо муфаттиш дар бораи вайрон кардани қонуни мурофиавии ҷиноятӣ ишора мекунад, бояд ба риояи талаботи илмии криминалистика низ таваҷҷӯҳ намояд.

Албатта, дар ҷараёни ҳама гуна амали тафтишӣ метавонад хатогиҳое содир карда мешаванд, ки хусусияти ҷиноятии ҳуқуқӣ ё мурофиавии ҷиноятӣ надоранд. Бо вуҷуди ин, онҳо метавонанд сифати базаи далелҳоро хеле паст кунанд. Дар ҳамин маврид, мо чунин мешуморем, ки ҳангоми шиносоӣ бо протоколи азназаргузаронии ҷои ҳодиса, прокурор бояд ба он диққат диҳад, ки ҳангоми баррасии протокол, масъалаи муайян кардани мавҷудияти аломатҳои таркиби ҷиноят имконпазир бошад; вазъият, ки дар он ҳодиса содир шудааст, муайян карда шавад; осори ҷиноят ва ашёи алоқаманд бо он, аломатҳо, хосиятҳо, ҳолат, мавқеи нисбии онҳо ошкор, тафтиш, ба қайд гирифта ва ҷамъоварӣ шуда бошанд; ва дар борaи ҳолатҳое, ки боиси содир шудани кирдори ғайриқонунии ҷиноятӣ гаштаанд, маълумот гирифта шавад.

Истифодаи илми криминалистика дар раванди азназаргузаронии ҷои ҳодиса аз ҷониби муфаттишони прокуратура зарурист, чун ашё, ҳуҷҷатҳо ва осори ҷиноят, ки ба вақти муайян ошкор ва тафтиш намешаванд, метавонанд дар оянда гум ё нобуд шаванд. Ин ҳолат аксаран дар рафти тафтиш ва дигар амалҳои мурофиавӣ ҷуброн карданашон ғайриимкон аст.

Дар марҳилаи якум масъалаи асосие, ки дар назди муфаттиш барои ҳал кардан қарор дорад, ин таъминоти маълумоти дақиқ ва оддӣ - техникии азназаргузаронӣ мебошад. Муфаттиш бояд то қадри имкон тамоми маълумоти мавҷударо дар хусуси ҳодисаи рухдода ва шароити азназаргузарониро ба даст орад. Муфаттиш бояд аввалан боварӣ ҳосил кунад, ки ҳамаи чораҳои зарурииву имконпазир барои пешгирӣ кардани натиҷаҳои нохуши ҷиноят ва ёрии зарури барои ҷабрдидагон андешида шудаанд. Муфаттиш, тибқи қонунгузории мамлакат, ҳақ дорад барои иҷрои корҳои алоҳида ба мақомоти дахлдор ё шахсони мансабдори идораву корхонаҳо супоришҳои хаттӣ ё шифоҳӣ диҳад. Масалан, дар сурати пайдо шудани мушкилот ё ҳолатҳои фавқулодда, муфаттиш метавонад ба бахши ёрии таъҷилӣ ё бригадаи таъмирии идораи хоҷагиву коммуналӣ фармоиш диҳад, то ки шароити зарурӣ барои таҳқиқ ва пешгирии хатари бештар

таъмин шавад. Гузашта аз ин, супоришҳои мазкур метавонанд ба фаъолияти ошкор ва роҳандозии тадбирҳои муассир барои таъмини тартиби ҳуқуқӣ ва ҳалли масъалаи мавҷуда кумак кунанд. Инчунин муфаттиш бояд ҳатман ҳифзи ҷои ҳодиса ва изҳои ҷиноятро аз дахолати беруна таъмин намояд. Дар ин бобат низ муфаттиш ба кормандони дахлдори мақомоти корҳои дохилӣ, намояндагони маъмурияти идораву корхонаҳо ва дигар шахсони мансабдор дастуру супоришҳои зарурӣ медиҳад.

Баъдан муфаттиш бояд муайян намояд, ки дар рафти азназаргузаронии ҷои ҳодиса барои сифатнокии баланди он чи гуна коршиносону мутахассисон аз ҷумла экспертони судӣ - тиббӣ ва криминалистон бояд иштирок кунанд ва даъвати онҳоро шахсан ва ё тавассути кормандони фаврии мақомоти таҳқиқ таъмин намояд.

Ҳангоми тайёрӣ ба азназаргузаронии ҷои ҳодиса бояд эҳтимолияти баргаштани ҷинояткорро ба ҷои ҳодиса ё ҳузур доштани ӯро дар вақти азазаргузаронӣ дар назар дошта дар интихоби шахсони холис ва дигар ашхоси ёрирасон эҳтиёткорона амал кард, ҳамзамон муфаттиш бояд тавассути дастурҳои хаттиву шафоҳӣ ба кормандони фаврии мақомоти таҳқиқ, нигоҳубини ҷои ҳодисаро аз тарафҳои судур (назар аз берун) ва диққат додан ба шахсони шубҳаоварро таъмин намояд, инчунин муфаттиш бояд масъалаи каминнишастанро (засада) ҳал кунад.

Ҳангоми расидан ба ҷои ҳодиса, муфаттиш вазифадор аст, ки боварӣ ҳосил кунад, ки ҳамаи чораҳои зарурӣ барои пешгирии рушд ё нобудсозии натиҷаҳои манфии ҳодисаи рухдода, ба монанди бартараф кардани хатарҳо ва осебҳои бештар, қабул шудаанд. Муфаттиш бояд масъалаҳоро тавассути таҳлил ва назорат қарор диҳад, то ки ҳаргуна дахолат ё тағйирот дар ҳодиса таъсири манфӣ надошта бошад. Агар муфаттиш эҳсос кунад, ки муҳофизат ва таъмини тартиби ҳуқуқӣ дар

ҷои ҳодиса комилан сурат намегирад, ё хатари дахолати шахсони беиҷозат вуҷуд дошта бошад, ӯ метавонад чораҳои иловагӣ андешад. Вобаста ба вазъияти мавҷуд, муфаттиш метавонад дастурҳои мушаххас ва супоришҳои лозимро ба кормандони мақомоти таҳқиқ диҳад, то ҷойи ҳодиса бо роҳҳои муассир муҳофизат ва таҳқиқот дар шароити беҳтарин сурат гирад. Пеш аз гузаронидани азназаргузарони ҷойи ҳодиса, муфаттиш аз кормандони фаврии мақомоти таҳқиқ инчунин шоҳидон ва шахсоне, ки бевосита якумин шуда осории ҷиноят ва ё ҷасадро дарёфт кардаанд, маълумоти то қадри имкон кутоҳу дар як вақт мушаххасу дақиқро вобаста ба ҳолат, оиди он ки ба ин кор ки алоқаманд ё манфиатдор буданаш имконпазир аст ва чи гуна амалу чораҳо барои кофтуков дарёфт ва дастгир кардани гумонбаршуда андешида шудаасту чораҳои андешида шуда дар кадом ҳолату марҳила қарор доранд, маълумот мегирад. Муфаттиш бояд ҳатман аз кормандони мақомоти милитсия ва дигар шахсони маълумотдошта муайян кунад, ки то расида омадани ӯ чи гуна тағйироту дигаргуниҳо дар ҷои ҳодиса рух додаанд, дар куҷо ва чи гунна осору изҳои ҷиноят ва дигар объектҳои хусусияти далелӣ дошта аллакай дарёфт ё метавон дарёфт шаванд.

Марҳилаи 2 - юм аз дида баромадани умумии ҷои ҳодиса аз ҳар тараф ва муайян кардани ҳудудҳои ҷои ҳодиса оғоз мешавад.

Дар ин марҳила муфаттиш ба иморату биноҳо, предметҳо ва ҷойгиршавии онҳо мутаносиби ҳамдигар аҳаммият дода хусусиятҳои онҳоро дар протокол дарҷ намуда, ба воситаи суратгирак ё навори видео сабт мекунад.

Дар раванди азназаргузаронии ҷои ҳодиса муфаттиш бояд ҷойҳоро дарёфт кунад, ки аз онҳо ҷойҳо имконият ва эҳтимолияти дидан ва шунидан ё ба тариқи дигар мушоҳида кардани ҳодиса ё ҳолатҳои алоҳидаи мушаххаси ҳодиса аз ҷониби шоҳидон мавҷуд аст.

Азназаргузаронии ҷои ҳодиса ва ҷасад дар аксарияти ҳолатҳо бе иштироки мутахассисон, ҳатто бе ҷалб намудани эксперти суди тиббӣ барои азназаргузаронии ҷасад, руякӣ ва бе истифодабарии воситаҳои техникӣ -

криминалистӣ гузаронида мешаванд, ки ин таъсири манфии худро дар асосноки ва қонуни будани қарори аз руи мавод қабулшуда мегузорад.

Истифода набурдани илми криминалистика аз тарафи муфаттишон ба хатогиҳои тавсифи беасос мухтасари вазъият дар маҳалли ҳодиса, бо нишон додани азназаргузаронии сатҳӣ ва бо ин ё он дараҷаи эҳтимолият, ки боиси аз даст додани далелҳои эҳтимолӣ вобаста ба ҳолатҳои гуногун асос меёбанд ва нишон надодани миқдор, намуд, аломатҳое, ки имкони фардикунонии ашё, ҳуҷҷатҳо, ашёи қимматбаҳо ва дигар ашёи гирифташуда, инчунин тавсифи нодурусти бастаи ашё ва ҳуҷҷатҳои аз ҷои ҳодиса гирифташуда оварда мерасонад.

Масалаи дигари истифодаи илми криминалистика дар раванди таъин намудани экспертизаҳои судӣ–криминалистикӣ ва баҳодиҳӣ ба хулосаи коршиносон аз тарафи муфаттишон прокуратура мебошад. Яъне дар сурати истифода набурдани илми криминалистика дар ҳолатҳои болозикр проблемаҳои зиёде ба миён омада шуданшон мумкин аст. Нисбат ба хулосаи коршинос ҳолатҳои зерин бояд равшан карда шаванд:

–кадом экспертизаи судӣ - криминалистикӣ таъин шудааст ва оё хусусияти саволҳои дар назди коршинос гузошташуда ба намуди ин экспертиза мувофиқат мекунад?;

– оё коршиноси салоҳиятнок дар истеҳсоли экспертиза иштирок дошт?;

– оё ҳамаи саволҳои зарурӣ дар назди коршинос гузошта шудаанд ва оё онҳо ба салоҳияти ӯ дахл доранд?;

– дар назди коршинос саволҳо вобаста ба тахассуси гузошта шудаанд?;

– оё дар хулосаи коршинос ба ҳамаи саволҳои ба эксперт гузошташуда ҷавобҳо мавҷуданд?;

– аз рӯи ин масъалаҳо экспертизаи такрорӣ гузаронидан зарурат дорад? натиҷаи экспертизаи такрорӣ ба кадом хулоса омадааст?;

– ба коршинос барои таҳқиқи экспертӣ кадом намунаҳои муқоисавӣ ва ба кадом миқдор пешниҳод карда шудаанд;

– воқеан чанд объект дар ихтиёри коршинос буд ва чандтои онҳо азназаргузаронӣ шудаанд;

– истинодҳои дуруст ба санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки коршинос барои асоснок кардани хулосаи худ додааст?;

– оё маълумоте, ки дар натиҷаи таҳқиқоти экспертӣ ба даст омадааст, барои хулосаҳои бадастовардаи коршинос кифоя аст?;

– дар байни қисми таҳқиқотии хулосаи коршинос ва хулосаҳои таҳиякардаи ӯ ихтилоф мавҷуд набошад?;

– хулосаи коршинос ба таври кофӣ асоснок бошад;

– оё хулосаи коршинос ба кадри кофӣ равшан ва мукаммал аст, яъне оё онҳо имкон медиҳанд, ки маъно ва аҳаммияти истилоҳоти истифодашаванда, методологияи таҳқиқ, маъно ва аҳаммияти аломатҳои ҳангоми омӯзиши объектҳо муайяншударо дарк карда шавад?;

– аз тарафи коршинос чӣ гуна усулҳои конкретии таҳқиқот ба кор бурда шудааст.

Дониши криминалистикӣ, ки аз илмҳои ҳуқуқӣ ва техникӣ сарчашма гирифтаанд, ба прокурорҳо имкон медиҳад, ки раванди таҳқиқи ҷиноятро бо истифода аз усулҳои муосир ва илмӣ роҳбарӣ кунанд. Ҳангоми қароргирӣ дар масъалаҳои ҷиноятӣ, прокурор бояд ба хулосаи дуруст ва асоснок даст ёбад, ки танҳо бо дониши амиқ дар бораи усулҳои криминалистикӣ, огоҳӣ аз истифодаи таҷҳизот ва роҳҳои таҳқиқи илмӣ ба даст оварда мешавад. Аз ин рӯ, дониши криминалистикӣ ба прокурор кӯмак мекунад, ки барои ҳар як қадами тафтиш ва ҳал кардани парвандаҳо асос ва далели мустаҳкам пешниҳод кунад.

Ҳамин тариқ, муфаттиши прокуратура барои қабул намудани қарорҳо махсусан қарор дар бораи таъин намудани экспертизаҳои криминалистикӣ донишҳои зарурии криминалистикиро бояд доро бошад. Масалан тибқи сархати якуми моддаи 208 КМҶ ҶТ «Муфаттиш таъини экспертизаро зарур шуморида, дар ин бора қарор қабул мекунад ва дар он маълумотҳои зеринро

зикр менамояд: асосҳои таъини экспертиза; ному насаби коршинос ё муассисае, ки экспертиза бояд дар он ҷой гузаронида шавад; саволҳое, ки дар назди коршинос гузошта шудаанд; маводе, ки ба коршинос пешниҳод мешавад» [174, с. 107].

Бешубҳа, танҳо дар сурати доштани дониши кофии соҳаи криминалистика, қарорҳои муфаттишонии прокуротура ки дар Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ пешбинӣ шудаанд, асоснок хоҳанд буд.

Прокуратура ва илми криминалистика ду ҷузъи муҳимми низоми муқовимат бо ҷинояткорӣ буда, барои таъмини тафтишоти самараноки парвандаҳои ҷиноятӣ якҷоя кор мекунанд.

Прокуратура мақоми давлатиест, ки барои таъмини волоияти қонун дар кишвар масъул аст. Прокурорҳо ба риояи қонунҳо назорат мекунанд, корҳои ҷиноятиро тафтиш мекунанд, дар суд фикри айбдориро пешниҳод мекунанд, манфиатҳои давлат ва ҷамъиятро ҳимоя мекунанд.

Криминалистика, дар навбати худ илмест, ки қонуниятҳои бозёфт, ҷамъоварӣ, таҳқиқи, истифодабари ва баҳодиҳии далелҳоро дар парвандаҳои ҷиноятӣ меомӯзад. Криминалистика барои тафтиши ҷиноят, ошкор намудани ҷинояткорон ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок кардани гуноҳи онҳо ёрӣ мерасонад.

Прокуратура ва илми криминалистика дар раванди тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ робита дорад. Прокурорҳо метавонанд аз криминалистҳо барои гузаронидани экспертиза ва таҳқиқоте, ки барои муайян кардани далелҳои ҷиноят мусоидат мекунанд, истифода баранд. Дар навбати худ, илми криминалистӣ далелҳое пешниҳод мекунанд, ки ба прокурорҳо дар исботи айбномаҳо дар суд кӯмак мекунанд.

Ҳамин тариқ, прокуратура ва криминалистика барои таъмини тафтиши одилона ва самараноки парвандаҳои ҷиноятӣ ва ҷазо додани шахсони гунаҳкор дар ҳамкории зич кор мекунанд. Робитаи фаъолияти прокурорӣ ва

илми криминалистӣ, аз ҷумла фаъолияти илмӣ комилан равшан ба назар мерасад: прокурор ба экспертизаи судӣ ниёз дорад.

Дар рафти тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ мақоми прокуратура ва илми криминалистика робитаи зич доранд. Прокурорҳо ва муфаттишон ба криминалистҳо муроҷиат мекунанд, то таҳқиқотҳои гуногун гузаронанд, ки ба муқаррар намудани фактҳои ҷиноят ва муайян кардани ҷинояткорон ёрӣ мерасонанд.

Прокурорҳо дар навбати худ аз натиҷаи кори криминалистҳо дар маҷлисҳои судӣ барои асоснок кардани айб, пешниҳод намудани далелу далелҳо ба суд истифода мебаранд. Прокуратура инчунин метавонад барои тасдиқи мавқеи худ экспертиза ва таҳқиқоти иловагиро талаб намояд.

## 2.2. Ҳамкории муфатишони прокуратура бо муассисаҳои экспертизаи давлатии судӣ

Масъалаҳои ҳамкории амалии ин субъектҳои фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ, махсусан дар ҷанбаи ташкилию тактикӣ то ҳол аҳаммияти худро доранд. Такмили заминаи ҳуқуқӣ дар ин самти ҳамкории муфаттишони мақомоти прокуратура ва муассисаҳои экспертизаи давлатии судӣ бахусус худи коршиносони муассисаҳои экспертизаи давлатии судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳиммияти таҳқиқоти илмии онро вобаста ба проблемаҳои амалияи тафтишӣ меафзояд.

Ҳамкории муштараки муфаттишони мақомоти прокуратура ва муассисаҳои экспертизаи давлатии судӣ яке аз шаклҳои асосии фаъолияти онҳо мебошад. Чунин ба назар мерасад, ки ҳамоҳангсозии ин сохторҳо дар низоми мақомоти прокуратура бештар ба роҳ монда шудааст. Мақомоти прокуратура барои мақсаднок ва фаъолона истифода бурдани далелҳои аз ҷойи ҳодиса дарёфтшуда бо мақсади ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо чораҳо меандешад.

Як масъалаи муҳим дар назарияи илми криминалистика беҳтар кардани

ҳамкории муфаттишони мақомоти прокуратура ва муассисаҳои экспертизаи давлатии судӣ дар таҳқиқи ҷиноятҳо мебошад. Асосҳои ташкилии иштироки коршиносони муассисаҳои давлатии экспертии дар амалҳои тафтишӣ бо санади меъёрии ҳуқуқии идоравӣ муайян карда мешавад. Имрӯз ҳалли пурраи мушкилоти ҳамкорӣ бинобар нокифоя будани танзими ҳуқуқии он ва ҳолатҳои тактикии ин ҳамкориҳо душвориҳоро ба миён меоварад.

Дар айни замон доираи фаъолияти экспертизаи давлатии судӣ дар низоми илми криминалистика таҷдиди назар карда мешавад. Қонунгузории амалкунанда ба такмили механизмҳои ҳуқуқии фаъолияти криминалистӣ нигаронида шудааст, ки ба кам кардани вақти гузаронидани экспертизаи судӣ, инчунин қонеъ гардонидани талаботи мурофиаи ҷиноятӣ, назорати сифати раванди экспертиза, таъминоти методии он ва таъмини дастрасии касбӣ мусоидат менамояд. Интизор меравад, ки ҳамкории мутақобила бо воҳидҳои марбут ба тафтишот ва ошкор кардани ҷиноятҳо дар ояндаи наздик рушд карда ба муқовимат бо ҷинояткорӣ таъсири калон мерасонад.

Дар низоми мақомоти прокуратура, чун дар ҳама гуна низомҳои мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ робитаи зич бо муассисаҳои давлатии экспертӣ ба роҳ монда шудааст. Муносибати ҳамвору равшани байни муфаттишони мақомоти прокуратура ва муассисаҳои экспертизаи давлатии судӣ барои истифода намудани донишҳои махсус дар самти бозёфт, ҷамъоварӣ, таҳқиқӣ ва истифодабарии далелҳо ба роҳ монда шудааст. Дар баробари ин мақомоти прокуратура робитаи зичро аҳли ҷамъият, намояндагони муассисаҳо, ташкилотҳо ва ғайра низ ба роҳ монда шудааст, яъне муносибатҳо бо субъектҳои гуногун сурат мегирад [73, с. 30].

Дар таҳқиқоти бисёр олимон ҳамкории мутақобила дар ҷанбаҳои гуногун баррасӣ мешавад. Ибораи ҳамкорӣ дар амалия ва назария хеле васеъ истифода мешавад, чунки он тавсифи дурусти кӯшишҳои коллективиро дар ҳалли вазифаҳо ва иҷрои корҳое, ки пеши онҳо қарор доранд, медиҳад. Ҳангоми васеъ кардани ин мафҳум маънои семантикии онро ба назар

гирифтан лозим аст. Ҳамоҳангсозӣ (муштарак, пайвастагӣ, тартиб додан, ҳамоҳангсозӣ) — фаъолияти ба ҳам алоқаманд, ҳамоҳангшуда, дастгирии мутақобилаи субъектҳои гуногуни он, дар ин маврид воҳидҳои сохтории мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар назар дошта мешавад [68, с. 72].

Инак, дар луғати забони русӣ С.М. Ожегов, истилоҳи «ҳамкорӣ» ҳамчун «пайвастани ҳамдигарии ду падида, дастгирии ҳамдигар» маънидод мешавад. Дар луғати энсиклопедӣ мафҳуми «ҳамкорӣ» ҳамчун падидае пешниҳод шудааст, ки «аз нуқтаи назари ҳадафҳо, вазифаҳо, макон, вақт ва усулҳои анҷом додани амалиётҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳои муйян ҳамоҳангшуда дар назар дошта мешавад» [60, с. 210].

Намудҳои номбаршудаи фаъолияти муштарак барои мақомоти прокуратура низ хосанд. Ҳамин тавр, ҳар як ҷузу томҳои мақомоти прокуратура бахусус муфаттишон, вазифаҳои муайянро бо дарназардошти ҳамкорӣ бо муассисаҳои давлатии экспертӣ барои ҳалли функсияҳои хизматӣ ба роҳ монад мешавад. Чунин модели ҳамкорӣ фаъолияти муштарак - индивидуалӣ ду мақоми алоҳида мебошад.

Ба гуфтаи Б. Викторова, «ҳамкории мутақобила ин фаъолияти муфаттиш ва корманди муассисаҳои экспертӣ мебошад, ки аз рӯи мақсад, макон ва вақт мувофиқа карда, дар асоси қонун ва санадҳои меъёрии дар доираи салоҳияти худ мувофиқашуда, ба пурра ва зуд ошкор намудани ҷиноятҳо, тафтишоти ҳамаҷониба ва объективӣ нигаронида шудааст» [22, с. 25].

А.П. Кругликов қайд мекунад, ки «ҳамкории мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҷузъу томҳо бояд ҳамчун фаъолияти муштараки ҳамоҳангшудаи онҳо дар асоси қонунҳо ва санадҳои меъёрии идоравӣ, ки ба ҳалли масъалаҳои мурофиаи ҷиноятӣ бо нақши роҳбарӣ ва муфаттиш нигаронида шудааст, фаҳмида шавад» [52, с. 28].

Ҳамин тариқ, пас аз баррасии таърифҳои гуногун, мо метавонем ба хулосае омад, ки истилоҳи «ҳамкорӣ» ҳамчун як фаъолияти мурофиавӣ, ки аз

рӯи ҳадафҳо ва вазифаҳо, қувваҳо, воситаҳо, макон ва вақт мувофиқа шудааст ва дар асоси қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад.

Муассисаҳои давлатии экспертизаи судӣ - ин муассисаҳои махсуси мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ мебошанд, ки барои таъмини иҷрои вазифаҳои муфаттишон, инчунин судҳо ва мақомоти тафтишотӣ бо ташкил ва гузаронидани экспертизаи судӣ фаъолият мекунанд.

Фаъолият оид ба тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ ва баррасии онҳо дар суд дар шакли муайяни ҳуқуқӣ ва бо иштироки шумораи зиёди мақомот ва шахсоне сурат мегирад, ки субъектҳои ҳуқуқу уҳдадориҳои муайян мебошанд. Коршиноси муасиссаҳои давлати экспертӣ ҳамчун дорандагони дониши махсус ҳангоми амалӣ намудани ҳуқуқҳои ба ӯ пешбининамудаи қонун ва иҷрои вазифаҳои ба зиммааш гузошташуда ба ин раванд ҷалб карда мешаванд. Дараҷаи иштироки онҳоро дар мурофиаи ҷиноятӣ ва ҳамкорӣ бо муфаттиш мухтасар таҳқиқ кардан зарур аст.

Дар асоси вазифаҳои ҳам хизматӣ ва ҳам мурофиавӣ мо се самти муҳимтарини фаъолияти экспертӣ ва криминалистиро қайд кардан мумкин аст: истеҳсоли экспертиза, иштирок ба сифати мутахассис дар амалҳои тафтишӣ, иштирок дар фаъолияти оперативӣ- ҷустуҷӯӣ.

Бо истифода аз донишҳои махсус, коршинос дар пайдо кардан, ҷамъоварӣ, таҳлил, баҳодиҳӣ ва истифодаи далелҳои шайъӣ дар муҳити моддии ҷиноят ва гузаронидани экспертизаи предметҳо ва ашёи муайяншуда, ки метавонанд дар тафтиши ҷиноят ба сифати далелҳо хизмат кунанд, кӯмак мерасонад. [6, с. 95].

Дар моддаи 3 Қонуни ҶТ «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» вазифаи коршиноси судӣ зикр шудааст: «Вазифаи экспертизаи давлатии судӣ муайян кардани ҳолатҳое мебошад, ки онҳо бо қарорҳои судҳо, мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ, инчунин дархостҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба воситаи ташкил ва гузаронидани экспертизаи давлатии судӣ бояд исбот

карда шаванд» [3].

Принсипҳое, ки аз тарафи коршиносон дар муассисаҳои экспертӣ бояд риоя карда шаванд:

– риоя нкардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

– истифодаи намудани воситаҳои криминалистикӣ;

– объективона пешбурдани экспертиза;

– пешниҳод намудани коршиносон ва мутахассисон барои иштирок дар амалҳои тафтишӣ;

– мустақилияти кормандони муассисаҳои экспертизаи давлатии судӣ дар интихоби восита ва усулҳои гузаронидани экспертиза [37, с. 56].

Ҳангоми баррасии принсипҳои фаъолияти экспертизаи давлатии судӣ бояд муқаррароти асосии доираи ин фаъолият, ки тамоми намудҳои экспертизаи судӣ, вазъи мурофиавии иштирокчиён ва кафолатҳои самаранокиро дар бар мегирад, дар назар дошта шавад. Принсипҳо мазмуни тамоми меъёрҳои ҳуқуқиро, ки фаъолияти экспертизаи давлатии судиро танзим мекунанд, нишон медиҳанд, воситаҳо ва усулҳои иҷрои вазифаҳои ин фаъолиятро муайян мекунанд. Дар сурати ба миён омадани масоилҳои ҳуқуқӣ, ошкор намудани камбудиҳои қонунгузорӣ ва номувофиқатии муқаррароти инфиродии меъёрҳо ва принсипҳо бояд ҳамчун фаъолияти асосии судӣ татбиқ карда шаванд, зеро онҳо аҳаммияти роҳнамоӣ ва маънои қонунро муайян мекунанд.

Солҳои охир афзоиши мунтазами ҷинояткорӣ ва тағйирёбии механизмҳои содиршавии он мушоҳида мешавад, ки дар раванди тафтиши он истифодаи самараноки усулҳо ва воситаҳои муосири криминалистиро тақозо мекунад. Миқдори супоришҳо аз ҷониби муфаттишони прокуратура оид ба даъвати коршиносон ҳангоми азназаргузаронии ҷои ҳодисаҳо, гузарондани дигар амалҳои тафтишотӣ хеле афзуда истодааст, ки ин ҳам бошад ҳамкории мақомҳои болозикрро рушд медиҳад.

Барои ба роҳ мондани ҳамкории муфаттишони мақоми прокуратура

ва муассисаҳои давлатии экспертизаҳои судӣ ва криминалистикӣ як шакли ташкилию методиро дар бар гирифта самараноки усулҳо ва воситаҳои криминалистиро дар мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дуруст муайян мекунад.

Ҳамкории мақоми муфаттиш бо муасиссаҳои экспертӣ–криминалистикӣ бо мақсади боз ҳам зудтар ошкор намудани ҷинояткорӣ ба роҳ монда мешавад, ки ин ҳамкориҳоро ба гурӯҳҳои зерин тақсим кардан мумкин аст:

– пешбурди баҳисобгирӣ оид ба ҳамкории мufттишон бо коршиносон;

–таъмини фаъолияти кории муфаттишон;

– дуруст ба расмият даровардани қарорҳои муфаттишон;

– таҳияи нақшаи тафтишӣ;

–таҳияи пешниҳодҳо оид ба сиёсати кадрии (интихоб, ҷойгирӣ, таълими кормандон), ташкили кори комиссияҳои тахассусии коршиносон Маркази ҷумҳуриявии экспертизаи судӣ ва криминалистикии Вазорати адлия, Раёсати экспертӣ - криминалистикии вазорати корҳои дохилӣ оид ба тайёрии касбии мутахассисон;

– ташкил ва гузаронидани семинарҳо оид ба ҳамкории муфаттишон бо коршиносони муассисаҳои экспертӣ ва ғайра;

– дар фаъолияти муфаттишон ҷорӣ ва истифодаи усулҳо ва воситаҳои криминалистӣ [9, с. 111-112].

Вазифаҳои асосии фаъолияти ҳамкории муфаттишон ва коршиносони муассисаҳои экспертӣ - криминалистикӣ дар истифодаи ҳамаҷониба ва самараноки усулҳо ва воситаҳои криминалистӣ дар мубориза бар зидди ҷиноятҳо ба таври умумӣ метавонанд дар соҳаҳои зерини кор дар бар гиранд:

1. Истифодаи усулҳо ва воситаҳои криминалистикӣ барои таҳлил ва арзёбии маълумотҳои ҷамъоваришударо истифода бурда, муфаттишон ва коршиносон бояд маълумотҳоро барои расидан ба натиҷаҳои дуруст ва

воқеӣ арзёбӣ кунанд. Ин ба ҳамкории самаранок дар рушди огоҳӣ ва стратегияҳои муқобила бо ҷиноятҳо кумак мекунад.

2. Ҳамкории байни муфаттиш ва коршиносони экспертӣ ба ҷамъоварии далелҳо, ки баъдан дар мурофиаи судӣ истифода бурда мешаванд, кӯмак мекунад.

3. Коршиносон метавонанд дар муайян кардани омилҳои ҷинояткорӣ ва таҳлили сабабҳои онҳо ёрӣ расонанд. Бо истифода аз ин таҳлилҳо, муфаттишон метавонанд усулҳои нав ва самаранокро барои муқобила бо ҷиноятҳо истифода баранд [33, с. 70].

Мафҳум, моҳият ва ҳадафи ҳамкории муфаттиш ва коршиносро баррасӣ намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки истилоҳи «ҳамкорӣ» фаъолияти мурофиавиро дар назар дорад, ки аз рӯи мақсаду вазифаҳо, қувваҳо, воситаҳо, макон ва вақт мувофиқа шудааст. Аломатҳои зерини муҳимтарини ҳамкории муфаттиш ва коршиносро дар ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо қайд кардан мумкин аст:

– истифодаи оқилонаи усул ва воситаҳои гуногуни техникӣ дар раванди тафтиш ва ошкор кардани ҷиноятҳо;

– муайян намудани мавқеъи муфаттиш ҳангоми интихоби коршинос барои иштирок дар тафтиш ва ошкор намудани ҷиноятҳо.

Ҳамкории мутақобила коршиносони муассисаҳои экспертӣ - криминалистикӣ ва муфаттишони мақомоти прокуратура яке аз ҷанбаҳои муҳимтарини тафтиши ҷиноятҳо мебошад. Ёрии мутобиқ ва пурмаҳсул на танҳо ба муфаттишон ва экспертҳо (мутахассисон), балки ба роҳбарони мақомҳои тафтиш ва таҳқиқи ҳамчун координаторхои фаъолияти амалии пеш аз суд оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ низ вобаста аст.

Ҳангоми баррасии масъалаҳои ҳамкории муфаттиш ва коршинос бояд ба принсипҳои дахлдоре муроҷиат кард, ки асос ва хусусияти фаъолияти субъекти тафтишотӣ ва экспертиро инъикос мекунанд [64, с. 55]. Муносибати мутақобилаи муфаттиш бо коршиносони муассисаҳои экспертӣ -

криминалистикӣ бояд бо риояи маҷмуи принсипҳо сурат гирад:

1. Қонунӣ будани муносибатҳои мутақобила принсипи бунёдие мебошад, ки моҳияти он дар он аст, ки дар ҷараёни он маҷмуи фаъолиятҳо ба даст оварда шудааст, ки аз як тараф, самараи ҳадди аксарро дар раванди исбот дар парвандаи тафтишшаванда таъмин менамояд ва аз тарафи дигар, поймолкунии ҳуқуқи иштирокчиёни мушаххасро истисно мекунад. Риояи қатъии қонун на танҳо ба иҷрои меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки муносибатҳои байни муфаттиш ва коршиносони муассисаҳои экспертиро танзим мекунанд, балки инчунин ба амалишавии санадҳои ҳуқуқии идоравӣ, ки бо қонун мувофиқанд, ва танзими фаъолияти сохторҳои гуногуни мақомоти корҳои дохилӣ, ки истифодаи қувваҳо, воситаҳо ва усулҳои махсусро пешбинӣ мекунанд, дахл дорад.

2. Муқаррар намудани ҳудуди салоҳияти субъектҳо дар натиҷаи ҳамкорӣ. Калиди муваффақият дар ҳама гуна соҳаи фаъолияти инсон ин муайян кардани салоҳияти ҳар як корманд ва барқарор кардани робитаҳои корӣ дар байни аъзоёни коллектив мебошад. Қонун ҳадди салоҳияти муфаттиш ва коршиносро пурра муайян намуда, ба хар яки онҳо ҳуқуқу уҳдадориҳои дахлдор додааст. Тақсими салоҳият дар байни мақомоти гуногун ба зарурати тафтишоти босифати ҷиноятҳо асос ёфтааст.

3. Нақши ташкилотчигии муфаттиш дар ҳамкорӣ бо коршиносони муассисаҳои экспертӣ - криминалистикӣ. Дар қонунгузорӣ рафтори ҳамаи субъектҳои муносибатҳои мутақобила дар ҳар як ҳолати мушаххас ва марҳилаҳои гуногуни мурофиаи ҷиноятӣ муфассал муайян карда нашудааст. Аз ин рӯ, аксари масъалаҳои вобаста ба тақсимоти ташкилии ӯҳдадориҳо байни иштирокчиёни мурофиаро муфаттиш ҳал мекунад. Нақши ташкилкунандаи муфаттиш аз он иборат аст, ки вай ба амали иштирокчиёни дигари мурофиаи ҷиноятӣ роҳнамоӣ мекунад ва худаш ҳамчун ташкилкунанда баромад мекунад. Маҳз ӯ масъул аст, ки муносибати мутақобиларо тавре ташкил кунад, ки он самараноктар бошад.

4. Дар баробари пеш рафтани тафтишот вазифаҳо ва мазмуни ҳамкори равшан ва пурра карда мешаванд, чунки дар баъзе ҳолатҳо зарурати тағйир додани субъектҳои ҳамкорӣ, ҷалби қувваҳо ва воситаҳои нав ба миён ояд.

Ҳамин тавр, принсипҳои асосии ҳамкорӣ аз инҳо иборатанд: риояи талаботи қонуни фаъолияти якҷоя; муаян кардани салоҳияти ҳамаи иштирокчиён, инчунин банақшагиии ҳамкорӣ.

Принсипҳои ҳамкории муфаттиш ва коршинос аз нуқтаҳои зерин иборатанд:

– аниқ дарк намудани мақсад ва вазифаҳо аз ҷониби иштирокчиёни ҳамкорӣ;

– мустакилияти мурофиавии субъектҳои ҳамкорикунанда - муфаттиш ва коршинос, дахолат накардан ба фаъолияти онхо;

– озодии интихоб дар интихоби восита ва тактикаи амалисозии амалҳои якҷояи тафтишӣ ва экспертӣ дар доираи салоҳияти муқаррарнамудаи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ;

– риояи қонуният дар ҳамкорӣ;

– истифодаи маҷмуи қувваҳо, воситаҳо ва усулҳое, ки дар ихтиёри муфаттиш ва коршиноси ҳамкорикунанда мебошанд;

– махфӣ будани фаъолияти тафтишотӣ, экспертӣ ва мурофиавӣ;

– банақшагирии муштарак ва ҳамоҳангшудаи расмиёти ташкилӣ, мурофиавии ҷиноятӣ ва дигар расмиёти пешбининамудаи қонун; самаранокии табодули иттилоот, ки дар тартиби ҳамкориҳо ва дар доираи қонун ва парвандаи ҷиноии мавриди таҳқиқ қарордошта муҳим аст [153, с. 81].

Чунон ки мебинем, ин принсипҳо ба принсипҳои умумии ҳамкории муфаттиш бо дигар хадамот ва шуъбаҳои шуъбаи корҳои дохилӣ мувофиқанд.

Роҳбарони шуъбаҳои тафтишотӣ ва экспертӣ - криминалистикӣ мақомҳои ҳадафҳо ва вазифаҳои ҳамкории мутақобиларо равшан мекунанд,

усулҳои ноил шудан ба натиҷаи ниҳоӣ муайян мекунанд ва албатта, ба рафтори кормандони алоҳида таъсир мерасонанд. Таҷрибаи амалӣ имкони ба хулоса омаданро медиҳад, ки технология ва захираҳои иттилоотии муосир самаранокии ошкор, тафтиш ва пешгирии ҷиноятҳоро таъмин мекунанд. Он, пеш аз ҳама, аз ҷониби кормандони мушаххаси мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки бо ин таҷҳизот кор мекунанд ва пойгоҳи додаҳои иттилоотиро бо маълумоти аз ҷиҳати судӣ муҳим пур мекунанд, пешниҳод карда мешаванд [146, с. 146].

Ба ақидаи Н. Кулагин, «Роҳбарӣ - фаъолияти ташаббускори субъекти идоракунӣ барои ба кор андохтани қувваю воситаҳои, ки ба иҷрои қарорҳои қабулшуда нигаронида шудааст» [53, с. 90]. Вазифаи роҳбар аз он иборат аст, ки тавассути таъсири мақсаднок ба кормандони алоҳида ва умуман кӯшишҳои зердастонро ба самти зарурӣ равона созад, иҷрои вазифаҳои ба онҳо гузошташударо оқилона ташкил кунад ва дар ҳама марҳилаҳои фаъолияти мансабӣ ҳамоҳангии амалҳоро ба даст орад. Дар баробари ин, дараҷаи субъективии идоракунӣ ҳар қадар баланд бошад, аз ӯ ҳамон қадар дарки назариявии хусусиятҳои фаъолияти системаи идорашаванда талаб карда мешавад. Равшан аст, ки аз роҳбари идеалӣ талаб карда мешавад, ки «... механизм на бо фармон, балки бо энергияи дохилии низоми корӣ ба ҳаракат дароварда шавад ва ба табиати инсон мувофиқ бошад» [53, с. 59].

Муфаттишон ва коршиносони муассисаҳои экспертӣ - криминалистикӣ фаъолияти муштаракро аксар вақт тавассути роҳбарони мақомотҳо анҷом медиҳанд. Танҳо дар шуъбаҳои тафтишотӣ, ки дар онҳо муфаттишон кор мекунанд, ҳамкории байни онҳо аксар вақт мустақиман сурат мегирад.

Бояд қайд кард, ки мақоми роҳбари муассисаи экспертӣ дар Қонуни Ҷумҳури Тоҷикисто «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» пешбинӣ карда шудааст. Илова бар ин, равшан аст, ки самаранокии ҳамкорӣ на танҳо ба дониши касбӣ ва қобилияти ташкилотчигии роҳбар, балки ба мақоми ҳуқуқии ӯ низ вобаста аст. Ҳамин тариқ, сардори муассисаҳои экспертӣ - криминалистикӣ дар ҳамкорӣ бо муфаттиш метавонад ҳам ба сифати

сардори шӯъбаи криминалистии илмӣ ва амалии судӣ ва ҳам ба сифати роҳбари муассисаи давлатии судӣ ва ҳамчун корманди эксперти судӣ баромад кунад.

Ҳамин тариқ, дар ҳамкории кормандони воҳидҳои тафтишотӣ ва экспертӣ аксарияти масъулиятро сардор ба ӯҳда мегирад, ки доираи муайяни масъалаҳои ҳуқуқӣ ва ташкилиро ба ӯҳда дорад. Маҳсулнокӣ ва такмили ҳамкории мутақобила аксар вақт аз қобилияти роҳбар барои дуруст истифода бурдани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои худ ва фароҳам овардани фазои мусоид барои ҳамкории байни мақомотҳо вобаста аст. Ба мақсад мувофиқ аст, ки роҳбари муассисаи экспертиза ҳамчун иштирокчии комили мурофиаи ҷиноятӣ эътироф карда шудааст.

Масъалаи ҳамкории самарабахши мақомхои экспертӣ ва тафтишотӣ ба муносибати тараққиёти босуръати прогресси илмию техникӣ масъалаи муҳимтарин шуда истодааст. Азбаски вобаста ба пешрафти ҷамъият роҳҳои нави содиршавии кирдорҳои ҷиноятӣ афзуда истодааст, аз ин рӯ васеъ ва фаъолона ҷорӣ намудани комёбиҳои илму техника ва бо техника таъмин намудани раванди тафтиши ҷиноят, такмили касбияти экспертҳо ва муфаттишон беҳтар намудани ҳамкорӣ дар ошкор кардан ва тафтиши ҷиноятҳо масалаи рӯзмарaро дар бар мегирад.

Дар айни замон ҳамкории муфаттиш ва коршиносон яке аз шаклҳои асосии фаъолияти муқовимат бо ҷинояткорӣ мебошад. Ба шарофати ин, барои истифодаи мақсаднок ва фаъолона дар ошкор кардани ҷиноятҳо, осори аз ҷойи ҳодиса гирифташуда ва дигар далелҳои шайъӣ дар асоси омӯзиши маводи парвандаи ҷиноятӣ чораҳо андешида мешаванд.

Мафҳуми ҳамкории байни иштирокчиёни асосии тафтишотро метавон ҳамчун амали объективии зарурӣ шарҳ дод, ки мувофиқи вақт, шакл ва натиҷаҳо мувофиқа гардида, вазифаҳои асосии ҳалшаванда ва ҳадафи ниҳоии мувофиқашударо муайян мекунад, ки дар он фаъолияти муштараки муфаттиш ва коршинос ба таври аниқ нишон дода мешавад.

Хусусияти ҳамкории муфаттиш ва коршинос дар он аст, ки амали мувозинати субъектҳои ҳамкории салоҳиятҳои функсионалии онҳо дар муқоиса бо имкониятҳои инфиродии онҳо бояд боиси ба даст овардани вазифаҳои дараҷаи сифатан баланд гардад. Риояи шартҳои масъулияти тарафайни муфаттиш ва коршинос барои ошкор кардани ҷиноят ба баланд шудани самаранокии ошкор шудани ҷиноятҳо, хусусан ҷиноятҳои норавшан, мусоидат мекунад.

Бояд тазаккур дод, ки «нақши кории муфаттиш дар пешбурди амали тафтишотӣ маънои ҳуқуқи интихоби раванди татбиқи усулу воситаҳои экспертизаи криминалистиро дар тафтиши ҷиноят дорад [72, с. 12].

Коршиносони муассисаҳои экспертӣ - криминалистикӣ дар самти истифодаи воситаҳои техникӣ - криминалистикӣ дар раванди тафтиши ҷиноят нисбат ба муфаттишон донишҳои зиёди касбӣ доранд:

– корманди муассисаҳои экспертӣ–криминалистикӣ дорои малакаҳои зиёди амалӣ оид ба истифодаи воситаҳои техникӣ - криминалистӣ мебошад;

– бо таҷрибаи баланди корӣ аз руи ихтисосаш мутахассиси касбии истифодаи воситаҳои экспертӣ - криминалистикӣ мебошанд;

– бо истифода аз воситаҳо ва усулҳои техникӣ ва криминалистӣ корманди муассисаҳои экспертӣ - криминалистикӣ нисбат ба муфаттиш ба иҷрои дигар вазифаҳо намегузарад;

– корманди муассисаҳои экспертӣ–криминалистикӣ метавонад аз таҷҳизоти махсусе, ки ҳангоми гузаронидани амалиёти тафтишотӣ истифода барад, аммо баръакси муфаттиш, ки дар истифодаи ин технология дониши махсус надорад;

– танҳо ба як корманди муассисаҳои экспертӣ - криминалистикӣ метавонад кор бо воситаҳои техникиро супурда шавад [73, с. 16].

В.Н. Махов дар асари худ комилан дуруст навиштааст, ки «муфаттиш метавонад воситаҳои криминалистиро мустақилона истифода барад, вале ҳангоми гузаронидани амалиёти тафтишотӣ онхо аз иҷрои дигар чораҳои таъхирнопазир муфаттишро дур мекунанд. Ҳамин тавр, аксбардорие, ки

бевосита аз тарафи муфаттиш хангоми амали тафтишӣ гузаронида мешавад, ӯро маҷбур мекунад, ки аз ҳодисаҳои қайдшаванда дар масофаи хеле дур бошад ва алоқаро бо иштирокчиёни амали тафтишӣ душвор гардонад. Диққати муфаттиш аз чизи асосӣ дур шуда, ба аксбардорӣ нигаронида мешавад. Чунин нуктаи назарро Т.Н. Шамонова, менависад, ки «истифодаи воситаҳои илмӣ - техникӣ аз тарафи муфаттиш шахсан... иҷрои вазифаи асосии ӯро душвор мегардонад» [160, с. 134].

Дар баробари ин, чунон ки Р. Белкин зикр мекунад, равандҳои дифференсиалӣ ва тахассусии технологияи криминалистӣ... ба он оварда расонд, ки муфаттиш ё корманди оперативӣ тамоми воситаҳо ва усулҳои криминалистиро пурра аз худ карда наметавонад» [83, с. 3-4].

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло мо метавонем дар бораи тамоюли баланд шудани нақши корманди муассисаҳои экспертӣ - криминалистикӣ дар истифодаи воситаҳои техникӣ ва криминалистӣ ва донишҳои махсус дар гузаронидани амалиёти тафтишотӣ сухан ронем. Натиҷаҳои омӯзиши парвандаҳои ҷиноятӣ нишон медиҳанд, ки аксар вақт танҳо ба туфайли ҷалби коршиносон дар амалиёти тафтишотии ибтидоӣ дар парвандаҳои ҷиноятӣ заминаи боэътимоди далелҳо ҷамъоварӣ кардан мумкин аст.

Тамоилҳои умумии тараққиёти илм ва техника, махсусгардонӣ ва мураккабшавии минбаъдаи асбобҳои техникӣ, ки ба воқеияти имрӯза хосанд, ба назар гирифта, тахмин кардан мумкин аст, ки раванди мураккабшавии воситаҳои техникӣ, асбобсозӣ, усулҳои таҳқиқот давом мекунад. Ин асло маънои онро надорад, ки муфаттишон дар оянда ҳангоми гузаронидани амалҳои тафтишӣ мустақилона усулҳои нави криминалистиро истифода бурда наметавонад. Чунин ба назар мерасад, ки вазифаҳои асосии истифодаи воситаҳои техникӣ тадриҷан ба кормандони муассисаҳои экспертӣ–криминалистикӣ мегузарад.

Ин тамоюлхои манфӣ аз роҳбарони мақомҳои тафтишӣ талаб мекунанд, ки самараи ҳамкории муфаттишон ва экспертҳоро баланд

бардоранд. Бинобар ин ҳангоми ошкор ва тафтиш кардани ҷиноятхо, пеш аз ҳама, ҳаҷми маълумотҳои техникиро зиёд кардан лозим аст, ки муқаррар намудани онҳо ба омилҳои субъективӣ чандон вобаста нест [37, с. 65].

Ба ғайр аз босифат гузарондани амалиёти тафтишотӣ муфаттиш вазифадор аст, ки натиҷаҳои бадастомадаро дар протоколхои амалиёти тафтишотӣ дуруст ва пурра инъикос намоянд. Барои босифат гузаронидани амалҳои тафтишу дуруст ба роҳ мондани ҳамкории муфаттишон бо коршиносони муассисаҳои экспертӣ - криминалистикӣ як қатор чорабиниҳои муҳимро ба амал овардан зарур аст, ки метавонанд дар таҳияи натиҷаҳои дуруст ва объективии тафтишот кӯмак кунанд:

– зарур аст, ки муфаттишонро бо адабиёти дахлдори касбӣ, маҷмуаҳо, ки имкониятҳои воқеӣ ва навтарин малакаю маҳорати истифодаи воситаю усулҳои экспертизаи криминалистиро дар ҷараёни тафтиши ҷиноят инъикос менамоянд, сари вақт таъмин намояд. Самти бомуваффақият дар чунин ҳолатҳо таъсиси шабакаи васеи бонкҳои маълумотҳои иттилооти илмию техникӣ бо истифода аз дастрасии мустақим ба онҳо аз ҷониби муфаттишон ба ҳисоб меравад;

–сардорони шуъбаҳо, чӣ муфаттиш ва чӣ коршинос бояд дар маҷлису семинарҳо дар назди кормандони хадамотҳои дахлдор шахсан баромад кунанд. Дар баробари ин бояд ба проблемаҳои муҳимтарине, ки самараи ёрӣ дар фаъолиятро паст мекунанд, диққат дода, роҳи ҳалли онҳо муайян карда шавад. Аҳаммияти ин баромадҳо аз он иборат аст, ки дар онҳо мисолҳои конкретӣ аз амалияи маҳаллӣ оварда шуда имконият медиҳанд, ки ҳамаи масъалаҳои ба миёномада дар маҳал равшан карда шаванд, мубодилаи афкор ва барқарор намудани ҳамкориҳо ба роҳ монда шаванд;

–дар фаъолияти рӯзмарра татбиқ намудани донишҳои андӯхтаро таъмин кардан лозим аст. Барои ин мониторинги ҳамарӯза аз ҷониби роҳбарони шуъбаҳои дахлдор оид ба сифат ва натиҷаҳои ниҳоии ҳамкории байни муфаттишон ва кормандони муассисаҳои экспертӣ - криминалистикӣ

ҳангоми гузаронидани амалҳои тафтишӣ муқаррар карда шавад.

Бояд зикр кард, ки дар амалияи тафтишӣ ҳолатҳое, ба миён омоаданош мумкин аст, коршиносон аз ҳамкорӣ бо муфаттишон даст мекашанд. Чун қоида, коршинос наметавонад аз гузаронидани экспертизаи таъиншуда даст кашад. Аммо дар амал мавридҳое ҷой доранд, ки коршинос маҷбур мешавад аз экспертизаи ба ӯ таъиншуда даст кашад. Баъзе чунин ҳолатҳо дар қонун пешбинӣ шудаанд, баъзеҳо бо таҷрибаи муқарраршудаи тафтишотии судӣ таҳия шудаанд.

Бо таҳлили амалияи ҳозира сабабҳои зерини радия додан аз ҳамкорӣ номбар кардан мумкин аст:

а) дар ҳоли номутобиқатии предметҳое, ки барои экспертиза пешниҳод карда мешавад;

б) ҳангоми гузоштани саволҳое, ки ҷавоби онҳо ба салоҳияти коршинос дохил намешавад;

в) ҳангоми мавҷуд набудани методологияи тасдиқшудаи гузаронидани таҳқиқоти экспертӣ [86, с. 149].

Албатта намуди охирони асосҳои радияи ҳамкорӣ аз тарафи коршиносон баҳсбарангез аст. На дар ҳамаи давлатҳо методологияи тасдиқшудаи таҳқиқоти экспертизаи судӣ - криминалистикӣ мавҷуд мебошад. Масалан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин методологияи тасдиқшуда аз ҷониби мақомотҳои расмӣ ба роҳ монда нашудааст.

Ҳуқуқи иштироки муфаттиш дар рафти санҷиш марҳилаи аввалин ҳамкории мутақобила ба ҳисоб мервад. Ин гуфта, ду бора кӯшиш мекунад, ки имконӣ барои ҳузур доштан дар рафти экспертиза ба муфаттиш дода шавад, ки метавонад кӯмак кунад, агар ҳолатҳои нав дар ҷараёни экспертиза пайдо шаванд. Агар ягон маълумоти нав ё саволҳои иловагӣ ба миён оянд, муфаттиш метавонад фавран ба коршинос савол гузорад, ки манфиати он ба таъхир нарафтани ҷараёни тафтишот аст. Ин худ кӯмак мекунад, ки таъхири дастурот ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмию ҳуқуқии ҷорӣ кам шавад. Аз

тарафи дигар, ҳузури муфаттиш дар рафти экспертиза метавонад дар пешгирӣ кардани қонуншиканиҳои эҳтимолӣ ё хатогиҳои ба назар наомада кӯмак кунад. Муфаттиш қарор медиҳад, ки барои таҳқиқоти муқоисавӣ намунаҳо аз шахсони зинда гирифта шаванд. Гирифтани намунаҳо бо ширкати шахсони холис, дар ҳолатҳои зарурӣ, бо иштироки мутахассисон ба анҷом мерасад. Бар асоси талаботи моддаҳои 172 ва 183 Кодекси мазкур, протокол сохта мешавад.

Таъин намудани экспертизаи судӣ аз ҷониби муфаттиш бо баровардани қарори дахлдор барои гузаронидани экспертиза дар бар мегирад. Мувофики моддаи. Моддаи 208 - 209 - и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муфаттиш зарурати таъин кардани экспертизаи судиро муайян намуда, дар ин бора қарор қабул мекунад ва гумонбаршуда (айбдоршаванда), ҳимоятгарро бо қарор шинос карда ба онҳо ҳуқуқу уҳдадориҳо тибқи моддаи 210 - и Кодекси мурофиавии ҷиноятии фаҳмонда мешавад. Дар қарор дар бораи таъйини экспертиза, саволҳо, объектҳои экспертиза, усулҳои гирифтани намунаҳо, инчунин далелҳои муқарраршударо дар парванда, ки ба экспертиза иртибот доранд, нишон дода мешавад. Ҳамчунин, муассиса ё коршинос, ки гузаронидани экспертиза ба уҳдадор аст, муайян мегардад.

Одатан, қарор дар бораи таъини экспертиза ва маводи барои таҳияи он зарурӣ мутобиқи моддаи. Моддаи 208 - и Кодекси мурофиавии ҷиноятии ба роҳбари муссисаи экспертӣ фиристода мешавад. Агар дар ҳайати шахсӣ як коршинос дошта бошад, ки ин барои бисёре аз муассисаҳои экспертизаи давлатии судии ҷумҳурӣ хос аст, пас муфаттиш шахсан гузаронидани экспертизаро ба ин коршинос месупорад.

Ҳангоми тайёр кардани мавод барои ташхис барои муфаттишон ҳангоми гирифтани намунаҳо барои таҳқиқоти муқоисавӣ мушкилот ба миён меоянд. Ин ҳолат ба он оварда мерасонад, ки муфаттишон аксар вақт бидуни қабули қарорҳои дахлдор ба кормандони муассисаҳои экспертӣ дастур

медиҳанд, ки намунаҳо, масалан, намунаҳои хун, оби даҳон, изи даст ва ғайра гиранд. Ин амал хилофи талаботи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ буда, аз ин рӯ метавонад боиси ғайри қобили қабул эътироф шудани далелҳо гардад. Албатта, муфаттиш мувофики Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ ҳуқуқ дорад корманди муассисаи экспертиро барои кӯмак дар гирифтани намуна ҷалб кунад, аммо дар чунин ҳолатҳо корманди муассисаи экспертӣ онҳоро мустақилона не, балки дар асоси таъинот қабул мекунад.

Ҳангоми таъини экспертиза, интихоби дурусти намунаҳо барои тадқиқоти муқоисавии объектҳои зарур аҳамияти ҳалкунанда дорад. Гирифтани чунин намунаҳо амали мустақилонаи тафтишотӣ маҳсуб шуда, тибқи моддаи 215 КМҶ ҶТ гузаронида мешавад. Тамоми намунаҳое, ки ба экспертиза фиристонида мешаванд, бояд ба талаботҳои мурофиавӣ ва криминалистикӣ ҷавобгӯ бошанд.

Ҳамкории муфаттишон бо кормандони муассисаҳои экспертӣ - криминалистикӣ дар раванди таъин, истеҳсол ва арзёбии натиҷаҳои экспертизаи судӣ хеле муҳим аст. Ин ҳамкориҳо барои ноил шудан ба хулосаҳои дурусти илмӣ, ки асоси қарорҳои судиро ташкил медиҳанд, аҳаммияти зиёд доранд. Ва дуруст аст, ки самаранокии хулосаи экспертӣ ба дурустии интихоби объектҳо ва далелҳои тадқиқшаванда, инчунин раванди дуруст ва мукаммали таҳлили онҳо вобаста аст. Ин талаб мекунад, ки муфаттишон на танҳо бо коршиносон, балки бо экспертизаҳои махсус дар мавзуъҳои техникӣ ва илмӣ бо итминон ҳамкорӣ кунанд. Онҳо дар интихоби намунаҳо барои таҳқиқоти муқоисавӣ ва дар арзёбии натиҷаҳои экспертизаи судӣ, маслиҳатҳо ва кӯмакҳоро аз коршиносон талаб кунанд. Илова бар ин, бояд дар назар дошт, ки тарҳрезии дурусти мурофиа ва таъмини ахбори аниқ ва қонунӣ дар раванди арзёбии натиҷаҳои экспертиза дар пешгирии хатогии экспертӣ ва таъмини адолат дар суд муҳим аст. Муносибати нокифоя бодиққати муфаттишон ба фикру мулоҳизаҳои экспертҳо ба хатогоҳо ва мушкилотҳои тафтишӣ оварда мерасонад.

Ҷараёни гирифтани намунаҳо ба таври муфассал дар протокол ба қайд гирифта мешавад: чӣ гуна намунаҳои мушаххас гирифта шуданд; шароитҳое, ки дар онҳо ин ҷараён дошт; воситаҳои техникие, ки барои мусоидаткунӣ истифода шудаанд; мутахассисоне, ки дар гирифтани намунаҳо барои тадқиқоти муқоисавӣ иштирок карданд.

Хулосаи коршинос метавонад қатъӣ ва эҳтимолӣ (мусбӣ ва манфӣ) шаванд. Хулосаи қатъии коршинос сарчашмаи далелҳо ҳисоб мешавад, аммо маълумотҳои воқеии дар хулоса дарҷгардида далелҳо аз рӯйи парванда мебошанд. Хулосаҳои эҳтимолӣ сарчашмаи далелҳо ҳисоб намешаванд; он танҳо самти минбаъдаи тафтишро ба нақша мегирад. Хулосаи эҳтимолӣ нақши оперативӣ–тактикиро бозӣ мекунад ва табиатан наметавонад дар асоси ҳукм гузошта шавад.

Дар натиҷаи таҳқиқоти гузуронидашуда ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

Ҳамкории муфаттиш ва муассисаҳои экспертизаи давлатии судӣ дар тафтиши самараноки парвандаҳои ҷиноятӣ ва таъмини адолати судӣ нақши асосиро мебозад. Экспертизаи криминалистӣ тафтишотро бо донишҳои зарурии илмию техникӣ таъмин намуда, ба амиқтар дарк намудани ҳолатҳои парванда ва мустаҳкам намудани заминаи далелҳо мусоидат мекунад.

Қайд кардан зарур аст, ки ҳамкории бомуваффақият ба ташкили аниқи кор, фароҳам овардани шароит барои мубодилаи ахбор ва ташаккули муносибатҳои эътимодноки байни муфаттишон ва коршиносон вобаста аст. Инчунин зарур аст, ки тартиби доимии таълим барои ҳарду ҷониб ба назар гирифтани дастовардҳои муосири илм ва техника.

Ҳамин тариқ, ҳамкории самарабахши муфаттиш ва муассисаҳои экспертизаи давлатии судӣ ҷузъи ҷудонашавандаи амалияи татбиқи ҳуқуқ буда, дар ниҳояти кор ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, инчунин таҳкими эътимод ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дар маҷмӯъ системаи судӣ мусоидат мекунад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло пешниҳодкардан зарур аст, ки дар КМҶ ҶТ меъёри махсус оид ба ҳамкории муфаттиш бо муассисаҳои экспертизаи давлатии судӣ ворид карда шавад:

Моддаи 208[1]

Ҳамкории муфаттиш бо муассисаҳои экспертӣ - судӣ

1. ҳамкории муфаттишон ва муассисаҳои экспертизаи давлатии судӣ дар асоси зерин амалӣ карда мешавад:

– мубодилаи фаврии иттилоот;

–муҳокимаҳои муштарак оид ба баррасии экспертиза;

– гузаронидани маҷлису семинарҳо оид ба ҳалли масъалаҳои актуалӣ ва мубодилаи таҷриба.

2. Муфаттиш ҳуқуқ дорад ба муассисаҳои экспертизаи давлатии судӣ оид ба гузаронидани экспертизаи парвандаҳои мушаххас бо нишон додани мӯҳлати мушахас дархост ирсол намояд.

3. Ҳар як муассисаи экспертӣ - судӣ коршиноси масъулеро таъин мекунад, ки бо муфаттишон ҳамкорӣ кунад. Коршинос рафти экспертизаро ташкил мекунад, ба саволҳои муфаттишон ҷавоб медиҳад ва аз рафти кор ба онҳо хабар медиҳад.

4. Муҳлати гузаронидани санҷиш

– муассисаҳои экспертизаи давлатии судӣ вазифадоранд дархости муфаттишонро дар муҳлатҳои муайян, ки бояд дар дархост нишон дода шаванд, иҷро кунанд, вале набояд аз 30 рӯзи гирифтани он зиёд бошад.

– дар сурати зарурати тамдиди муҳлат, коршиносон вазифадоранд муфаттишро огоҳ намуда, сабабҳои дароз кардани муҳлатро асоснок намоянд.

5. Махфият ва ҳифзи додаҳо

– Тамоми маълумоти дар рафти экспертиза ба даст овардашуда бояд аз дастрасии беиҷозат ва истифодаи беиҷозат, тибқи қонунгузории амалкунанда

оид ба ҳифзи маълумоти шахсӣ ва маълумоти шоҳидон ва иштирокчиёни раванд ҳифз карда шаванд.

6. Баҳсҳо ва ихтилофҳо:

– дар сурати ба миён омадани баҳс ё ихтилофот байни муфаттиш ва муассисаи экспертизаи судӣ оид ба масъалаҳои гузаронидани экспертиза, тарафҳо вазифадоранд онҳоро дар рафти машваратҳои расмӣ ё бо роҳи мурочиат ба мақомоти болоӣ ҳал намоянд.

# БОБИ 3. ТАЪМИНОТИ ТЕХНИКӢ - КРИМИНАЛИСТИКИИ ФАЪОЛИЯТИ МУФАТТИШОНИ ПРОКУРАТУРА ДАР МАВРИДИ ГУЗАРОНИДАНИ АМАЛҲОИ ТАФТИШӢ

## 3.1. Қоидаҳои универсалии истифодаи восситаҳои техникӣ ва технологияи муосир дар мавриди гузаронидани амалҳои тафтишӣ аз ҷониби муфаттишони прокуратура

Қоидаҳои универсалии истифодаи восситаҳои техникӣ ва технологияи муосир дар мавриди гузаронидани амалҳои тафтишӣ аз ҷониби муфаттишони прокуратура яке аз масъалаҳои мубрами илми криминалдистика ба ҳисоб мераванд.

Қоидаҳои универсалии истифодаи воситаҳои техникӣ ва технологияи муосир дар мавриди гузаронидани амалҳои тафтишӣ аз ҷониби муфаттишони прокуратура, дар кишварҳои гуногун, бо мақсади беҳтар намудани самаранокии тафтишот ва таъмини иҷрои қонун дар равандҳои тафтишотӣ истифода мешаванд. Воситаҳои техникӣ ва технологияи муосир, ки дар амали тафтишотӣ истифода мешаванд, метавонанд ба сурати хеле васеъ ва гуногун шомил бошанд. Муфаттишон метавонанд барои ҷамъоварии маълумот ва тафтиши ҷиноят аз технологияи компютерӣ истифода кунанд. Масалан, истифодаи барномаҳои махсус барои таъмини конфиденциальности маълумот ва ҷараёни таҳқиқот. Таҳлил ва ҷамъоварии маълумот аз дастгоҳҳои электронӣ (смартфон, компютер, серверҳо ва ғайра) яке аз усулҳои аслӣ барои муайян кардани далелҳо ва шоҳидон мебошад.

Дуюм, қонунгузор умуман ба қоидаҳои истифодаи техника эътибор намедиҳад, гарчанде ки маҳз техникаҳои криминалистикӣ дар амалияи татбиқи ҳуқуқӣ аз ҷониби муфаттишони мақомоти тафтишотӣ ба хусус прокуратура ҷойи пешбарандаро (аз ҷиҳати миқдорӣ) ишғол мекунанд.

Сеюм, техникаҳои криминалистикии мавҷуда дар раванди тафтиши ҷиноят пурра нестанд. Техникаҳои криминалистикии мавҷуда дар раванди тафтиши ҷиноятҳо имрӯз ҳам дар ҳолати такмил ё таҳия қарор доранд.

Раванди рушди онҳо вобаста ба пешрафтҳои илмӣ ва технологӣ, ҳамчунин ба дастоварду таҳқиқоти нав дар соҳаи криминалистика мебошад. Дар бисёр мавридҳо, илова кардани техникаро ба тафтиши ҷиноят ва истифодаи васоили нав, ки шомили технологияҳои иттилоотӣ, системаи маълумотрасонӣ, таҳлили иттилоот ва дастгоҳҳои замонавии ошкорнамудани ҷиноят мебошанд, на танҳо барои муайян кардани ҷиноятккорон кӯмак мерасонад, балки барои таъмини дурустии тафтишот ва огоҳ намудани кормандони мақомоти қудратӣ низ муҳим мебошад.

Чорум, мураттабсозии вазифаҳо дар раванди тафтиши ҷиноят ба тавсия ва беҳтарсозии амали тафтишӣ кумак мерасонад. Муҳиммияти ин амали мураттабсозӣ дар он аст, ки он ба инкишофи ҷараёни тафтиши ҷиноят кӯмак мекунад, ки дар натиҷа бо истифодаи қоидаҳои муайян ва ба таври мукаммал техники криминалистикӣ дар раванди тафтишот ба таври муассир истифода мешавад. Мақсади мураттабсозии вазифаҳо дар ин ҷараён ба он бахшида мешавад, ки механизми низомнок ва ташкили амали тафтишӣ дар асоси принсипҳои муайян ва соҳаҳои ҳуқуқӣ пайгирӣ карда шавад. Вақте ки қоидаҳои асосӣ ва техникаи криминалистикӣ ба таври дуруст муқаррар мешаванд, онҳо имкон медиҳанд, ки технологияи истифодаи онҳо дар раванди тафтиши ҷиноят мутобиқ ва муассир бошанд. Ба ин восита, ҳар як қадам дар раванди тафтишот бо истифодаи техника ва усулҳои муосир ва дуруст амалӣ мешавад.

Инчунин, эҳтиёҷ ба такмил ва аниқ кардани қоидаҳои асосии татбиқшаванда барои ҳар як мавриди ҷиноят, хусусан дар ҳолатҳои мураккаб ва гуногун, кӯмак мерасонад, ки натиҷаҳои тафтиши ҷиноят дуруст ва ҳамоҳанг бо қонун ва принсипҳои ҳуқуқӣ бошад..

Қонуни мурофиавии ҷиноятии амалкунанда чунин муносибатро ба роҳи муайян кардани қоидаҳои истифодаи воситаҳои техникӣ нишон медиҳад. Масалан, дар қисми 6 модда. Моддаи 171-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда шудааст, ки дар раванди тафтиши

ҷиноят, истифодаи воситаҳои техникӣ ва усулҳои илман асосноки ошкоркунӣ, бақайдгирию сабт ва ёфта гирифтани изҳои ҷиноят ва далелҳои шайъӣ хеле муҳим мебошад. Ин воситаҳо ва усулҳо барои ҷамъоварӣ, таҳлил ва эътибори далелҳо ва изҳо кӯмак мерасонанд, ки барои муайян кардани ҷинояткорон ва тасдиқи ё рад кардани гумонҳо ё фарзҳои тафтишотӣ зарур мебошанд [2]. Кӯшиши қонунгузор дар шакли умумӣ пешниҳод намудани қоидаи асосист, ки ба андешаи мо, нуқсони ҷиддӣ дорад – он барои танзими минбаъдаи низоми тартиби истифодаи воситаҳои техникӣ ва технологияҳо криминалистикӣ асос нагардидаст. Дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ танҳо ба таври умумӣ иҷозати истифодаи техника оварда шудааст у халос. Аммо на дар бораи техника ва на дар бораи технологияи истифодаи воситаҳои техники криминалистӣ дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ оварда нашудааст. Хуб мешуд дар Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёри алоҳида оиди техника ва технологияи истифодаи воситаҳои техникӣ–криминалистикӣ ба таври зерин оварда мешуд:

Моддаи 171[1]

Истифодаи воситаҳои техникии аз тарафи муфаттишон дар рафти тафтиши ҷиноят.

1. Ҳангоми гузаронидани амали тафтишӣ муфаттиш ҳуқуқ дорад аз воситаҳои техникие, ки барои бозёфт, ҷамъоварӣ, ба қайд гирифтан ва таҳлили далелҳо пешбинӣ шудаанд, мутобиқи меъёрҳои қонунгузории амалкунанда истифода барад.

2. Истифодаи воситаҳои техникӣ бояд бо риоя намудани ҳуқуқ ва озодиҳои Конститутсия инсон ва шаҳрвандон, амалӣ гардад.

3. Истифодаи воситаҳои техникӣ, ба монанди сабти аудио ва видео, аксбардорӣ ва дигар таҷҳизотҳои техникӣ барои ба даст овардан ва нигоҳдории маълумот, танҳо дар ҳолатҳое татбиқ карда мешавад, ки қонунгузории соҳавӣ инро иҷозат дода бошанд.

4. Муфаттиш вазифадор аст бехатарии маълумоти бо истифода аз воситаҳои техникӣ бадастовардашударо таъмин намояд, инчунин онро аз дастрасӣ ва гум шудани маълумотҳо ҳифз намояд.

5. Раванди истифодаи воситаҳои техникӣ дар амалҳои тафтишӣ бояд дар протокол зикр карда шаванд.

6. Дар сурати аз тарафи муфаттиш вайрон кардани ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ҳангоми истифодаи воситаҳои техникӣ шаҳрвандон ҳуқуқ доранд аз амали муфаттиш ба мақомоти болоӣ ё ба суд шикоят намоянд.

7. Аз тарафи мақомотҳои амаликуандаи тафтишот бо санадҳои меъёри ҳуқуқӣ технологияи истифодаи воистаҳои техникӣ бояд муайян карда шаванд.

Набудани идомаи зарурӣ дар қоидаҳои танзими истифодаи воситаҳои техникӣ ва технологияҳо нофаҳмиҳои ҳуқуқиро дар мавриди имконияти истифодаи дастовардҳои техникӣ дар раванди тафтиши ҷиноят аз тарафи муфатттишон ба вуҷуд оварда, дар тафсири муқаррароти умумии қонунгузорӣ ба номуайянӣ оварда мерасонад ва мушкилоти арзёбии қобили қабул будани далелҳоро ба вуҷуд меорад.

Қайд кардан зарур аст, ки дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ истифодаи техникаҳои мушахаси криминалистикӣ аз тарафи муфаттиш ба истиснои суратгирӣ ва сабти видеою овоз пешбинӣ карда нашудааст. Аз ин ҷо бармеояд, ки истифодаи полиграф дар раванди тафтиши ҷиноят, ки аз ҷониби муфаттиш анҷом дода мешавад, метавонад шубҳаовар бошад, зеро истифодаи он дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ба таври мушаххас пешбинӣ нашудааст. Илова бар ин қонунгузор шакл ва технологияи истифодаи аксбардорӣ ва сабти видеою овозро пешбинӣ накардааст.

Дигар он ки дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ технологияи истифодабарии видеоконференсия и вобаста ба гузаронидани амалҳои тафтишӣ ба тариқи маҷозӣ оварда нашудааст, ки ин ҳам боиси камбудиҳо ва

ё норасогиҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ дар самти истифодаи технологияи муосир аз тарафи муфаттиш мегардад.

Дар робита ба ин, дар адабиёти ҳуқуқӣ баҳс дар бораи татбиқи видеоконференсия дар амали тафтишӣ ба вуҷуд омадааст, ки ба гуфтаи К. Плахота, танҳо пас аз ҷорӣ намудани меъёри махсус дар қонунгузорӣ мурофиавӣ ин масъала ҳалли худро меёбад [142, с. 104].

Нисбат ба истифодаи дигар воситаҳои техникӣ амали намудани воситаҳои техникии барои гузаронидани амалҳои тафтишӣ тариқи фосилавӣ дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ватанӣ ҳалли худро ёфтаанд. Масалан қисми 2 модаи 197 КМҶ ҶТ пешбинӣ мекунад, ки «Дар ҳолати берун аз ҷумҳурӣ будани шоҳид ё ҷабрдида пурсиш мумкин аст ба таври фосилавӣ бо истифодаи воситаҳои телекоммуникатсионӣ ва почтаи электронӣ бо тартиб додани протоколи пурсиш ба роҳ монда шуда, бо имзои рақамӣ тасдиқ карда шавад. Муфаттиш метавонад пурсиши фосилавиро бо иштироки шахсони холис гузаронад. Пурсиш бо риояи талаботи моддаҳои 199-203 Кодекси мазкур ва бе тартиб додани протоколи пурсиш анҷом дода мешавад» [2].

Вобаста ба мавқеи қонунгузорӣ ақидаи олими соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ И. Литвинро ҷонибдорӣ кардан мумкин аст, чунки дар баъзе ҳолатҳо мавҷуд набудани танзими қонунгузории истифодаи воситаҳои техникӣ - криминалистикӣ боиси истифода нашудани онҳо дар раванди тафтиши ҷиноят мегардад [126, с. 99].

Ҳангоми тафтиши як ҳодиса ё ҷиноят муҳим аст, ки технология ва воситаҳои техникӣ бояд мувофиқ ва дуруст истифода шаванд, то натиҷаҳои тафтишот дуруст ва қобили қабул бошанд. [81, с. 3-6], [97, с. 118], [105, с. 516-518]. Дар акси ҳол, қоидаҳои мушаххаси истифодаи воситаҳо ва технологияҳои техникӣ–криминалистикӣ ба ҳам ҷудо ва бисёрҷониба мешаванд, ки ба шарти ҳатмии танзими мурофиавии ҷиноятӣ - низомнокӣ мувофиқ нестанд [176, с. 6].

Зарурати танзими универсалии қонунгузории қоидаҳои истифодаи воситаҳои техникӣ ва технологияҳо дар амалҳои тафтишӣ ба як қатор омилҳои объективӣ вобаста аст. Ин омилҳо метавонанд аз ҷиҳати таъмини дурустии ва шаффофияти тафтишот, пешгирии иштибоҳот ва хатоҳои техникӣ, ва инчунин ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон ва ҷиҳати таъсири мусбати технологиҳо бар натиҷагирии амалҳои тафтишӣ бошанд.

Аз ҷумла, омилҳои объективие, ки зарурати танзимро ба вуҷуд меоранд, метавонанд шомил бошанд:

1. Воситаҳои техникӣ ва технологияҳои нави илмӣ бо суръат рушд мекунанд, ки барои мувофиқ кардани онҳоро бо талаботҳои қонун ва ҳуқуқи инсон зарур аст. Танзими дуруст ва универсалии қоидаҳои истифодаи онҳо барои пешгирии истифодаи нодуруст дар равандҳои тафтишот муҳим аст.

2. Танзимот бояд бо муҳити ҳуқуқӣ ва сиёсӣ мутобиқ бошад, то ки истифодаи техника ва технологияҳо дар амалҳои тафтишӣ мувофиқ бо принсипҳои ҳуқуқи инсон ва қонунҳои миллӣ ва байналмилалӣ бошад.

3. Технологияҳои муосир метавонанд кори тафтишотро самараноктар кунанд, аммо бояд якҷо бо тафтишоти мустақил ва шаффоф амал кунанд, то ки аз хатоҳои эҳтимолӣ ва муноқишаҳо пешгирӣ шавад.

Дар баробари қоидаҳои универсалӣ қоидаҳои қонунгузорӣ низ яке аз масоили асосӣ ба ҳисоб меравад. Ба ақидаи мо ин қоидаҳоро ба ду самт тақсим кардан мумкин аст:

1. **Сатҳи умумии** қоидаҳои қонунгузорӣ бояд як рамзи ахлоқӣ ва принципҳои асосии истифодаи воситаҳои техникӣ ва технологияҳоро дар амалҳои тафтишӣ муайян намоянд. Ин сатҳ бояд мувофиқ бо ҳуқуқи инсон, шароити амниятӣ ва принсипҳои демократӣ бошад. Вобаста ба ин, қоидаҳои умумӣ метавонанд баъзе вазифаҳои асосиро ба миён оранд, аз ҷумла:таъмини шаффофият ва адолат дар истифодаи технологияҳо; ҳифзи маълумоти шахсӣ ва конфиденциалӣ; пешгирии истисмор ё истифодаи технологиҳо барои

таъсир ба натиҷаҳои тафтишот; муайян кардани рамзҳои ахлоқии мутахассисон ва муфаттишон дар истифодаи воситаҳои техникӣ.

**2. Сатҳи махсуси** танзими қоидаҳо бояд ба таври дақиқ ва муфассал тартиб дода шаванд, то ки истифодаи воситаҳои техникӣ ва технологияҳои рақамӣ дар амалҳои тафтишӣ бо эҳтиёт ва дурустӣ сурат гирад, (масалан, дастгоҳҳои сабт, таҷҳизоти санҷишӣ); қоидаҳои муайян оид ба баррасии, таҷзияи ва нигоҳдории маълумот дар сурати истифодаи технологияҳои рақамӣ (масалан, таъмини амният ва муҳофизат аз хатарҳои кибер); раванди тавсияҳо ва ҷорӣ кардани технологияҳои нав дар амалҳои тафтишӣ, ки ба стандартизатсия ва қонунҳои байналмилалӣ мувофиқ бошад.

Ҳадаф аз ин ду самт дар қоидаҳои қонунгузорӣ ин аст, ки амалҳои тафтишӣ дар сатҳи дуруст ва шаффоф бо истифодаи технологиҳои муосир иҷро шаванд ва ҳамзамон ҳуқуқи инсон ва муқаррароти қонунӣ риоя шаванд.

Ташаккул ва истифодаи қоидаҳои универсалии техникии воситаҳо ва технологияҳо дар системаи мурофиаи ҷиноятӣ дар шакли принсипҳои мурофиавӣ ва қоидаҳои тафтишотӣ, бо мақсади ҳимояи ҳуқуқи иштирокчиён ва таъмини манфиатҳои қонунии онҳо, хеле муҳим аст. Ба ҳамин тартиб, принсипи мақсаднок дар мурофиаи ҷиноятӣ, ки аввалан дар муайян кардани тартиби истифодаи воситаҳои техникӣ ва технологияҳо муайян карда мешавад, бояд ҳамеша бо риояи ҳуқуқ ва манфиатҳои иштирокчиён анҷом ёбад.

Инчунин, принсипи оқилона будани вақт таъкид мекунад, ки тартиби истифодаи воситаҳои техникӣ бояд ҳамоҳанг бо сарфаю сариштакории мурофиа, суръат, соддагӣ ва беҳтар намудани раванди мурофиа бошад. Воситаҳои муосир ва технологияҳои техникӣ метавонанд кори тафтишотро суръат бахшанд, ки ба зудӣ ва муассир анҷом ёбад, ки дар натиҷа, ҳарчи бештар ҳуқуқи ба ҳифз кардани адолат ва манфиатҳои қонунии иштирокчиён таъмин хоҳад шуд. Масалан, истифодаи технологияи муосир барои мониторинг, сабт ва таҳлил кардани далелҳо метавонад ба тафтишот ва

мурофиаи ҷиноятӣ кӯмак расонад ва кӯшиш мекунад, ки тамоми равандҳо шаффоф, огоҳкунанда ва мувофиқи қонун бошанд [115, с. 67-70].

Аҳаммияти принсипи қонуният дар истифодаи воситаҳои техникӣ ва технологияҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ, ки ба риояи қонун ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд нигаронида шудааст, хеле бузург аст. Ин принсип таъминкунандаи асоси ҳуқуқии истифодаи ҳар гуна воситаҳо ва технологияҳо мебошад ва ба нақши онҳо дар мурофиа ҷиноятӣ, ки бояд ба ҳамаи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ мувофиқат кунад, такя мекунад.

Тафтишот ва истифодаи эҳтироми шаъну эътибори шахс бояд бо эътибори махфияти маълумотҳо, эҳтиёт дар амалияи мукотиба ва муносибат бо иртиботот (телефон, почта, телеграф ва ғайра) анҷом дода шавад, то ки шаффофият ва одилона будани мурофиа таъмин карда шавад.

Инчунин, принсипи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар равандҳои мурофиа ҷиноятӣ, махсусан дар ҳолатҳои маҳдудкунанда, ҳатман бояд ба назар гирифта шавад. Воситаҳои техникӣ ва технологияҳо, ки дар мурофиа истифода мешаванд, бояд бо эҳтиёт ва зери назорат қарор гиранд, то ҳеҷ гуна амали мавриди шубҳа ё нақзи ҳуқуқ нарасад. Махфият ва хосияти маълумотҳо, ки дар раванди тафтишот ва мурофиа истифода мешаванд, дар ҳадди ақал ва бениҳоят мустаҳкам бояд ҳифз шаванд.

Қоидаҳои дахлдор дар ин замина бояд дақиқ ва равшан муқаррар шаванд, ки ҷалби технологӣ ва техникаҳо дар мурофиа на танҳо кӯмак ба тарафи манфиатҷӯ, балки нигоҳ доштани шаффофият, адолат ва эътибори равандҳо мебошад [101, с. 223-224].

Бо таваҷҷӯҳ ба принсипҳои асосӣ, ки як қатор қоидаҳои умумии истифодаи воситаҳои техникӣ-криминалистикӣ бояд, ки ба низоми принсипҳо ворид карда шаванд:

1. Дар қонунгузорӣ бояд хусусиятҳои асосии воситаҳои техникӣ - криминалистикӣ, ки истифодаи онҳо дар раванди тафтиши амалҳои тафтишӣ имконпазир аст, муайян карда шаванд;

2. Шартҳои истифодаи воситаҳои техникӣ - криминалистикӣ, хусусан рақамӣ, бояд дақиқ таъриф шаванд;

3. Аҳаммияти мурофиавии истифодаи воситаҳои техникӣ - криминалистикӣ дар вақти амалҳои тафтишӣ ва аҳаммияти ҳуқуқии натиҷаҳои ба дастомада аз онҳо бояд таъкид карда шаванд;

4. Ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои иштирокчиёни амали тафтишӣ дар ҳолатҳои истифодаи воситаҳои техникӣ-криминалистикӣ бояд кафолат дода шавад.

Ҳар як аз қоидаҳои номбаршуда дорои мазмун ва аҳаммияти махсуси худ мебошад. [75, с. 135-142], [112, с. 109-124].

Номгӯи воситаҳои техникӣ - криминалистикӣ, ки дар қисми 3 моддаи 187 - и Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ оварда нашудаанд, ки ин бештар мушкилотро ба бор меорад.

Мавзуъи истифодаи воситаҳои техникӣ - криминалистикӣ, бахусус компютерҳои насли нав, ки метавонад дар оянда барои тафтиши ҷиноятҳо ва ё фарқ кардани иттилоот истифода шавад, масъалаи муҳим ва дар талабот мебошад. Бо назардошти ин, истифодаи чунин воситаҳо дар ҳолате, ки иҷозати қонунгузор дода нашудааст, метавонад боиси мушкилоти ҳуқуқӣ ва эҷод кардани шубҳа дар бораи нигоҳдории ҳуқуқи инсон ва раванди адолати судӣ гардад. Муҳим аст, ки ҳар гуна истифодаи чунин технологиҳои нав ба шеваи қонунӣ, бо назорат ва дар мувофиқа бо қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ сурат гирад. Ин метавонад барои пешгирӣ кардани рисолатҳои эҳтимолии зидди ҳуқуқи инсон ва ғайриқонунӣ қарор гирифтани амалҳо мусоидат кунад.

Истифодаи технологияҳои рақамӣ, махсусан дар самтҳои тафтиши ҷиноят, метавонад боиси такмил ё ҳатто тағйироти фундаменталии муқаррароти қонуни мурофиавии ҷиноятӣ гардад. Масалан, дар ҳоле ки технологияҳои рақамӣ метавонанд имкониятҳои нав барои гирифтани далелҳои электронӣ ва таҳлили маълумот пешниҳод кунанд, ҳамзамон, онҳо бо хатарҳое, чун муҳофизати ҳуқуқи шахс, ҳифзи маълумоти махфӣ ва

пешгирии истифодаи ғайриқонунӣ, ки метавонад боиси халалдоршавии адолати иҷтимои гардад, пайванд мебошанд.

Аз ин рӯ, қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ бояд як меъёр дошта бошад, ки технологияҳои навро дар бар гирад ва барои ҳифзи ҳуқуқҳои инсон, шахсият, аниқ ва равшан муайян кунад. Қонуни мурофиавии ҷиноятӣ бояд кӯшиш кунад, ки ҳар гуна истифодаи воситаҳои техникӣ, хусусан технологияҳои рақамӣ, ба иҷозат ва таъйини махсуси мақомоти судӣ ё муфаттишон мутобиқ бошад. Қонун бояд ба муҳофизат аз маълумотҳои шахсӣ ва эҳтимоли истифодаи нодуруст аз маълумоти электронӣ диққат диҳад. Ҳар гуна дастрасӣ ба дастгоҳҳои рақамӣ ё истифодаи технологияҳои нав бояд аз ҷониби суд ё мақомоти тафтишӣ тасдиқ шавад, то ки қонуншиканӣ ё хато дар далелҳои ҷамъоваришударо пешгирӣ намояд. Қонунгузорӣ бояд меъёрҳои равшан ва аниқи ҳуқуқӣ дар бораи истифодаи воситаҳои техникӣ ва технологияҳоро пешбинӣ кунад, ки аз як тараф инъикоси эҳтиёҷоти рушди технологии ҷомеа ва аз тарафи дигар ҳифзи ҳуқуқи инсон ва адолатро таъмин мекунад.

Ҳангоми гузаронидани амалҳои тафтишӣ, як қатор шартҳои муҳим бояд риоя шаванд, ки дар аввал ба бехатарии амали тафтишӣ ва иштирокчиён дахл доранд. Ҳамаи воситаҳои техникӣ ва криминалистикӣ, ки дар ин раванд истифода мешаванд, бояд бо талабот ва стандартҳои бехатарӣ мувофиқат кунанд. Истифодаи ин дастовардҳои технологӣ бояд бо принсипҳои ахлоқӣ мувофиқ бошад ва наметавонад боиси вайрон кардани ҳуқуқи шахсии одамон ё дахолатҳои ғайриқонунӣ ба ҳаёти онҳо гардад

Талаботи охирон дар он аст, ки бо зарурати муҳокима дар адабиёти муосири, ки ба асоснокии илмии истифодаи воситаҳои техникӣ ва криминалистикӣ дар амалҳои тафтишотӣ марбут аст, алоқаманд бояд бошад. Ҳарчанд ин талаб дар қонун ба таври мустақим муқаррар нашудааст, вале дар асл, он тавассути қоидаҳои марбут ба баҳодиҳии далелҳо амалӣ ва иҷро мешавад.

Бо дар назардошти гуфтаҳои боло ақидаи И.И. Титвинро ҷонибдорӣ кардан мумкин аст, муаллиф иборози ақида карда зикр мекунад, ки як рғйхати воситаҳои технкикие, ки дар равандаи тафтиши ҷиноят аз тарафи муфаттишон истифода бурда мешавад. дар шакли санади меъёрӣ - ҳуқуқӣ бояд муқарар карда шаванд [126, с. 86]. Масалан зарур аст, ки дар мақомоти прокуратура аз ҷониби прокурори генерали рӯйхати воситаҳои технкики ва техналогияи истифодаи онҳо муайян карда шаванд. Масалан номгӯи воситаҳои техникаи махсуси техникие, ки барои ғайриошкоро ба даст овардани иттилоот дар чараёни амалинамудани ФОҶ таъин гардидаанд, бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 7.10.2011 тасдиқ шудаан.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло пешниҳод карда мешавад, ки ба Моддаи 171[1] пешниҳодшуда эзоҳ бо мазмуни зерин оварда шавад:

Воситаҳои техникӣ - криминалистикие, ки дар рафти гузаронидани амалҳои тафтиши истифода бурда мешаванд:

•воситаҳои техникӣ - криминалистикӣ ошкор намудани осори ҷиноят ва далелҳои шайъӣ;

•воситаҳои техникӣ - криминалистикӣ бақайдгири осори ҷиноят, ҷараён ва натиҷаҳои амали мурофиавӣ;

•воситаҳои техникӣ - криминалистикӣ ҷамъоварии осори ҷиноят ва далелҳои шайъӣ;

•воситаҳои техникӣ - криминалистикӣ таҳқиқи объектҳои экспертизаи судӣ;

•воситаҳои техникӣ - криминалистикӣ - кофтуковӣ ва ҷӯстуҷуӣ;

•воситаҳои техникӣ - криминалистикӣ амниятӣ;

•воситаҳои техникӣ – криминалистикӣ - профилакликаи ҷинояткорӣ;

•воситаҳои техникӣ – криминалистикӣ - экспертизаи судӣ.

•воситаҳои техникӣ - криминалистикӣ равшанидиҳанда;

•воситаҳои техникӣ - криминалистикӣ оптикӣ ва филтрҳои рӯшноӣ.

Барои ба даст овардани натиҷаҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи истифодаи воситаҳои техникӣ - криминалистикӣ бояд, ки ба ҳадафи амали тафтишӣ мувофиқ бошад. Бо ишора ба ин ҳолат, бояд, ки воситаҳои техникӣ - криминалистикии сертификатсияшударо дар раванди пешбурди амалҳои тафтишӣ истифода бурд [90, с. 138].

Барои ба даст овардани натиҷаҳои дуруст ва боэътимод дар рафти амалҳои тафтишотӣ, танҳо воситаҳои техникӣ ва криминалистикӣ истифода мешаванд, ки бо ҳамаи талаботи зикршуда мувофиқат мекунанд.

Бо дарназардошти ин пешниҳод карда мешавад, ки қисми 3 моддаи 183 КМҶ ҶТ дар таҳрири зерин пешбинӣ карда шавад: «Дар мавридҳои зарурӣ, ҳангоми таҳқиқи ҷойи ҳодиса, амалҳо ба монанди андозагирӣ, аксбардорӣ, сабти овоз, наворгирӣ, нақшакашӣ ва тарҳрезӣ анҷом дода мешаванд. Қолаб ва нусхаи изҳо бардошта мешаванд ва агар имконпазир бошад, изи воқеӣ бо асбобу анҷом ё як қисми он бо истифода аз воситаҳо ва усулҳои техникии сертификатсияшуда гирифта мешавад».

Аз ин рӯ, талаботи сабт кардани воситаҳои техникӣ дар протокол, ки дар ҷараёни тафтиш истифода мешаванд, бо дақиқӣ иҷро мегардад, вале ин наметавонад имкон диҳад, ки натиҷаҳои бадастомадаро пурра ва ҳамаҷониба арзёбӣ кунем. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки дар бисёр ҳолатҳо маълумот дар бораи воситаҳои техникӣ ва криминалистикӣ, ки истифода мешаванд, танҳо ба таври умумӣ сабт мегардад. Масалан, таҷҳизоти аксбародорӣ ва банаворгирӣ, ки дар ҷараёни амали тафтишӣ истифода мешавад, дар протокол оид ба истифодаи он ва хусусиятҳои татбиқи он тавассути муфаттиш нишон дода намешавад.

Агар протокол, воситаҳои ҷамъоварии далелҳо нишон дода бошад, вале технологияи истифодаи он дақиқ муайян нашавад, натиҷаҳои бадастомада ва хусусиятҳои онҳо берун аз доираи мурофиавӣ боқӣ мемонанд.

Ин равиш ба мо имкон медиҳад, ки моҳияти истифодаи воситаҳои техникӣ–криминалистикиро то андозае дақиқтар фаҳмем. Чунон ки И.И.

Литвин, қайд менамояд, истифодаи воситаҳои техникӣ - криминалистикӣ бояд, пурра дар протоколи амали тафтиши дарҷ карда шаванд [126, с. 83].

Аз ин бар меояд, ки дар низоми қонунгузории соҳави ва санадҳои зерқонуни дар баробари зикр намудани номгуи воситаҳои техникии криминалистикӣ бояд, технологияи истифодаи он низ дарҷ карда шавад.

Масоили истифода намудани техника ва технологияи криминалистикӣ дар раванди тафтиши ҷиноят яке аз мушкилотҳои муҳимми ими криминалистика мебошад. Дар ан асно хулосаҳои зерин баровардан мумкин аст:

1. Ташаккули коидаҳои универсалии вобаста ба принсипҳои таъмини шаффофият ва дақиқии фаъолияти тафтишотӣ аст, ки дар он истифодаи воситаҳои техники ва технологӣ барои таъмин кардани натиҷаҳои объективӣ ва коркарди самараноки тафтиши ҷиноят нақши муҳим мебозад.

Воситаҳои техникӣ, аз ҷумла технологияи замонавӣ, метавонанд дар муайян кардани дурустии далелҳо, истифодаи таҷҳизотҳо дар раванди тафтишот ва ҳамчунин дар ҷараёни таҳқиқоти амалҳои тафтишӣ кӯмак расонанд.

Тафтишоти ҷиноятӣ дар асоси як қатор принсипҳо ва қоидаҳои муайян ба амал баровarda мешавад. Ҳадафи асосии ин принсипҳо - таъмини адолат ва ҳуқуқи инсон мебошад. Дар ин ҷода, истифодаи воситаҳои техникӣ ва технологӣ ба шаклгирии ва татбиқи қоидаҳои мурофиаи ҷиноятӣ кумак мекунад.

Принсипи адолат ва баробарии тарафҳо: Ин принсип ҳидоят мекунад, ки ҳар як шахс дар мурофиа баробарии ҳуқуқӣ ва имконият барои ҳимоя кардани худ дошта бошад. Воситаҳои техникӣ ва технологӣ, ба монанди тасвиргирӣ, сабт кардани гуфтугӯҳо ва таҳқиқоти генетикӣ, метавонанд барои таъмини дурустии тафтишот ва мурофиа кӯмак расонанд.

2. Дар кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёри алоҳида оиди техника ва технологияи истифодаи воситаҳои техникӣ - криминалистика ба таври зерин оварда шавад:

Моддаи 171[1]

Истифодаи воситаҳои техникии аз тарафи муфаттишон дар рафти тафтиши ҷиноят

1. Ҳангоми гузаронидани амали тафтишӣ муфаттиш ҳуқуқ дорад аз воситаҳои техникие, ки барои бозёфт, ҷамъоварӣ, ба қайд гирифтан ва таҳлили далелҳо пешбинӣ шудаанд, мутобиқи меъёрҳои қонунгузории амалкунанда истифода барад.

2. Истифодаи воситаҳои техникӣ бояд бо риоя намудани ҳуқуқ ва озодиҳои Конститутсия инсон ва шаҳрвандон, амалӣ гардад.

3. Истифодаи воситаҳои техникӣ, ба монанди сабти аудио ва видео, аксбардорӣ ва дигар таҷҳизотҳои техникӣ барои ба даст овардан ва нигоҳдории маълумот, танҳо дар ҳолатҳое татбиқ карда мешавад, ки қонунгузории соҳавӣ инро иҷозат дода бошанд.

4. Муфаттиш вазифадор аст бехатарии маълумоти бо истифода аз воситаҳои техникӣ бадастовардашударо таъмин намояд, инчунин онро аз дастрасӣ ва гум шудани маълумотҳо ҳифз намояд.

5. Раванди истифодаи воситаҳои техникӣ дар амалҳои тафтишӣ бояд дар протокол зикр карда шаванд.

6. Дар сурати аз тарафи муфаттиш вайрон кардани ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ҳангоми истифодаи воситаҳои техникӣ шаҳрвандон ҳуқуқ доранд аз амали муфаттиш ба мақомоти болоӣ ё ба суд шикоят намоянд.

7. Технологияи истифодабарии воситаҳои техникӣ бояд дар сандадҳои мақомотҳои пешбарандаи фаолияти тафтишӣ равшан баён карда шаванд.

Эзоҳ:

Воситаҳои техникӣ - криминалистикие, ки дар рафти гузаронидани амалҳои тафтишӣ истифода бурда мешаванд:

•воситаҳои техникӣ - криминалистикии ошкор намудани осори ҷиноят ва далелҳои шайъӣ;

•воситаҳои техникӣ - криминалистикӣ бақайдгири осори ҷиноят, ҷараён ва натиҷаҳои амали мурофиавӣ;

•воситаҳои техникӣ - криминалистикӣ ҷамъоварии осори ҷиноят ва далелҳои шайъӣ;

•воситаҳои техникӣ - криминалистикӣ таҳқиқи объектҳои экспертизаи судӣ;

•воситаҳои техникӣ - криминалистикӣ - кофтуковӣ ва ҷустуҷӯӣ;

•воситаҳои техникӣ - криминалистикӣ амниятӣ;

•воситаҳои техникӣ - криминалистикӣ– пешгирии ҷиноятҳо;

•воситаҳои техникӣ - криминалистикӣ, ки дар амалҳои мурофиавӣ истифода мешаванд;

•воситаҳои техникӣ - криминалистикӣ воситаҳои омӯзиши объектҳои экспертизаи судӣ;

•воситаҳои техникӣ - криминалистикӣ воситаҳо барои ҳалли дигар масъалаҳои экспертизаи судӣ.

•воситаҳои техникӣ - криминалистикӣ равшанидиҳанда;

•воситаҳои техникӣ - криминалистикӣ оптикӣ ва филтрҳои рӯшноӣ.

4. Пешниҳод карда мешавад, ки қисми 3 моддаи 183 КМҶ ҶТ дар таҳрири зерин пешбини карда шавад:

«Дар мавридҳои зарурӣ, ҳангоми таҳқиқи ҷойи ҳодиса, амалҳо ба монанди андозагирӣ, аксбардорӣ, сабти овоз, наворгирӣ, нақшакашӣ ва тарҳрезӣ анҷом дода мешаванд. Қолаб ва нусхаи изҳо бардошта мешаванд ва агар имконпазир бошад, изи воқеӣ бо асбобу анҷом ё як қисми он бо истифода аз воситаҳо ва усулҳои техникии сертификатсияшуда гирифта мешавад».

## 3.2. Воситаҳои техникӣ - криминалистикӣ ва технологияи фосилавӣ гузаронидани амалҳои тафтишӣ

Технологияҳое, ки робитаҳои фосилавиро дар раванди истеҳсолот ва амалҳои тафтишӣ муайян мекунад бо воситаҳои техникӣ, ки ба телефонҳо, планшетҳо марбутанд, робита дорад. Яъне дар амалияи тафтишӣ телефонҳои мобилӣ ва планшетҳо яке аз воситаҳои амаликунанди соддаи робитаҳои фосилави дар раванди амалҳои тафтиши мегардад [81].

Рушди технологияи рақами барои робитаи фосилавӣ авалин маротиба солҳои 60-70 асри гузашта пайдо шуда буд, аммо бо дарназардошти арзиши зиёди иқтисоди доштан татбиқи онҳо дар он замон ба амал бароварда намешуд [61, с. 387-389]. Вобаста ба пешрафти илму техника ва дастрасии умум ба воситаҳои телекомуникатсионӣ пас аз солҳои 1990 истифодаи воситаҳи робитаи фосилави бе маҳдуд шуд.

Раванди таҳияи технологияҳои алоқаи фосилавӣ бо пешрафти технологияи алоқаи мустақил робита дорад. Дар соҳаи муошират, истилоҳи «телепрезентатсия» бештар ва бештар истифода мешавад, ки он сатҳи баландтари муоширатро нишон медиҳад ва ҳамаи ҷузъиёти мимика ва ишораҳои одамонро, ки дар ин раванд баён мешаванд, дар бар мегирад.

Дар ин раванд сухан дар бораи як инкишофи технологӣ меравад, ки интиқоли дуҷонибаи тасвир ва садоро инъикос менамояд. Ин раванди муошират бо ибораҳои видеотелефония, видеоконференсия , конференсия, маъруфанд. Рушди таърихии технологияҳои телекоммуникатсионӣ ва гуногунии мафҳумҳо мушкилоти фаҳмиши технологияи алоқаи фосилавиро дар соҳаи ҳуқуқ ба вуҷуд оварда, муайян мекунад, ки дар он таърифҳо бояд возеҳ ва дақиқ бошанд ва мафҳумҳои истифодашаванда бояд ягона бошанд.

Дар адабиётҳои соҳавӣ зикр карда шудааст, ки алоқаи фосилавӣ бо роҳи барномаи «web conferencing» нисбат барномаи «videoconferencing» дучанд зиёд истифода мешавад [76, с. 25]. Дар забони муошират истифодаи

технологияи рақами барои алоқаи фосилавӣ бо номи видеоконфронс маъмул гаштааст.

Рушди воситаҳои техникӣ ва технологияи алоқаи фосилавӣ, имконият медиҳад, ки меъёрҳои мурофиавӣ ва имкониятҳои истифодаи онҳоро такмил дода методологияи истифодаи оноҳоро дар илми криминалистика коркард карда шавад. Масалан, таҷҳизоти аудио-видеоқабулкунӣ метавонад дар ҳавопаймоҳои бесарнишин (дрон), дар муҳити заминӣ, рӯизаминӣ ва зериобӣ насб карда шавад, ки вазифаи робитаи фосилавиро иҷро мекунанд. Ҳамчун намуна, ин техника метавонад барои ҷустуҷӯи осори ҷиноят, предметҳои моддии ҷиноят ва тафтишу таҳқиқи онҳо дар минтақаҳои душворгузар, ба мисоли кӯҳҳо, дар водиҳо ва дигар минтақаҳои душворгузар истифода шавад. Дар айни замон, иштирокчиёни чунин таҳқиқот, ки бо якдигар дар масофаи дур ҷойгиранд, метавонанд ҳамкории устувори мурофиавиро бо мутахассисони идоракунанда ва дастгоҳҳои алоқаи фосилавии самаранок нигоҳ доранд.

Ин ва дигар роҳҳои эҳтимолии истифодаи технологияи рақамии робитаи фосилавӣ барои таҳияи расмиёти тафтишот муҳим ва муфиданд.

Бо дарназаордошти гуфтаҳои боло бояд тазакур дод, ки истифодаи технологияи фосилавӣ махсусан раванди пурсиши фосилавӣ бояд ба расмиёти мурофиавӣ даровaрда шавад. Яке аз роҳҳои ба расмиёт даровардани амали тафтишӣ тартиб додани протоколи амали тафтиши маҳсуб мебошад.

Масалан:

П Р О Т О К О Л И

пурсиши фосилавии ҷабрдида

25 апрели соли 2023 шаҳри Душанбе

Пурсиш оғоз шуд: соати $08^{30}$ дақиқа

Пурсиш анҷом ёфт: соати $10^{00}$ дақиқа

Муфаттиш _______ дар бинои ___________________, дар ҳуҷраи кории №100 бо риояи талаботи моддаҳои 56, 171, 172, 197 қисми 2, 199, 200 ва 201 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар тафтиши парвандаи ҷиноятии №00001 нисбати Ҷалилов А.А. ва дигарон бо моддаҳои 316 қисми 3 банди «в» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳузури шахсони холис:

1. А.Ҷ.О., санаи таваллудаш 8 январи соли 1998, сокини шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Фирдавсӣ, бинои 38, ҳуҷраи 20;

2. А.О.Н., санаи таваллудаш 7 феврали соли 1985, сокини шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Фирдавсӣ, хонаи 10, ба воситаи шабакаи иҷтимоии интернетии «WhatsApp»-и воситаи техникии компютери тамғаи «MacBook Pro» аз рақами телефони мобилии 000-00-00-00 ба рақами телефонии мобилии +00-00-00-00, ки ба ҷабрдида А.А.А. тааллуқ дошта ва номбурда дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия қарор дорад, ба пурсиши фосилавӣ оғоз намудам.

Ҳуқуқу уҳдадориҳои шахсони холис, ки дар моддаҳои 60 ва 181 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, пурра фаҳмонда дода шуд.

Инчунин, ба шахсони холис фаҳмонида шуд, ки дар сурати саркашӣ кардан аз ҳозир шудан ё аз иҷрои вазифаҳои худ тибқи моддаи 352 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

______________________ ____________________

Ба иштирокчиён эълон карда шуд, ки дар рафти гузаронидани амали тафтишии пурсиши фосилавӣ воситаи техникии компютерӣ тамғаи «MacBook Pro» истифода бурда мешавад.

А.А.А. изҳор дошт, ки доир ба татбиқи сабти овоз ва видео розӣ мебошад ва ягон дархост надорад.

Ҳамчунин А. А.А. барои дидаю дониста нишондоди бардуруғ додан, саркашӣ аз ҳозир шудан ё нахостани додани нишондод, бо моддаҳои 351 ва 352 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон огоҳонида шуд.

Маълумотҳо оид ба шахсияти ҷабрдида А.А.А......

Пеш аз оғози пурсиш ба ҷабрдида ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шоҳид (ҷабрдида), ки дар моддаҳои 42 ва 56 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, фаҳмонида дода шуд.

Инчунин, ба ҷабрдида А.А.А. фаҳмонда дода шуд, ки тибқи талаботи моддаи 12 қисми 5 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадор нест ба муқобили худ ё хешовандон наздик (падару модар, фарзандон, фарзандхондагон, фарзандхондашудагон, бародарон ва хоҳарон, бобо, бибӣ (модаркалон), набера, ҳамсар), нишондод диҳад.

Ҳамчунин мутобиқи моддаи 18 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо забони модарӣ ё забони дигаре, ки медонам, нишондод диҳам низ фаҳмонда дода шуд.

Ҷабрдида А.А.А. изҳор намуд, ки ба хизмати тарҷумон муҳтоҷ нест ва нишондодашро бо забони тоҷикӣ медиҳад.

А.А.А. тибқи талаботи моддаҳои 351–352 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дидаву дониста нишондоди бардуруғ додан, саркашӣ кардан аз ҳозир шудан ва нахостани додани нишондод огоҳонида шуд.

Ба ҷабрдида А.А.А. тибқи талаботи моддаи 201 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар дода шуд, ки пурсиши ӯ бинобар сабаби берун аз ҷумҳурӣ буданаш дар асоси талаботи моддаи 197 қисми 2 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври фосилавӣ бо истифодаи воситаҳои телекоммуникатсионӣ бо тартиб додани протоколи пурсиш ба роҳ монда шуда, бо истифода аз техникаи компютери тамғаи «MacBook Pro» ба навори видеоӣ гирифта мешавад ва дар ин хусус қарор қабул карда шудааст.

Ҷабрдида А.А.А. иброз кард, ки барои сабти видеоии пурсиши фосилавӣ зид нест.

Моҳиятан вобаста ба ҳолатҳои кор қайд намуд, ки_______________

____________________________________________________________________

_______________________________________________________

А.А.А. изҳор дошт, ки дигар илова надорад ва ҳамаи нишондодҳои додааш дуруст мебошанд.

Муҳлати пурсиши фосилавӣ бо А.А.А. 22 дақиқаву 30 сонияро ташкил медиҳад.

Ба протоколи мазкур фиттаи сабти протоколи пурсиши фосилавии ҷабрдида А. А.А. ҳамроҳ карда шуд.

Протоколи мазкур тартиб дода шуда, он ба иштирокчиён ва шахсони холис бо овози баланд хонда дода шуд. Аз ҷониби иштирокчиён арзу дархост ва иловаҳо ворид нагардид [193].

Шахсони холис:

1.________________________ ________________________

2.______________________ _________________________

Иштирокчиён: _________________________

Протоколро тартиб дод:

М у ф а т т и ш

Дар амалияи истифодаи робитаиҳои фосилавӣ дар раванди амалҳои тафтишӣ ба воситаи веб-конференсия ва видеоконференсия сурат мегирад. Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ва техникӣ атрофи алоқамандии ин ду раванди робитаи фосилавӣ фикру ақидаҳи зиёд мавҷуд мебошад. Бисёре за олимон байни ин ду технология фарқиятро намебинанд. Аслан фарқияти ин ду васоит вобаста ба техникаи истифодабарии онҳо мебошад [88, с. 541].

Технологияҳои веб-конфронс як робитаи фосилавие мебошад, ки дар вақт бар асоси конфронсҳои аудиоӣ ё видеоӣ бо нишон додани мундариҷа, слайдҳои презентатсионӣ, гузаронида мешавад. Ҳангоми истифодаи веб-конфронс, веб-браузер ҳамчун воситаи воридшавӣ ба он истифода мешаванд, ки бо ҳамин веб-конфронс ба номи маъмултарини "вебинар" маъруф гардид. Дар муқоиса, видеоконференсия то ҳол аз ҳама маъмултарин аст, ки

интиқоли маълумотро таъмин мекунад ва яке аз сабабҳои асосии истифодаи он дар мурофиаи ҷиноятӣ мебошад. Ба ҳар ҳол, веб-конфронс, ки аз ҷониби муфаттишон ҳамчун як технологияе содда таъриф мешавад, метавонад дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии кишвар низ пешбинӣ карда шавад. Таҳқиқоти анҷомшуда имкон медиҳад, ки ба як қатор хусусиятҳои муҳимми технологӣ, ки барои танзими мурофиавии видеоконференсия муҳиманд, диққат дода шавад.

Аввалан, видеоконференсия як шакли муайяни ҳамкории байни иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ аст. Бо дарназардошти он, ки ҳар як ҳамкорӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ бояд асоси ҳуқуқӣ дошта бошад, мо ба ин натиҷа меоем, ки видеоконференсия истисно намешавад ва бояд дар қонуни мурофиавии ҷиноятӣ танзим карда шавад.

Дуюм, истифодаи видеоконференсия асосан бо иртиботи байни ду субъект алоқаманд аст. Ин хусусият ба фаҳмиши умумии ин технология ва инчунин таҷрибаи муқарраршудаи истифодаи видеоконференсия барои муоширати дуҷониба асос ёфтааст.

Сеюм, видеоконференсия ҳамкории воқеӣ дар вақти воқеиро байни иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ талаб мекунад, ки ин хусусият онро аз дигар технологияҳое, ки барои сабт ва интиқоли иттилооти аудиовизуалӣ истифода мешаванд, фарқ мекунад.

Албатта дар адабиётҳои техникӣ ва ҳуқуқи мафҳум ва моҳиёти видеоконференсия зиёд таҳқиқ карда шудааст. Ба ақидаи яке аз чунин олимон Н.С. Диденко видеокноференсия ин робитаи фосилавӣ байни ду тараф ба воситаи технологияи компютерӣ ва истифодаи интернет мебошад [106, с. 95-97]. Аммо ба ақидаи муаллиф розӣ шудан ғайриимкон аст, чунки раванди муошират ба воситаи видеоконференсия на танҳо бо компютер сурат гирифта мешавад. Дар натиҷаи рушди технологияи рақамӣ имрузҳо видеоконфренсия ба воситаҳои телефонҳои мобилӣ, планшетҳо низ сурат гирифтанашон мумкн аст. Илова бар ин робитаипайвастшавии ноқилии

компютерҳо имкон медиҳад, ки бе истифодаи интернет видеоконференсия пайваст карда шавад.

Яке аз олимони ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ Э.А. Архипов оид ба видеоконференсия  ибрози ақида карда зикр мекунад, ки «робитаи фосилавии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ мебошад, ки дар асоси муқаррароти меъёрии қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, ки дар рафти он мубодилаи доимӣ ва возеҳ иттилооти аудиовизуалӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ дар вақти воқеӣ тавассути шабакаи алоҳидаи телекоммуникатсионӣ, сурат мегирад, фаҳмида мешавад» [166, с. 114].

Мафҳуми видеокнoференсия  аз ҷониби дигар олимон низ мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтааст. Махсунсан Т.А. Гусева чунин мафҳуми видеоконференсия ро пешниҳод мекунад: видеоконференсия  яъне технологияест, ки тавасути он гурӯҳи муайяни шахсон дар фосила ва вакти муайян имкон доранд ҳамдигаро ба воситаи вебкамераҳо дида муоширати намоянд [102, с. 66-71]. Ақидаи мавзкурро М.В. Сукалов ҷонибдории намуда зикр мекунад, ки видеоконференсия  воситаи технологие мебошад, ки робитаи фосилавии ду ё зиёда шахсонро бо роҳи аудио ва видео дар вақти воқеӣ муайян мекунад [158, с. 60-62]. Ҳамчунин ба ҳамин тариф монанд мафҳуми видеоконференсия  аз ҷониби Д. Грин пешниҳод карда шуда иловатан муаллиф зикр мекунад, видеоконференсия  робитаи фосилавии аудиовизуалиро байни якчанд иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ имкони илова намудани алоқаи иловагӣ ба каналҳоро таъмин менамояд [100, с. 82-86].

Вобаста ба мафҳумҳои овардашуда хулоса кардан мумкин аст, ки робита ва ё алоқаи фосилавӣ дар аматияи тафтишӣ аз ҷониби муфаттиш гузаронидани амалҳои фосилавӣро дар назар дорад. Илова бар ин, барои танзими ҳуқуқии ин раванди робит, ки як намуди ҳамкорӣ ба меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ватанӣ асос ёфтааст, пурра бо Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ ба танзим даровaрда нашудааст.

Танҳо дар моддаи 197 КМҶ ҶТ ин масъала руякӣ ҳал карда шудаасту халос.

Ақидаҳои зикршуда имконият медиҳанд, ки мафҳуми видеоконференсия ро дар мурофиаи ҷиноятӣ равшан созем. Таърифи пешниҳодшуда на танҳо алоқаи видеоиро, балки технологияи гуногун, аз ҷумла конфронсҳои вебро низ дар бар мегирад.

Мафҳуми пешниҳодшудаи видеоконференсия бо низоми технологияҳои қаблан баррасишударо дар мурофиаи ҷиноятӣ ҳамоҳанг мебошад ва ба талаботҳои қонунгузорӣ мувофиқат мекунад. Аз ин рӯ, барои беҳтар кардани механизмҳои танзими ҳуқуқии истифодаи видеоконференсия дар мурофиаи ҷиноятӣ, лозим аст, ки дар шарҳи моддаи 197 КМҶ ҶТ мафҳуми пурсиши фосилавӣ ва воситаҳои истифодашудаи телекоммуникасиониро зикр карда шаванд.

«Пурсиши ба таври фосилавӣ бо истифодаи воситаҳои телекоммуникатсионӣ ва почтаи электронӣ мумкин аст тавасути барномаҳои видеоконференсия ва веб-конференсия амали карда шавад:

Ин усулҳо дар шароите, ки ҳамкории дурдаст зарур аст, амалӣ карда мешавад.

Веб-Конфронси як формати вохӯрии фосилавӣ аст, ки ба иштирокчиёни сершумор имкон медиҳад, ки тавассути Интернет бо истифода аз сигналҳои видео ва аудио бо ҳамдигар муошират кунанд. Пурсиш дар формати веб - конфронс метавонад тавассути платформаҳои махсус (масалан, Zoom, Skype, Microsoft Team ва ғайра), ки интиқоли аудио ва видеоро таъмин мекунанд, анҷом дода мешавад».

Новобаста аз оне ки видеоконференсия дар саросари давлатҳо аз аввали солҳои 90-ум пайдо шуд, аммо он ҳангоми хуруҷи корнавирус соли 2019 инкишоф ёфт. Яъне дар ин давра истифодаи пурсишҳои фосилавӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо ру ба афзоиш ниҳод [152, с. 67-76].

Дар ҳақиқат, пандемияи коронавирус (COVID-19), ки аз соли 2019 сар гирифта шуд, барои тамоми ҷаҳон як озмоиши ҷиддии соҳаҳои гуногун, аз ҷумла системаи ҳуқуқӣ, буд. Мушкилоти бузург, ки олимони хориҷӣ дар бораи он сӯҳбат мекунанд, аз як тараф ба таъмини амният ва саломатии иштирокчиёни мурофиаҳо, аз ҷумла судяҳо, адвокатҳо ва муттаҳамон, марбут аст. Аз тарафи дигар, пандемия боиси маҳдудияти физикии иштирок дар мурофиаҳо ва амалҳои тафтишотӣ шуд, ки ин худ ба як бӯҳрони ҳуқуқӣ табдил ёфт, ки талаботи қонунгузории мурофиавии ҷиноятиро ба таври амиқ таҳдид мекунад [110, с. 91-108].

Масъалаи танзими ҳуқуқии истифодаи видеоконференсия воқеан ба таври назаррас ва бо аҳаммияти зиёд таҳқиқ шудааст, зеро дар замони муосир истифодаи ин технология дар соҳаҳои мухталиф, бахусус дар мурофиаи судӣ ва фаъолияти мақомоти қонунгузорӣ, тадриҷан бештар мешавад. Аз ин рӯ, таъмини танзими дуруст ва ҳуқуқӣ барои ба таври муассир ва амн истифода бурдани видеоконференсия дар раванди мурофиа ва тафтишот аҳаммияти хоса пайдо мекунад. Қонунгузории мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин маротиба видеоконференсия ро ҳангоми гузаронидани амали тафтишии пурсишро дар қисми 2 моддаи 197 КМҶ ҶТ санаи 19.07.2022 № 1900 иҷозат додааст.

Талаботи афзояндаи истифодаи видеоконференсия низ ба мурофиаи судӣ таъсир расонд, ки дар он меъёрҳои истифодаи ин гуна амалҳо дар раванди тафтишот муайян карда шуданд. Таҳлили таҷрибаи кишварҳои мухталиф, ки дар онҳо видеоконференсия дар мурофиаҳои ҷиноятӣ ва судӣ истифода мешавад, имкон медиҳад, ки беҳтарин ва самараноктарин механизмҳои танзимро муайян кунем. Масалан, таҳқиқоти Е.А. Архипова нишон медиҳад, ки дар баъзе кишварҳо, ба монанди Австралия, Канада ва Англия, системаи видеоконференсия ба таври мураккаб ва дар доираи қонунгузории махсус ҷорӣ карда шудааст. Бо вуҷуди ин, дар баъзе кишварҳо, масалан, Амрико қонунгузорӣ дар мавриди танзими видеоконференсия

камбудиҳои ҷиддӣ дорад ва танҳо баъзе тадбирҳо барои истифодаи он пешбинӣ шудааст  [166, с. 88].

Тартиби гузаронидани мурофиаи видеоконференсия  дар ҳар як кишвар вобаста ба мӯҳтаво ва талаботи қонунгузорӣ тағйир меёбад, ки ин инчунин нишонаи зарурати такмили механизмҳои танзимӣ мебошад.

Дар ҳолати Тоҷикистон, эҷоди системаи ҳуқуқии мувофиқ барои танзими истифодаи видеоконференсия , ки дар ҳоли ҳозир истифодаи он бештар дар марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ ва корҳои тафтишӣ маҳдуд буда барои пешбурди амалҳои тафтишотӣ бо назардошти технологияи муосир хеле муҳим аст. Барои кормандони мақоми прокуратура ва дигар мақомоти тафтишотӣ, дар шароити мавҷуд набудани қоидаҳои муайян ва механизми ягона барои истифодаи технологияҳои коммуникатсионӣ, мушкилоти зиёде пеш омад, ки ба таъхир андохтани парвандаҳо ва таҳқиқоти ҷиноятӣ овард.

Таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки барқарор кардани механизмҳои ҳуқуқии мукаммал ва мутамаркази истифодаи видеоконференсия  дар тафтишоти ҷиноятӣ ва мурофиаҳои судӣ, барои гузаронидани амалҳо дар шакли фосилавӣ хеле муҳим аст. Масалан, дар баъзе кишварҳо, ба монанди Эстония ва Финляндия, кадом гуна танзимоти қонунгузорӣ барои истифодаи видеоконференсия  дар тафтишот ва мурофиаҳои судӣ ҷорӣ шуд, ки як миқдор муаммоҳо ва мушкилоти амалиро коҳиш дод  [180].

Таҷрибаи аврупоӣ дар истифодаи видеоконференсия  нишон медиҳад, ки ин технология асосан дар судҳо дар рафти мурофиаи судӣ истифода мешавад. Баргардонидани мурофиаҳои судӣ ва тафтишоти ҷиноятӣ ба шакли фосилавӣ дар тӯли пандемия дар баъзе кишварҳо як қадами муҳим барои таъмини идомаи фаъолияти судӣ дар шароити вазъияти фавқулодда буд. Масалан, кишварҳои аз ҷониби шумо номбаршуда, аз ҷумла Федератсияи Русия, Албания, Австрия, Венгрия, Британияи Кабир, Олмон, Ирландия, Литва, Полша, Португалия, Сан-Марино, Финляндия, Фаронса, Хорватия,

Швейтсария ва Шветсия, низ барои мутобиқ кардани мурофиаҳои судӣ ва амалҳои тафтишотӣ ба вазъияти пандемия, як қатор қадамҳои муҳимми техникӣ ва ҳуқуқиро амалӣ карданд[187].

Гузариш ба мурофиаҳои фосилавӣ дар ин кишварҳо асосан тавассути истифодаи технологияҳои коммуникатсионӣ ва платформҳои видеоконференсия ба таври баробар ва муассир амалӣ карда шуд. Масалан, дар Федератсияи Русия, тадбирҳое, ки дар сурати шароити пандемия ва маҳдудиятҳои физикӣ барои нигоҳ доштани адолат ва ҳуқуқи иштирокчиён амалӣ шуданд, бар асоси қарорҳо ва қонунгузории махсуси муваққатӣ ҷорӣ гардид. Дар баъзе кишварҳо, бо ҳамоҳангии мақомоти маҳаллӣ ва судҳо, шаклҳои фосилавии мурофиаҳои судӣ ҳамчун як амали иҷборӣ ва зарурӣ дар ҳолатҳои фавқулодда амалӣ шуд.

Дар Австрия, Британияи Кабир, Олмон ва дигар кишварҳои Аврупо, судҳо ва прокурорҳо ба таври фаъол ба истифодаи технологияҳо ва платформаҳои онлайн барои гузаронидани мурофиаҳои фосилавӣ гузаштанд. Ин раванд дар бисёре аз ҳолатҳо дар ҳолати пандемия ба як амали муваққатӣ табдил ёфт, ки ба судяҳо, адвокатҳо, ва иштирокчиёни мурофиа имкон дод, ки корҳоро дақиқ ва бе монеа анҷом диҳанд, гарчанде ки тағйироти систематикӣ барои дарозмуддат ҳанӯз зарур аст.

Масалан, дар Финляндия ва Швейтсария, ки қонунгузории судӣ ва тафтишотӣ ҳангоми пандемия хеле мустақим ва амалӣ бошад ҳам, қарорҳои нави иловагии ҳимояи ҳуқуқи иштирокчиён дар видеоконференсия ҳо ҷорӣ шуда буданд. Ин тадбирҳо бо кӯмак ба механизмҳои ягонаи қонунӣ ва беҳтар кардани дастрасӣ ба адолат, инчунин бо дарназардошти омилҳои амниятӣ ва ҳифзи ахбори шахсӣ, қабул гардиданд [183].

Бар асоси муқаррароти моддаи 706.71-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Фаронса, агар дар ҷараёни таҳқиқот зарурат ба бозпурсӣ ё рӯбарӯ намудани шахсон ба миён ояд ва имкони иҷрои он танҳо ба таври фосилавӣ вуҷуд дошта бошад, гузаронидани чунин амалҳо тавассути воситаҳои

иртиботи электронӣ имконпазир аст. Ин тарзи гузаронидан метавонад дар минтақаҳои гуногуни қаламрави Фаронса ё дар давлатҳои узви Иттиҳоди Аврупо амалӣ гардад [177].

Дар Испания судяҳо ва додситонҳо видеоконфронсро ҳам дар муҳокимаҳои судӣ ва ҳам ҳангоми тафтиши пешакӣ ба таври васеъ истифода мебаранд. Дар дастури Прокурори генералӣ №3/2002, ки ба истифодаи воситаҳои фосилавӣ дар мурофиаҳо дахл дорад, тартиботи иловагӣ барои ин раванд пешбинӣ шудааст. Илова бар ин, дар дастури №1/2002 самаранок будани чунин усулҳо барои ҳимоя ва бозпурсии шоҳидон, ки берун аз ҷои таҳқиқ қарор доранд, ва барои равандҳои ҳамкории байналмилалӣ зикр гардидааст [183].

Қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Эстония имкони гузаронидани пурсишҳои фосилавиро дар назар дорад. Ин усул дар ҳолатҳое татбиқ мегардад, ки ҳузури шахсии шоҳид душвор бошад ё хароҷоти зиёдеро талаб кунад [7].

Моддаи 140-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Латвия ба таври равшан имкони истифодаи василаҳои техникӣ барои анҷом додани амалҳои тафтишотиро пешбинӣ мекунад. Дар ин замина, қонунгузор татбиқи шаклҳои муосири алоқа, аз ҷумла телеконференсия ва видеоконференсия ро ҳамчун воситаҳои баргузории чунин амалҳо зикр намудааст. Ҳамзамон, қоидаҳои муфассал нисбати таъмини сифати техникии иртибот, тартиби огоҳ намудани шахсони манфиатдор дар бораи вақти баргузоршавӣ, макон ва маълумоти шахсӣ (ном, насаб ва мансаб) шахсе, ки раванди мурофиавиро роҳбарӣ мекунад, дар назар гирифта шудаанд [182].

Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Литва имкони татбиқи воситаҳои иртиботи фосилавиро дар марҳилаҳои гуногуни мурофиаи ҷиноятӣ пешбинӣ менамояд. Мувофиқи талаботи ин санади ҳуқуқӣ, бо мақсади таъмини амнияти шоҳидон, амалҳои марбут ба тафтишоти пешакӣ ва муҳокимаи судӣ метавонанд бо истифодаи пахши мустақими аудио ва

видео, ки воситаҳои садоӣ ва визуалиро фаро мегиранд, амалӣ гарданд. Илова бар ин, қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Литва тартиби махсуси пурсиши шоҳидро тавассути шабакаҳои фосилавии аудиовизуалӣ дар ҳар ду зинаи мурофиавӣ - ҳам тафтиши пешакӣ ва ҳам муҳокимаи судӣ - ба таври возеҳ танзим мекунад [184].

Қонуни мурофиавии ҷиноятии Подшоҳии Белгия низ истифодаи технологияҳои иртиботии фосилавиро дар раванди мурофиавӣ пешбинӣ мекунад. Мувофиқи муқаррароти он, Прокурор ва ё судя метавонанд бозпурсии шахсеро, ки тибқи қонун ба низоми чораҳои муҳофизатӣ фаро гирифта шудааст, бо истифода аз видеоконфронс анҷом диҳанд. Ин тадбир махсусан барои таъмини амнияти шоҳидон ва ҳифзи махфияти онҳо дар ҷараёни мурофиаи ҷиноятӣ андешида шудааст [185].

Қонунгузории мурофиавии Ҷумҳурии Мардумии Чин дар доираи фаъолияти судҳои интернетӣ истифодаи васеи механизмҳои ҳамгирошуда ва платформаҳои шабакавиро барои ташкили низоми бисёрсатҳии баррасии баҳсҳо тавассути воситаҳои фосилавӣ, ба монанди видеоконференсия , ба роҳ мондааст. Ин низомҳо имконият медиҳанд, ки ҷараёнҳои мурофиавӣ бо истифода аз чорабиниҳои техникии тафтишотӣ ба таври онлайн амалӣ гарданд [185]. Илова бар ин, низоми адлияи Чин дорои модели миёнаравии рақамии пешакӣ мебошад, ки қабл аз оғози расмии мурофиаи ҷиноятӣ татбиқ мегардад ва ба ҳалли баҳсҳо дар марҳилаи ибтидоии мурофиавӣ мусоидат менамояд.

Моддаи 213-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон тартиби истифодаи воситаҳои илмию техникӣ барои гузаронидани пурсишҳоро тавассути алоқаи видеоӣ, бо мақсади иҷрои пурсишҳои фосилавӣ, муайян мекунад. Қонуни мурофиавии Ҷумҳурии Қазоқистон шароит ва талаботҳоро барои истифодаи видеоконференсия дар раванди мурофиа, инчунин стандарти муайяншуда барои сабт ва таъмини сифати дурусти технологӣ ва иҷрои чораҳои амнияти аудиовизуалӣ дар заминаи

пурсиш ба таври муфассал муқаррар менамояд. Ин муқаррарот бо мақсади ҳимояи ҷонибҳои мурофиавӣ ва таъмин кардани шаффофият ва эътимоднокии раванди ҷиноятӣ дар ҳолатҳои фосилавӣ ба амал оварда шудаанд [5].

Таҷрибаҳои байналмилалӣ дар истифодаи видеоконференсия дар раванди тафтишотӣ ба мо имконият медиҳанд, ки хусусиятҳои калидии механизми танзими ҳуқуқии, ки бояд дар такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятии миллӣ ба ҳисоб гирифта шаванд, муайян намоем. Аз ҷумла:

1. Низоми ҳуқуқии кишварҳо, истифодаи видеоконференсия дар мурофиаи ҷиноятӣ ба мавҷудияти асоси ҳуқуқии қатъӣ эҳтиёҷ дорад, ки давлатҳоро ба кӯшишҳо барои васеъ намудани танзимоти қонунгузории мурофиавӣ ва рушди он ва истифодаи васеи ин технологӣ ташвиқ мекунад;

2. Усули асосии танзими истифодаи видеоконференсия як усули диспозитивӣ аст, ки имконияти истифодаи ин воситаҳоро бо хоҳиши мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пешбинӣ менамояд;

3. Рушди имкониятҳои техникӣ барои истифодаи видеоконференсия имкон медиҳад, ки ҳолатҳои ҳатмии истифодаи он, ки аллакай дар қонунгузории як қатор кишварҳо муқаррар шудаанд, фароҳам оварда шаванд;

Яке аз сабабҳои асосии истифодаи видеоконференсия дар мурофиаҳои судӣ зарурати афзоиши самаранокии амалҳои тафтишотӣ мебошад. А. Афанасева ба ин масъала ишора мекунад, ки гузаронидани пурсишҳо ва амалҳои тафтишӣ ба шакли фосилавӣ метавонад ба коҳиш ёфтани муҳлати тафтиш, афзоиши шумораи парвандаҳои тафтишшаванда, беҳтар кардани бехатарии иштирокчиёни раванди тафтишот ва сарфаи воситаҳои молии буҷет мусоидат намояд [79, с. 370-373].

О.В. Овчинникова таъкид мекунад, ки «истифодаи видеоконференсия метавонад ба таври назаррас самаранокии иҷрои қарорҳои марбут ба амалҳои тафтишотии инфиродӣро афзоиш диҳад, ки ин дар натиҷа ба беҳтар

кардани интизороти таъмини инъикоси дуруст ва муносибат бо парвандаҳо мусоидат мекунад» [137, с. 108-116]. Д.Э. Кун ба хулоса мерасад, ки «истифодаи чораҳои амниятӣ дар ҷараёни гузаронидани амалҳои тафтишотӣ бо истифодаи видеоконференсия , ки барои ҳимояи шоҳидон ва дигар иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст, ба таври назаррас такмил ёфтааст. Дар натиҷа, шумораи ҳолатҳои рад кардани иштирок дар мурофиаҳои ҷиноятӣ кам шудааст, ки ин самаранокии раванди тафтишотиро афзоиш медиҳад ва имконияти ба даст овардани маълумоти боэътимодро зиёд мекунад» [121, с. 109-112]. В.А. Панюшкин ва В.Г. Боличев бар он ақидаанд, ки самаранокии тафтиши пешакӣ асосан тавассути ворид кардани воситаҳои илмию техникӣ ба ҷараёни амалҳои тафтишотӣ таъмин мегардад [140, с. 178-184].

Самаранокии технологиҳои робитаи фосилавӣ, ки дар амали мурофиаи ҷиноятӣ истифода мешаванд, ба як омили калидӣ барои рушду тараққии тамоюлҳои нав дар самти истифодаи дастовардҳои коммуникатсионӣ табдил ёфтааст. Ин раванд ба васеъшавии истифодаи ин технологиҳо дар раванди мурофиаҳои ҷиноятӣ таъсири мустақим расонидааст [193].

Муфаттишони прокуратура барои амал кардани фаъолиятҳои дохили идоравӣ, маҳаллӣ аз барномаи махсус истифода мебаранд, ки ба истисноӣ дахолати беруна, бехатар ва устувор буда, дорои ҳамаи унсурҳои зарурӣ барои сабти видео ва аудио бо сифати баланд ва нигоҳдории дарозмуддат мебошад [129, с. 156-158], [143, с. 57-61].

Формати фосилавии амали тафтишӣ метавонад имкони амалӣ кардани як варианти соддатар барои ташкили зангҳои видеоконференсия ро фароҳам орад. Масалан, агар ҷабрдида ё шоҳид дар беморхона қарор дошта бошад, муфаттиш метавонад бо истифода аз захираҳои барномаҳои мавҷуда пурсиши фосилавӣ гузаронад ва сабти натиҷаҳои онро ҳамчун далел истифода кунад. Вале, дар ҳолатҳои истифодаи тартиби фосилавии амалҳои тафтишӣ, душвориҳо дар таъмини ҳуқуқи иштирокчиён метавонанд ба миён

оянд. Масалан, муҳим аст, ки ҳимоятгар бояд бо хоҳиши айбдоршаванда дар пурсиш иштирок намояд. Илова бар ин, шакли фосилавии амали тафтишӣ таъсири бевосита ба айбдоршавандаро истисно мекунад ва дар ин замина, бовар кунонидани ӯ барои додани шаҳодат дар муқоиса бо иртиботи мустақим мушкилтар мегардад. Аз ин рӯ, иштироки ҳимоятгар дар ҳамаи ҳолатҳо наметавонад ҳатмӣ бошад.

Аҳаммияти асосӣ ва моҳияти анъанавии амалҳои тафтишӣ, ки бо эҳтироми баланде ба адолат бояд анҷом дода шаванд, наметавонад ба ҷуз ҳузури мустақим ва дар баробари он бо доираи васеи мурофиаи ҷиноятӣ дар шакли дигар таъмин карда шавад. Чунин ба назар мерасад, ки истифодаи формати фосилавӣ танҳо дар робита ба амалҳои инфиродии тафтишӣ имконпазир аст.

Ба андешаи мо, барои пешгирӣ аз сӯиистифода аз ҳуқуқи иштирокчиён дар амалҳои тафтишӣ, бояд шартҳое барои истифодаи видеоконференсия муқаррар шаванд, ки ин усул дар ҳолатҳои муайян ва бо мақсадҳои лозимӣ иҷозат дода шавад.

Қарор дар бораи гузаронидани амали тафтишӣ бо истифодаи технологияи видеоконференсия бояд аз ҷониби муфаттиш қабул карда шавад, бо мувофиқаи талаботи қонунгузорӣ, ки муқаррароти махсус барои қабул кардани қарор дар бораи амали тафтишӣ муайян мекунад.

Чунин ба назар мерасад, ки риояи ин қоидаҳо нигарониҳои марбут ба номувофиқатии барномаҳоро бо ҳадаф ва вазифаҳои амали тафтиширо бартараф мекунад. Аз ин рӯ, мо идеяи амалҳои тафтишии фосилавиро дастгирӣ мекунем [80, с. 316-319], [95, с. 54-61], [137, с. 87-91], [164, с. 414-417].

Эътирофи нуқтаҳои мусбии истифодаи амалҳои тафтишии фосилавӣ, муҳимми яти усули татбиқи онҳо баръало аст. Барои амалишавии муваффақи ин раванд, эҷоди маҷмуи қоидаҳои қонунгузорӣ, ки истифодаи видеоконференсия ро дар амалҳои тафтишӣ танзим мекунад, бояд бо дақиқӣ ва дурустӣ татбиқ гардад. Дар ин раванд, мо бар онем, ки таҳияи як маҷмӯи

муқаррароти қонунгузорӣ, ки масъалаи муҳимми соддагардонии тартиби истифодаи видеоконференсия ро ҳал намояд, боиси рушди самарабахш ва босамар хоҳад шуд [145, с. 258].

Ба ақидаи мо, якчанд ҷанбаҳои муҳим, ки дар танзими қонунгузорӣ ҷой доранд Дар шакли зерини механизми таҳия ва амалишавии қоидаҳои видеоконференсия баён мешаванд:

1. Иттихоб ва ба роҳ мондани усули истифодаи амалҳои тафтишӣ, ки фарқият байни гузаронидани амали тафтишӣ фосилавӣ ва иштироки фосилавии иштирокчиёнро дар он муайян мекунад. Мо гузаронидани амали тафтишии фосилавиро як ваколати мурофиавии муфаттиш медонем, ки ҳамчун субъекти ягонаи мурофиа (масалан, пурсишкунанда) бояд қарорҳои мурофиавии салоҳиятдорро, аз ҷумла дар бораи анҷом додани амали тафтишӣ, қабул намояд.

2. Ба фикри мо зарур аст, ки ин ваколат бо нишон додани имконияти интихоби усули гузаронидани амали тафтишӣ муқарар карда шавад: усули фосилавӣ, ки ба муфаттиш имкон медиҳад, ки вақти барои гузаронидани он дар минтақаҳои дурдаст ва душворгузар сарфшударо оқилона гардонад. Таъмини ҳузури шахсии иштирокчиён дар раванди амалҳои тафтишӣ бояд танҳо дар ҳолатҳое сурат гирад, ки ҳузури воқеии онҳо барои ноил шудан ба ҳадафи амали тафтишотӣ зарур ва кофӣ бошад. Ҳангоми гузаронидани амалҳои тафтишӣ, дар баъзе ҳолатҳо, иштирокчиён метавонанд ба воситаи технологияҳои фосилавии видеоконференсия иштирок намоянд, ки чунин иштирок ҳеҷ гуна камбудӣ ё монеа дар самаранокии амали тафтишотӣ эҷод намекунад.

Иштироки фосилавӣ дар амалҳои тафтишӣ на танҳо як имконият, балки як ҳуқуқ ва ӯҳдадории мурофиавии иштирокчиён мебошад. Ба ғайр аз он, қонунгузорӣ бояд равшан муқаррар намояд, ки чунин иштирок танҳо дар заминаи пешниҳоди дархости тарафҳо ва бо ёрии технологияи видеоконференсия имконпазир аст.

Аз ин рӯ, ҳар як иштирокчие, ки аз ҷониби муфаттиш дар бораи гузаронидани амали тафтишӣ огоҳ гардидааст, бояд имконияти пешниҳоди дархост барои иштирок дар амалҳои тафтишӣ ба тариқи фосилавии видеоконференсия дошта бошад. Дар хати умумӣ, иштирокчиён ҳақ доранд интихоби худро оид ба шакли иштирок дар амали тафтишӣ, ки ба онҳо мувофиқ аст, баён намоянд. Қарори ниҳоӣ дар бораи иҷозати ё рад кардани чунин иштирок бояд аз ҷониби муфаттиш қабул гардад, ки ин қарор бояд тибқи қонун ва бо миқдори ками маҳдудиятҳо ва шароити зарурӣ гирифта шавад.

Ҳамин тариқ, қонуни таҳияшуда бояд ба иштирокчиён, аз ҷумла айбдоршавандагон, ҳимоятгарон, шоҳидон ва дигар субъектҳои мурофиавӣ, имкон диҳад, ки ба равандҳои тафтишотӣ тавассути технологияи фосилавӣ иштирок намуда, дар ҳамоҳангӣ бо ҳимояи ҳуқуқҳои худ фаъолият кунанд.

Муфаттиш салоҳияти тасдиқ ё рад кардани формати фосилавиро дорад. Дар ҳолате, ки амали тафтиши бо ташаббуси иштирокчии манфиатдор гузаронида мешавад, ин масъала бояд пурра таҳқиқ карда шавад.

Васеъ кардани доираи амалҳои тафтишӣ, ки метавонанд ба таври фосилавӣ ва бо истифодаи видеоконференсия анҷом дода шаванд, як қадам муҳим дар такмили равандҳои тафтиши ҷиноят мебошад. Бо истифодаи ин технология, имконияти беҳтар намудани самаранокии тафтишот ва ҳимояи ҳуқуқҳои иштирокчиён дар мурофиаи ҷиноятӣ ба таври назаррас зиёд мешавад. Вақте ки амалҳои тафтишӣ фосилавӣ анҷом дода мешаванд, аз ҷумла пурсишҳо, ё санҷиши нишондодҳо, метавон фазои тафтиши васеъ карда шавад. Аммо барои амалишавии муфид ва самараноки ин усулҳо, чанд ҷанба бояд ба таври амиқ таҳлил карда шаванд.

1. Васеъ кардани доираи амалҳои тафтишӣ бо видео - конференсия.

Истифодаи видеоконференсия барои гузаронидани амалҳои тафтишӣ, ки маъмулан дар муҳити анъанавӣ бо иштироки ҷисмонии тарафҳо сурат мегирад, як заминаи мустаҳкам ва осонтар барои тавсеаи фаъолияти

прокурорҳо, муфаттишон ва дигар шахсони дахлдор мебошад. Бо истифодаи видео - конференсия, масалан, пурсиши шоҳидон, ки маъмулан дар муҳити хатарнок ё дур аз ҷойи тафтишот сурат мегирад, метавонанд фосилавӣ ва дар ҷойҳои осонтар анҷом дода шаванд. Ин усул барои ҳолатҳое, ки шоҳид ё ҷабрдида дар беморхона, макони дурдаст ё кишваре дигар қарор дорад, барои таъмини ҳузури ӯ дар мурофиа мусоидат мекунад.

2. Технологияи видеоконференсия ва имконияти санҷиш дар маҳал.

Масалан, санҷиши нишондодҳо дар маҳал - шинасоии манзараҳо ё ҷойҳои муҳимми дастрасшавӣ ба далелҳо - низ метавонанд тавассути видеоконференсия ба осонӣ анҷом дода шаванд. Истеҳсоли тасвир ва кӯшиши ба таърифи ҳатмии маълумот дар муҳити воқеӣ имконият медиҳанд, ки муфаттишон ё прокурорҳо дар вақти воқеӣ шоҳиди ё ҷабрдидагонро бо истифода аз манобеъи аудио ва видео муфассалтар арзёбӣ намоянд.

3. Муҳиммияти муҳити амн ва ҳимояи иттилоотӣ.

Ҳамаи иштирокчиён, аз ҷумла шоҳидон, айбдоршавандагон ва прокурорҳо бояд ба як шабакаи мустаҳкам ва имконпазир бо қоидаҳои мусоиди амниятӣ ба ҳам пайваст шаванд, то ки ҳангоми истифодаи видеоконференсия иттилоот дар ҳолати эҳтимолии хатар аз назар равад.

4. Механизми таҷрибавии ва экспертизаи тафтиширо бо видеоконференсия .

Видеоконференсия на танҳо дар пурсиш ё рӯбарӯкунӣ кӯмак мекунад, балки инчунин метавонад барои гузаронидани экспертизаҳои тафтишӣ ва гирифтани қарорҳои судии муҳим кӯмак кунад. Механизми дақиқ ва тафсилотии таҷрибаи тафтишӣ ва санҷиш дар робита ба ҷараёни воқеаҳо ва далелҳои хоси парванда ба видеоконференсия вобаста аст. Барои намуна, таҳқиқоти такрории ҳодисаи муайян, санҷиши муҳити ҷиноятӣ ё муайян кардани кӯшишҳои дахолат дар раванди ҳуҷҷатҳо низ мумкин аст тавассути видеоконференсия анҷом дода шаванд.

Пайдо шудани имкониятҳои бештар ва ҳалли самарабахши истифодаи видеоконференсия барои амалҳои тафтишӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ як роҳи муҳим ва пешрафта барои беҳтар кардани ҷараёни муваффақи ин навъи мурофиаҳо мебошад. Ин усул метавонад қобилиятҳои шахсони масъул дар ҳолатҳое, ки дар шароити муқаррарӣ имкони иштирокро надошта бошанд, беҳтар намояд. Аз тарафи дигар, барои ноил шудан ба натиҷаҳои самарабахш ва дуруст дар шинасоии шоҳидон ё санҷиши амалҳои тафтишӣ дар ин формат, инчунин, бояд ҳамаи талаботи ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва ҷиҳатҳои амнияти маълумот мукаммал ва амалишавӣ таъмин карда шаванд [127, с. 74-84].

Масъалаи мазмуни мурофиавии амалҳои тафтишии фосилавӣ, махсусан вақте ки ин амалҳо бо истифодаи видеоконференсия анҷом дода мешаванд, масъалаи муҳим ва ҷиддие мебошад, ки барои ҳал кардани он зарур аст, ки қоидаҳои махсус ва муқаррароти ҳуқуқии мавҷударо такмил диҳем. Махсусан, бояд фаҳмид, ки чӣ гуна сабт кардани амалҳои тафтишӣ ва кӯмак дар устувории далелҳо ва эътимоднокии натиҷаҳои тафтишот вобаста ба таҷҳизоти видеоконференсия ба таври дуруст сурат мегирад.

Масъалаи истифодаи сабти видеоӣ дар раванди амалҳои тафтишӣ хеле муҳиму ташвишовар аст. Яке аз масъалаҳои асосӣ ин аст, ки оё сабт кардани тамоми ҷараёни видеоии амалҳои тафтишӣ зарур аст ё фақат сабт кардани баъзе лаҳзаҳои муҳим. Аз як тараф, чунин сабтҳо метавонанд кӯмак кунанд, ки эътимоднокии маълумот таъмини карда шавад. К. Плахота дар кори худ мегӯяд, ки пайвастагии сабти видеоӣ муҳим аст, ки эътимоднокии маълумотро дар амалҳои тафтишӣ таъмин мекунад. Ба ҳар ҳол, зарурати сабти тамоми ҷараёни амали тафтишӣ дар шакли видео метавонад барои баъзе парвандаҳо вобаста ба хусусият ва муҳити ҳолат тағйир ёбад [98, с. 87].

Х.Х. Рамалданов низ дар таълимоти худ зикр мекунад, ки сабт кардани маълумот дар формати видеои қисми муҳимтарини тафтишот метавонад самарабахш бошад. Маълумот дар ин гуна шакл кӯмак мекунад, ки шубҳаҳо

дар бораи аслӣ будани муҳокимаҳо намонанд. Аз ин рӯ, истифодаи сабт видеои пурра ё сабт танҳо барои лаҳзаҳои муҳим, ки самараи эътимоднокӣ ва дурустии раванди тафтишро таъмин мекунанд, як масъалаи муҳимму мебошад. [147, с. 128].

Протоколи амали тафтишӣ, ки дар шакли видеоконференсия сурат мегирад, бояд мутобиқ ва дуруст таҳия карда шавад. Протокол бояд қоидаҳои раванди тафтишотиро, ки дар видеоконференсия гузаронида мешавад, бояд ба таври аниқ ва шаффоф қайд кунад. Яке аз масъалаҳо, ки бояд равшан карда шавад, ин аст, ки тартиби имзои протокол ар ин ҷаласаи фосилавӣ чӣ гуна ба роҳ монда шавад. Протокол бояд на танҳо нуқтаҳои муҳимми раванди тафтишро, балки дурусти маълумот дар бораи иштирокчиёнро низ таъмин кунад.

Ҳамчунин, масъалаи иҷозатномаи сабти протоколи видеоӣ барои ҳар як иштирокчӣ дуруст ба назар гирифта шавад. Агар протоколи маъмулии амалҳои тафтишӣ дар шакли хаттӣ амалӣ шавад, дар ҳолати видеоконференсия , муфаттиш ва дигар иштирокчиён метавонанд ба тавассути платформаи видеоии иҷозатномаатро пайваст кунанд, ки ин бояд тавассути хаттӣ низ эътироф шавад. Шиносоии дуруст ва имзо кардани протокол ё сабти видеоӣ танҳо дар ҳолате имконпазир аст, ки ҳамаи тарафҳо ба раванди видеоконференсия дахолат накунанд ва ҳангоми гузаронидани ҷаласа нисбат ба интиқоли иттилоот дурустӣ эҳтиёт намоянд.

Ҳамчунин, мо метавонем ду масъалаи муҳимро ба назар гирем, ки метавонанд дар амалҳои тафтишӣ ва истифодаи видеоконференсия пайдо шаванд:

1. Сабти ғайримақсаднок ё барзиёд метавонад барои баъзе ҳолатҳо ғайримақбул бошад, хусусан агар сабти автоматии ҷаласаи видеоконференсия аллакай мавҷуд бошад. Вақте ки сабти дастӣ ё манъ кардани сабт дар ҳолатҳои муайян беҳтар бошад, пас метавонад барои гирифтани қарорҳои асоснок кӯмак кунад.

2. Як масъалаи асосӣ ин аст, ки тартиби имзои протоколи видеоконференсия бояд дуруст муаян карда шавад. Дар ҳамин ҳол, протокол бояд на танҳо ҷараёни муҳокимаҳои фосилавиро дар шакли видео мунтазам сабт кунад, балки шиносоии дуруст ва тасдиқ кардани натиҷаҳои он низ муҳим аст.

Шакли фосилавии амали тафтишӣ, мавҷудияти натиҷаи технологӣ дар шакли сабти видео, ба назари мо як роҳи нисбатан устувори ҳифзи маълумоти далелҳо мебошад. Аз ин рӯ, сабт дар шакле, ки қонуни мурофиавии ҷиноятии муосир талаб мекунад ба назари мо зарур аст.

Яке аз роҳҳои муосири ба роҳ мондани амалҳои тафтишӣ, ки бо истифодаи видеоконференсия ва технологияҳои фосилавӣ анҷом дода мешаванд, шиносоии протоколи амали тафтишӣ ва сабти видеоии ҷараёни тафтишот мебошад. Ба назар мерасад, ки шиносоии протокол ва сабтҳои видеоӣ метавонанд ба таври соддакардашударо анҷом дода шаванд, ки беҳтаринаш фиристодани сабти видео ба суроғаҳои почтаи электронии иштирокчиён аст. Ин равиш метавонад дар як вақт имкони шиносоии далелҳо, пешниҳоди шарҳҳо ва арзи фикрҳоро дар бораи тартиби амали тафтишӣ фароҳам оварад. Дар ин роҳ, иштирокчиён метавонанд пас аз шеносоии протокол ва сабти видеоии амалҳои тафтишӣ, назари худро дар бораи тартиби амалҳо пешниҳод намуда, ба он шарҳ ё эзоҳ диҳанд.

Бо назардошти ҳамаи гуфтаҳо, истифодаи видеоконференсия ва технологияи фосилавӣ дар амалҳои тафтишӣ як роҳи муосир ва муассир барои ташаккул додани раванди тафтишот мебошад. Воситаҳои техникӣ на танҳо барои пурсиш ва рӯбарӯкунӣ, балки барои тамоми раванди тафтишот, аз ҷумла санҷиш кардани нишондодҳо дар маҳал, баррасии шаҳодатҳо ва гузаронидани эксперименти тафтишотӣ ба кор меравад. Ба ҳамин тариқ, технологияи видеоконференсия дар самти амалҳои тафтишии фосилавӣ имкони баланд бардоштани самаранокии раванди тафтишот ва дар айни замон ҳифзи ҳуқуқи иштирокчиёнро таъмин мекунад.

Мо шакли фосилавии амалҳои тафтиширо танҳо ихтиёрӣ мешуморем, ки истифодаи онҳо бояд комилан ба салоҳдиди муфаттиш вобаста бошад.

Формати фосилавии амали тафтишӣ воқеан як қатор масъалаҳои назариявиро ба рӯзномаи илмӣ меорад, ки бояд дар таҳқиқ ва таҳлил қарор гирад. Ин масъалаҳо аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ва технологӣ муҳим буда, барои таҷриба ва назарияи ҳуқуқӣ ҳалли дуруст ва аниқ талаб мекунанд.

Ҳалли аввалин масъала, ки бо он робита дорад, муайян кардани амали тафтишии фосилавӣ мебошад. Аҳаммияти он дар он аст, ки бояд ба таври аниқ муайян шавад, ки кадом амалҳои тафтишӣ метавонанд пурра ё қисман бо истифодаи технологияи фосилавӣ иҷро шаванд. Масалан, пурсиш, рӯбарӯкунӣ ва нишондиҳии шахсият, ки аксар вақт дар мурофиаи ҷиноятӣ ё таҳқиқи парвандаҳо гузаронида мешаванд, метавонанд бо истифодаи видеоконференсия ё дигар воситаҳои робитаи фосилавӣ анҷом дода шаванд. Ин ки кадом амалҳои тафтишӣ метавонанд дар формати фосилавӣ гузаронида шаванд, ба қоидаҳои ҷудогонаи қонун ва муқарраротӣ амалкунандаи ҳуқуқӣ вобаста аст.

– мушкилоти дигаре, ки ба назар мерасад, фарқият байни пешбурди фосилавии амали тафтишӣ ва иштироки фосилавӣ мебошад. Ин фарқият дар салоҳияти муфаттиш ё таҳқиқбаранда аст, ки имкон медиҳад, ки амали тафтишӣ бо истифодаи техника ва технологияи фосилавӣ анҷом дода шавад. Пешбурди фосилавии амали тафтишӣ, ки муфаттиш ё таҳқиқбаранда ба таври мустақим ва бо салоҳият қонунӣ амал мекунад, бо фарқияти интихоби иштирокчиён дар ҷараёни тасмимгиҳӣ ё таъриф кардани раванди амали тафтишӣ, ки дар он иштирок кардани дигар тарафҳо имконпазир аст, рӯбарӯ мешавад. Ба истилоҳ, муҳим аст, ки ба таври аниқ таъриф шуда бошад, ки кадом амалҳо бо иштироки мустақим ва кадом амалҳо бо истифодаи фосилавӣ бояд иҷро шаванд.

Албатта бояд ки дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ фарқияти амали тафтишии фосилавиро аз иштироки фосилавӣ дар амали тафтиши

муқаррар кард. Дар қонун муқаррар намудани асосҳои гузаронидани амали тафтиши фосилавӣ бояд муайян карда шаванд.

Барои муайян намудани муқаррароти умумӣ дар бораи имкони истифодаи воситаҳои техникӣ ва технологияҳо, аз ҷумла онҳое, ки формати фосилавии анҷом додани баъзе амалҳои тафтиширо пешбинӣ мекунанд, илова намудани моддаи махсуси қонунгузорӣ, ки шароити истифодаи технологияи фосилавиро танзим мекунад, метавонад кӯмак расонад. Мо чунин моддаеро пешниҳод мекунем, ки қоидаҳои дуруст ва шаффофро барои иҷрои амалҳои тафтиширо тавассути форматҳои фосилавӣ, аз ҷумла видеоконференсия , таъриф мекунад. Ба ҳамин тариқ, иловаи чунин модда метавонад шароити қонунӣ ва техникӣ барои истифодаи чунин технологиҳоро муайян созад:

Моддаи 197[1]. Хусусиятҳои пурсиш бо истифода аз воситаҳои илмию техникӣ дар низоми алоқаи фосилавӣ.

1. Пурсиши ҷабрдида ё шоҳид метавонад бо истифода аз воситаҳои илмию техникӣ дар ҳолати алоқаи видеоӣ бо даъвати онҳо ба мақомоти тафтишии маҳали пешбурди парвандаи ҷиноятӣ. Ҳангоми пурсишҳои фосилавӣ иштирокчиёни амали мурофиавӣ шаҳодати шахси пурсишшавандаро тавассути пахши мустақим бевосита қабул мекунанд.

2.Пурсиши фосилавӣ дар шароити зерин анҷом дода мешавад:

1).Агар шахс бо сабабҳои бад будани вазъи саломатӣ ё дигар ҳолатҳои менеакуннандаи иштироки бевосита наметавонад ба мақомоти тафтишотӣ дар маҳали пешбурди тафтиши (судӣ) парвандаи ҷиноятӣ ҳозир шавад;

2) Агар таъмини амнияти шахс зарур бошад;

3) Барои пурсидани шоҳидон ё ҷабрдидагони ноболиғ;

4) Барои таъмини иҷрои шартҳои тафтиши пешакӣ ва баррасии судии парванда;

5) Агар асосҳои барои сарф кардани маблағҳои иловагӣ вуҷуд дошта бошанд.

3. Қарор дар бораи анҷом додани пурсишҳои фосилавӣ аз ҷониби муфаттиш ё бо пешниҳоди тараф ё дигар иштирокчиён ё бо пешниҳод ё дархости прокурор қабул мешавад.

4.Истифодаи воситаҳои илмӣ - техникӣ ва технологияҳо ҳангоми пурсишҳои фосилавӣ бояд сифати мувофиқи тасвир ва садо, инчунин амнияти иттилоотиро таъмин намояд.

5. Раванд ва натиҷаи ҷараёни амали тафтиши тавассути алоқаи видеоӣ анҷом додашуда дар протокол тибқи талаботи моддаи 200 ҳамин Кодекс, инъикос карда мешавад. Дар протоколи пурсиши фосилавӣ маълумот дар бораи воситаҳои илмӣ - техникии сабти видео, ки бо ёрии он амалиёти тафтишотӣ анҷом дода мешавад, оварда мешавад.

Талаби шахси пурсишшаванда дар бораи ворид намудани илова ва тавзеҳот ба протокол бояд ҳатмӣ иҷро карда шавад.

### 3.3. Истифодаи нейросет ва зеҳни сунъӣ дар раванди гузаронидани амалҳои тафтишӣ

Зимни омӯзиши моҳияти дастовардҳои прогресси илмию техникӣ ва аҳаммияти онҳо барои соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ баъзе технологияҳо на танҳо қобилияти васеъ намудани сатҳи маърифати тафакурриро доранд, балки инчунин ба амал баровардани баъзе унсурҳои функсияи равонӣ, маърифатии шахс, ки сабаби дар фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ ҷорӣ намудани навгониҳои нав пешпини мегардад. Пайвастани як қатор технологияҳо бо фаъолияти зеҳнӣ боиси муттаҳид шудани онҳо дар зери мафҳуми ягонаи «зеҳи сунъӣ» гардид ва имконоти ин низом баҳсҳои илмиро, ки таҷрибаи татбиқи технологияҳои рақамиро дар мурофиаи ҷиноятӣ баррасӣ мекунанд, такмил доданд [120, с. 10-14]. Истифодаи технологияи рақамӣ бо шарофати хусусияти асосии шабакаҳои нейронӣ - қобилияти коркарди ҳаҷми зиёди иттилоот, таълим додан ва ташаккул додани моделҳои забонӣ имконпазир

гардид, ки имрӯз барои таҳияи ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ ва дигар матнҳо роҳои нави он амали карда шавад.

Шабакаи нейронӣ (нейросет) як сохтори математикӣ ва ҳисобкунанда аст, ки бо истифода аз принсипи кори нейронҳои мағзи инсон барои пешнищоди андешаҳо, омӯзиш ва қабул кардани қарорҳо сохта шудааст. Он асосан аз қабатҳои гуногуни нейронҳо, ки пайвандҳои байни онҳо маълумотро интиқол медиҳанд, иборат аст. Ҳар як нейрон ба таври алоҳида амал мекунад ва дар натиҷа шабакаи нейронӣ метавонад функсияҳои мураккабро иҷро кунад. Шабакаҳои нейронӣ бар асоси маълумот омӯзиш мебинанд ва робитаҳо байни "нейронҳо"–ро ташкил медиҳанд, ки имкон медиҳад онҳо бо таҷриба кори худро такмил диҳанд.

**Тавсифи мафҳумии нейросет:**

Нейросет — ин як системаи нейронҳо мебошад, ки байни ҳам пайванд шудааст. Ин нейронҳо қабатҳоро ташкил медиҳанд: қабати воридотӣ, қабатҳои пӯшида ва қабати баромад. Ҳар як нейрон дар қабат маълумоти воридиро мегирад, онро коркард мекунад ва натиҷаро ба қабати дигар мефиристад. Марҳалаи омӯзиш дар нейросет тағйир додани вазнҳои робитаҳо байни нейронҳо аст, ки имкон медиҳад шабака кори худро беҳтар кунад.

Аломатҳои нейросет:

1. Зиёдқабатӣ: Нейросет аз якчанд қабати нейронҳо иборат аст. Ҳар чӣ бештар қабатҳо, ҳамон қадар шабака мураккаб ва тавоно хоҳад буд.

2. Омӯзиш бо маълумот: Нейросет бо кӯмаки намунаҳо меомӯзад, ки дар он шабака қоидаҳо ва намунаҳоро меёбад.

3. Адаптатсионӣ: Шабака метавонад сохту рафторашро дар асоси маълумоти гирифташуда тағйир диҳад, ки дақиқии онро беҳтар мекунад.

4. Коркард кардани маълумот: Нейросетҳо қобилияти коркард кардани миқдори зиёд маълумот ва ёфтани ҳал барои масъалаҳои мураккабро доранд.

5. Моделсозии равандҳои биологӣ: Нейросетҳо дар асоси кори мағзи инсон ва шабакаҳои нейронӣ илҳом гирифта шудаанд, ки ба онҳо имкон медиҳад баъзе ҷанбаҳои фикрронии инсонро тақлид кунанд.

Шабакаҳои нейронӣ дар соҳаҳои гуногун, ба монанди зеҳни сунъӣ, коркард кардани тасвирҳо, гӯшу сухан, расонаҳо, тиб ва дигар соҳаҳо истифода мешаванд.

Истифодаи шабакаҳои нейронӣ дар тафтишоти ҷиноятҳо метавонад самаранокии кори муфаттишони прокуратураро ба таври назаррас баланд бардорад. Худи ҳамин гуна баъзе мисолҳо, ки шабакаҳои нейронӣ метавонанд дар ин соҳа истифода шаванд:

– Шабакаҳои нейронӣ бо истифода аз алгоритмҳои мураккаб ва хосиятҳои таълимии худ метавонанд миқдори зиёди маълумотро бо суръат ва дақиқии баланд таҳлил кунанд. Ба вижа, шабакаҳои нейронӣ метавонанд дар таҳлил ва коркард кардани маълумоти гуногун, ба монанди гузоришҳо, шаҳодатҳо, тасвирҳо, наворҳои видеоӣ ва маълумотҳои сабти шабакаҳои иҷтимоӣ хеле муфид бошанд.

– Истифодаи маълумоти ҷиноятҳо, шабакаҳои нейронӣ метавонанд пешгӯӣ кунанд, ки кадом ҷой ва кай метавонанд баъзе намудҳои ҷиноятҳо рух диҳанд, ки ин имкон медиҳад, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тадбирҳои пешгирикунанда амал кунанд.

– Шабакаҳои нейронӣ метавонанд дар таҳлили тасвирҳо ва видеоҳое, ки аз камераҳои назоратӣ сабт шудаанд, гумонбаронро муайян кунанд. Ин метавонад ба манзури шиносоии шахсони мушаххас дар ҳолатҳои ҷиноятӣ, акси криминалӣ ё садамаҳо кӯмак кунад. Алгоритмҳои шиносоии чеҳра (face recognition) ва ё шиносоии ҳаракатҳои одамон метавонад тавассути муқоиса бо базаи рақамӣ ё маълумоти пешакӣ омодашударо муайян кунад.

– Шабакаҳои нейронӣ метавонанд ба таҳлили маълумоти ниҳонӣ, маълумотҳои шабакаи интернет ва ё файли кӯҳна, ки дар дастгоҳҳои электронӣ нигоҳ дошта мешаванд, кӯмак кунанд. Онҳо метавонанд дар ёфт

кардани маълумот, ки ба ҷиноятҳо ва рафторҳои ғайриқонунӣ марбутанд, кӯмак расонанд. Барои намуна, дар шиносоии паёмҳои кӯҳнаи электронӣ, ё ҷустуҷӯи роҳҳои номаълуми дастрасӣ, шабакаи нейронӣ метавонад кӯмак кунад, ки маълумоти ҷолибро зудтар ёфтан.

– Шабакаҳои нейронӣ метавонанд паёмҳои матнӣ, номаҳо, мусоҳибаҳо ва дигар шаклҳои муоширатро таҳлил кунанд, то маъноҳои пинҳон, намунаҳо ё ҳатто ҳолатҳои эмотсионалӣ дар иштирокчиёни мурофиаро ошкор созанд.

– Шабакаҳои нейронӣ метавонанд маълумот дар бораи ҷиноятҳои гузашта барои сохтани профилҳои психологӣ ҷинояткорони эҳтимолиро муайян кунад.

Аз ин рӯ, технологияҳои асосёфтаи зеҳни сунъӣ, аз ҷумла шабакаҳои нейронӣ, метавонанд раванди тафтишоти ҷиноятҳоро зудтар ва беҳтар кунанд, вале инчунин бояд назорати дақиқи онҳо анҷом дода шавад, то хатоҳо ва тафсирҳои нодуруст пешгирӣ шаванд.

Ба ақидаи Бессонов А.А. зикр мекунад, роҳи баланд бардоштани амалҳои тафтиши ва ҷустуҷӯи истифодаи зеҳни сунъӣ мебошад [190].

Зеҳни сунъӣ — ин як соҳаи илм ва техника мебошад, ки дар он барои тасаввур кардани ва истифода кардани зеҳни инсонӣ дар компютерҳо ва машинҳо кӯшиш мешавад. Зеҳни сунъӣ ба системаҳои компютерӣ имкон медиҳад, ки бо усули мустақил ва автоматикӣ ба иҷрои вазифаҳо пардохта, қарорҳои мустақилона қабул кунанд ва масъалаҳои мураккабро ҳалл намоянд, ки дар баъзе мавридҳо ба назар мерасад, ки онҳо рафторе монанд ба фаъолияти интеллекти инсонӣ. Зеҳни сунъӣ маҷмӯи усулҳо ва алгоритмҳо мебошад, ки ба компютерҳо ё системаҳои дигар имкон медиҳанд, ки одамонро тақлид кунанд ва амалҳое, ки мантиқ ва зеҳнро талаб мекунанд, ба таври автоматикӣ иҷро кунанд. Зеҳни сунъӣ метавонад шиносоии образҳо, гирифтани қарор, дарк кардани забон, кӯмак ба пешгӯӣ ва дигар вазифаҳоро ба иҷро расонад:

1. Омӯзиш ва такмилёбӣ: Зеҳни сунъӣ аз таҷрибаҳои гузашта ё маълумотҳои гирифтаро истифода мекунад ва ба онҳо ҳамчун дониш барои дуруст кардани қарорҳо ва беҳтар кардани иҷрои вазифаҳо нигоҳ медорад.

2. Зеҳни сунъӣ қобилият дорад, ки қарорҳоро ба таври мустақил қабул намуда, амалҳоеро анҷом диҳад, яъне метавонад бидуни таъсири мустақим ё роҳнамоии инсонӣ вазифаҳоро иҷро кунад.

3. Моделсозӣ ва такроршавӣ: Моделсозии нақшаҳои мустақил ва амалҳои автоматикӣ барои мушоҳида ва такрорӣ рафторҳои инсонӣ аз аломатҳои асосии зеҳни сунъӣ мебошад.

4. Ҳалли масъалаҳо ва пешгӯӣ: Зеҳни сунъӣ дар ҳал кардани масъалаҳои мураккаб ва таҳлили маълумотҳо барои пешгӯии натиҷаҳо ё ҳолатҳои оянда истифода мешавад.

5. Шиносоии образҳо ва забон: Зеҳни сунъӣ метавонад тасвирҳо, овозҳо ва маълумотҳои дигарро шиносоии автоматикӣ кунад ва онҳоро барои фаҳмидани маъно истифода барад.

6. Интераксияи табиӣ бо инсон: Зеҳни сунъӣ дар соҳаҳои гуногун, ба монанди робитаҳои табиӣ бо забон, чат–ботҳо ва дигар гунаҳои робита бо инсонҳо барои беҳтар кардани тавонмандии истифодаи технологияҳои компютерӣ истифода мешавад.

Зеҳни сунъӣ имрӯз дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт, ба монанди тиб, мошинсозӣ, таълим, таҳлил ва ғайра мавриди истифода қарор гирифтааст, ва имкониятҳои он рӯз ба рӯз меафзоянд.

А. Александров, О.И. Андреева ва О. Зайтсев дар асарҳои худ зикр мекунанд, ки имкониятҳои зеҳни сунъӣ, ки сифат ва самаранокии мурофиаи ҷиноятиро беҳтар мекунанд ва, имкон медиҳад имкониятҳои шахси воқеиро бо зеҳни сунъӣ иваз кард: а) ба таври оперативӣ маълумот додан дар бораи ҷинояти содиршуда ба воситаи ягон канали алоқаи техникӣ; б) истифодаи маълумоти бузург аз низоми баҳисобгирии муҳосибӣ барои шиносоии ҷинояткор; в) муайян намудани аломатҳои ҷиноят; г) таҳияи лоиҳаи фикри

айбдоркунанда, қарорҳои муфаттиш ва дигар амалҳо [74, с. 199-207]. Ҳамзамон, эҳтимоли рушди рақамии мурофиаи ҷиноятӣ дар ҳолатҳои мухталиф таҳлил карда мешавад [110, с. 55-58].

Дурнамои ҷорӣ кардани зеҳни сунъӣ (ЗС) дар мурофиаи ҷиноятӣ як мавзуи муҳим ва пешрафта аст, ки таҳқиқи амиқро талаб мекунад. Технологияҳои зеҳни сунъӣ метавонанд дар соҳаҳои гуногуни мурофиаҳо кӯмак кунанд. В.В. Момотов, чунин мешуморад, ки ҳангоми баррасии парвандаҳои маданӣ ва маъмурӣ оид ба масъалаҳои баҳснашаванда метавон аз зеҳни сунъӣ барои ҳалли масъалаҳои хеле махсусгардонидашуда истифода кард [191].

